ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Ба ҳуқуқи дастнавис

ТАҒОЕВА ТАҲМИНА МУРОДҚУЛОВНА

ХУСУСИЯТҲОИ МИЛЛИЮ ФАРҲАНГИИ ЗООМОРФИЗМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, дотсент Матробиён С. Қ.

Душанбе – 2024

МУҚАДДИМА **3**
БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ ЗООМОРФИЗМҲО ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР **13**
1.1.Баррасии мавзуъ **13**
1.2.Ҷанбаҳои фарҳангии забон ва таҳқиқи онҳо дар забоншиносии муосир . **14**
1.2.1.Коннотатсия воситаи инъикосгари хусусиятҳои миллию фарҳангии забон .23
1.3. Шарҳи истилоҳи “зооморфизм” ва таснифоти он дар забоншиносӣ..... **30**
1.4.Пажуҳиши зооморфизмҳо дар забоншиносии ҷаҳонӣ ва назари забоншиносон доир ба онҳо **34**
1.5.Мавқеи зооморфизмҳо ҳамчун воситаи образноку таъсирбахш дар забон **46**
Хулосаи боби I **50**
БОБИ II. ВИЖАГИҲОИ МАЪНОЙ ВА МИЛЛИЮ ФАРҲАНГИИ ЗООМОРФИЗМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ **53**
2.1.Баррасии мавзуъ 53
2.2.Таснифи маънои зооморфизмҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ..... 55
2.3. Хусусиятҳои маъноии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.. 64
2.4. Вижагиҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисҳо 75
2.4.1. Ифодаи рамзҳои зооморфӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологии..... 78
забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 78
2.4.2.Ифодаи зооморфизмҳо дар таркиби зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ..... 102
Хулосаи боби II 117
БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ ГРАММАТИКИИ ЗООМОРФИЗМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ **119**
3.1. Баррасии мазуъ **119**
3.2. Ибораҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ **119**
3.2.1. Ибораҳои фразеологии исмӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ 120
3.2.2. Ибораҳои фразеологии сифатӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ 122
3.2.3. Ибораҳои фразеологии феълӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ 123
3.3. Таркибҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ **135**
3.3.1.Таркибҳои фразеологии ҷуфт (копулятивӣ) бо ҷузъҳои зоонимӣ..... 135
3.3.2.Таркибҳои фразеологии пешояндӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ..... 136
3.3.3.Таркибҳои фразеологии пешояндии феълӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ..... 136
3.4.Ҷумлаҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ **140**
3.4.1. Ҷумлаҳои фразеологии сода бо ҷузъҳои зоонимӣ..... 141
3.4.2. Ҷумлаҳои фразеологии мураккаб бо ҷузъҳои зоонимӣ 145
Хулосаи боби III **147**
ХУЛОСА **150**
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо **155**
ФЕҲРАСТИ АДАБИЁТ **157**
ЗАМИМА **179**

МУҚАДДИМА

Дар диссертатсия хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар забони тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудаанд.

Аҳаммияти таҳқиқ. Таҳқиқи луғати зоонимӣ ва мавқеи истифодабарии он дар забоншиносӣ мавқеи махсус дошта, доир ба омӯзиши зооморфизм забоншиносони ватаниву хориҷӣ корҳои илмии зиёдро офаридаанд. Пажуҳиши он методу усулҳои махсусро тақозо мекунад, ки дар мактаб ва ҷараёнҳои забоншиносии муосир мавриди истифода қарор гирифтаанд. Зооморфизм – як навъи таассуроти асотирӣ буда, дар асоси зоонимҳо, яъне номҳои умумии ҳайвоноту парандагон ба вуҷуд омадааст ва ҳамчун санъати баланди суханварӣ барои муқоисаи хусусиятҳою вижагиҳои ҳайвону инсон истифода мешавад. Яъне ба рафтору кирдори инсонҳо дар робита ба рафтори ҳайвонҳо баҳо дода мешавад. Истилоҳи “зооморфизм” аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънои табдил ёфтани одамон ба шакли ҳайвоноту парандагон ва хазандагон ва дар сурати ҳайвонот зиндагӣ кардани инсонҳо мебошад. Зооморфизм асоси омӯзиши забоншиносии сохторӣ, иҷтимоӣ, минтақавӣ, муқоисавию таърихӣ, типологӣ, этнолингвистика ва психолингвистика дониста мешавад.

Омӯзиши мавзуи мазкур аз он ҷиҳат муҳим арзёбӣ мегардад, ки то инҷониб муайян кардани хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар шакли муқоисаи ду забон: тоҷикӣ ва англисӣ ба роҳ монда нашудааст. Рисолаи илмии мазкур аввалин кори илмиест, ки ба омӯзиши ҳаматарафаи зооморфизмҳо бахшида шуда, ин бахши лексикаро дар чаҳорчӯбаи хусусиятҳои миллию фарҳангӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Маводи ҷамъовардашуда доир ба зооморфизмҳо метавонад пеш аз ҳама барои илми забоншиносӣ ва баъдан барои фольклор, таърих, этнография, этнология ва теология маводи дорои арзиши баланд дониста шавад. Таҳқиқу омӯзиши зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ имконият медиҳад, ки зооморфизмҳои ду забони муқоисашаванда: забони тоҷикӣ ва англисӣ бо

назардошти хусусиятҳои миллию фарҳангии онҳо мавқеи худро дар низоми воҳидҳои лексикӣ пайдо намоянд.

Аз ин лиҳоз, мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтани зооморфизмҳои ду забон ба нуктаҳои дар боло зикргардида алоқаманд буда, он падидаи нав дар таҳқиқи зооморфизмҳо, бо назардошти таҳлили хусусиятҳои этномаданӣ дониста мешавад.

Таҳлили забоншиносии ҷанбаҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дорои аҳаммияти калон ва арзиши баланд мебошад. Дар такя ба мулоҳизаҳои зикргардида интихоби мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии забоншиносӣ доир ба зооморфизмҳои ду забони омӯхташаванда саривақтӣ дониста шуда, аз аҳамият холӣ нест.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Омӯзиши паҳлӯҳои норавшани лексикаи зооноимӣ ва ё зооморфизмҳо солҳои дароз диққати олимонро ба худ ҷалб намуда, вобаста ба ин мавзуъ асарҳо ва мақолаҳои зиёди илмӣ таълиф гардидаанд.

Дар омӯзиш ва таҳқиқи зооморфизмҳо хизмати муҳаққиқони ватанӣ М. Аламшоев, О. Қосимов, С. Қ. Матробиён, Қ. Т. Ғафорова, А. Мирбобоев, Д. Раҳимӣ, З. Абдувалиева, М. А. Юсупова, Ф. М. Орипова, Д. А. Бобоҷонова, К. И. Ҷабборова, Н. З. Парвоева ва хориҷӣ Т. Г. Бочина, Е. М. Брославская, А. И. Киприянова, Н. А. Клушин, Л. Ф. Миронюк, А. М. Пришепчик, Е. В Рубанова, С. В. Свионтковская ва дигарон шоистаи зикр мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки ба таҳлилу таҳқиқи лексикаи зоонимӣ, аз ҷумла зооморфизмҳо дар забоншиносии тоҷик ҳам асарҳо ва мақолаҳои алоҳидаи илмӣ бахшида шудаанд. Ҳамчунин, дар таркиби рисолаҳои илмии муҳаққиқон дар шакли зербобҳои дохили бобҳои мукаммал мавриди омӯзиш қарор гирифта шудаанд.

Ягона асарҳои мукаммали илмӣ, ки ба масъалаи зооморфизмҳо бахшида шудаанд, кори илмӣ-тадқиқотии забоншиносон Қ. Т. Ғафорова «Сопоставительный анализ фразеологических единиц с зоонимами и

фитонимами в таджикском, немецком и русском языках» [45], Д. М. Мардонова «Сопоставительный анализ фразеологических зоонимов в английском и турецком языках» [103] мебошанд. Ҳамчунин, дар рисолаи илмии муҳаққиқи ҷавон Н. Парвоева як боби алоҳидаи кор ба масъалаи зооморфизмҳо бахшида шудааст [128].

Дар баробари асарҳо, инчунин, мақолаҳои Ф. М. Орипова «Лексикаи зооно̄мӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [124], З. Абдулвалиева «Муносибатҳои эквономии зоонимҳо бо маънои умумии “тагал/гӯсфанд” дар асоси макросистемаи функционалию маъно̄й» [2], Д. А. Бобоҷонова «Номвожаҳои ифодагари ҳайвоноту махлуқоти дигар дар «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низоми Ганҷавӣ» [30] ва дигаронро низ метавон номбар кард.

Бояд зикр кард, ки масъалаи зооморфизмҳо дар фолклоршиносии тоҷик низ мавриди пажуҳиши махсус қарор дорад. Аз ҷумла, мақолаи фолклоршиноси тоҷик Д. Раҳимӣ «Мавқеи зооморфизм дар афсонаҳои сеҳромӯзи тоҷик» [138] намунаи барҷастаи ин аст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Натиҷагирӣ аз кори илмии мазкур барои пешбурди барномаҳои таълимии самти типололгияи муқоисавӣ муфид дониста шуда, он яке аз корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Точикистон ба номи Сотим Улуғзода мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқот ин муайян намудани хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Ҳамчунин, таҳлили вижагиҳои зооморфизмҳо аз назари муқоисавӣ ва типологӣ ва ошкор намудани нишонаҳои умумӣ ва мухталифи типологии зооморфизмҳо дар забонҳои муқоисашаванда ҳадафи асосии таҳқиқ маҳсуб меёбад. Ҷиҳати амалӣ шудани мақсади таҳқиқот ҳалли **вазифаҳои** зеринро ҳадафи кори худ қарор додем:

– ҷамъоварӣ ва таснифи мавзуии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

– дар заминаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян кардани хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо;

– таҳлили хусусиятҳои лексикию семантикии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

– тасниф намудани зооморфизмҳо аз рӯйи хусусияҳои коннотативӣ (мусбӣ ва манфӣ);

– таҳлили мавқеи корбурди зооморфизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

– муайян сохтани мавқеи корбурди зооморфизмҳо дар таркиби зарбулмасалу мақол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

– таҳлили хусусиятҳои коннотативии зооморфизмҳо дар ду забони омӯхташаванда;

– шарҳи хусусиятҳои маҷозии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

– муайян кардани басомади зооморфизмҳо дар забонҳои омӯхташаванда ва мавқеи онҳо дар инъикоси хусусиятҳои миллию фарҳангии ду халқият: тоҷик ва англис;

– муайян намудани хусусиятҳои грамматикии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқи рисолаи дисертатсиониро воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки дар таркиби худ зооморфизмҳо доранд, ташкил медиҳанд.

Мавзуи таҳқиқ. Пажуҳиши муқоисавии хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва баррасии умумию таснифии онҳо мавзуи таҳқиқот мебошад.

Методҳои тадқиқот. Омӯзиши масъалаҳои асосии илмӣ ва натиҷагирӣ аз рисолаи илмӣ бо усулҳои муқоисавӣ ва таҳлилӣ, синхрониву диахронӣ, усули

оморӣ, усулҳои мусоҳиба ва пурсиш таҳия, системасозӣ ва умумӣ кардани маълумот асоснок ва тасдиқ гардидаанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асарҳои илмию назариявии олимони забоншинос И. М. Снегирев [1848], А. А. Потебня [1895], И. В. Дал [1899], Ф. И. Буслаев [1959], О. Широкова [1931], М. А. Рибникова [1961], В. П. Фелитсина [1979], С. Г. Гаврин [1958], А. М. Бабкин [1964], А. А. Молотков [1967], В. П. Жуков [1978], В. М. Мокиенко [1989], Н. М. Шанский [1985] асосҳои назариявии пажӯҳиши мазкурро ташкил медиҳанд. Боиси қайд аст, ки масъалаҳои назариявии зооморфизмҳо дар забону фарҳангҳои гуногуни ҷаҳон, хусусан дар зарбулмасалу мақолҳо маҳаки асосии таҳқиқ маҳсуб меёбанд. Дар забоншиносӣ ва фолклоршиносии тоҷик бошад, доир ба ин масъала назарияи муҳақққон Н. Маъсумӣ [1959], Р. Ғаффоров [1966;1990], Б. Тилавов [1962, 1967], Ҳ. Ҳусейнов [1963;1973], Б. Камолиддинов [1967], М. Фозилов [1976], Я.И. Калонтаров [1989], Ф. Муродов [2001], Ф. М. Турсунов [2006], С. Алихонова [2006], О.Ш. Иқболов [2017], Ш. А. Норов [2018], А. Юнусӣ [2019], Н. Парвоева [2022] асоси таҳқиқоти мазкурро дар бар мегирад.

Ҳамчунин, ба масъалаҳои муқоисавӣ ва андешаҳои лингвофарҳангӣ ба олимони тоҷик П. Ҷамшедов [2010], М. Т. Ҷабборова [2006], М. Аламшоев [2002], Ф.М. Турсунов [2006], О. О Муҳаммадҷонов [2010], О. Қосимов [2010], А. Мирбобоев [1991], С. Қ. Матробиён [2005; 2023], М. Иматшоева [2010], М. Броимшоева [2006], М. Бобомуродова [2012], Т. Ашӯрова [2017] ва ба забоншиносони рус В.Г. Костомаров [1983], Ю. Д. Апресян [1995], А. Вежбиская [1996], В. В. Воробёв [1997], Ю. С. Степанов [1997], С. Г. Тер-Минасова [2000], В. А. Маслова [2001], В. И. Карасик [2004], Н. Н. Семененко [2004], Е.И. Селиверстова [2009] М.Ю. Котова [2010], В.В. Красних [2018] ва дигарон такя намудем.

Пойгоҳи таҳқиқот. Пойгоҳи таҳқиқотро маҷмуи зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ: «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ» [207], «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (фарҳанги

фразеологӣ)»-и М. Фозилов [205; 206] ва аз забони англисӣ: «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ-англисӣ-русӣ»-и Субҳинисо Бегматова [193], «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А.Мамадназаров [198; 199], «Большой англо-русский словарь»-и В. К. Мюллер [200; 201] ва «Англо-русский фразеологический словарь»-и А. В. Кунин [197], инчунин фарҳангҳои В. И. Дал [196], В. П. Жуков [194], Р. Райдаут, К. Уиттинг [202], Донишгоҳи Оксфорд [210; 211; 212; 234] ва ғайра ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Рисолаи илмӣ аввалин кӯшише дар таҳлилу баррасии хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Навгонии дигари диссертатсияи мазкур дар он арзёбӣ мегардад, ки бори нахуст хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷиҳати лексикию семантикӣ, хусусиятҳои коннотативию экспрессивӣ ва хусусиятҳои метафорӣ таҳқиқ гардидаанд. Ҳамчунин, дар диссертатсияи мазкур таҳқиқи сохтори маъноӣ ва грамматикии зооморфизмҳо дар забонҳои муқоисшаванда анҷом дода шудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Зооморфизмҳо хусусан дар зарбулмасалу мақолҳо ва воҳидҳои фразеологӣ истифода мешаванд. Онҳо хусусиятҳои миллию фарҳангӣ, аз ҷумла анъана, урфу одат ва мероси маънавии ин ё он халқро инъикос менамоянд, ки барои ҳалли масъалаҳои забоншиносии фарҳангӣ мусоидат мекунанд.

2. Дар зооморфизмҳо хислату хусусият ва андешаю тафаккури мардумони забонашон муқоисашаванда ба таври хос инъиксос меёбанд. Зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ қисмати пуробуранги ҳар ду забонро ташкил намуда, ҷанбаҳои фарҳангии онҳоро равшан нишон медиҳанд.

3. Омӯзиши муқоисавии зооморфизмҳои забонҳои омӯхташаванда барои таҳқиқи муқоисавии дигар вомвожаҳои зоонимӣ замина фароҳам меоварад.

4. Ҷанбаҳои фарҳангии зооморфизмҳо олами воқеӣ ва маънавии инсонҳоро инъикос менамоянд. Дарки олами атроф ва муҳити онро барои инсон – соҳибони забонҳо осонтар ва ҷаҳони андешаро фарохтар мегардонад.

5. Зооморфизмҳо дар гуфтори ҳамешагии соҳибзабонон иштирок мекунанд ва дар ташаккули тасвири забонии ҷаҳон дар ҳар забон – тоҷикӣ ва англисӣ иштирок нумуда, ҳувияти миллӣ ва фарҳангии соҳибзабононро нишон медиҳанд.

6. Хусусиятҳои коннотативии зооморфизмҳо ифодагари маъноҳои мусбӣ ва манфии онҳо дар ду забони муқоисашаванда дар контексти матн мебошад.

7. Ифодаи метафорашавии зооморфизмҳо барои нишон додани хусусияти миллию фарҳангии монандкунии сифоти ҳайвонот ба хислати инсонӣ хизмат мекунад.

8. Зооморфизмҳо, ҳамчун қисмати таркибии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, бо таъриху фарҳанг ва ҳаёти иҷтимоии мардум алоқамандии зич дорад.

9. Мақоми зооморфизмҳо дар лексикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ махсус буда, ҳамчун зарфияти забонӣ барои тавсифи маълумоти фаровони миллию фарҳангӣ, таърихӣ ва ақидатӣ низ хизмат мекунад.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур барои корҳои пажӯҳишии минбаъда дар соҳаҳои забоншиносии фарҳангӣ ва таҳқиқоти зарбулмасалу мақолҳо метавонад мусоидат кунад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии ин самтҳои забоншиносӣ метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асос ва замина барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмию назариявии ин самтҳо хидмат намоянд.

Хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва мӯкоисаи онҳо ба ҳалли масъалаҳо барои зоҳир намудани қонунияти умумӣ ва фардии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар соҳаи вожашиносӣ ва барои муайян намудани роҳҳои бештар муносиби тарҷумаҳои зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ба англисӣ мусоидат мекунанд. Чунин амал

барои ҳал намудани як қатор масъалаҳои ҷудогонаи тарҷумаи амалӣ ва назариявӣ кумак мерасонад.

Кори илмии анҷомёфта имкон медиҳад, ки дар баробари омӯзиши зооморфизмҳо хусусиятҳои этнолингвистию этнофарҳангии ду забон таҳқиқ гардида, умумияту фарқияти ин ду забони гуногуннизом муаяйн гардад. Дар баробари ин, таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун равияи нав дар омӯзиши зооморфизмҳои тоҷикӣ ва англисӣ хизмат намуда, барои пешбурди лексикаи зооморфӣ аз нуқтаи назари забоншиносӣ, фолклорӣ ва фарҳангӣ мусоидат намояд. Илова ба ин, зимни муайян намудани омилҳои пайдошавӣ ва ташаккули зооморфизмҳо, методҳои муқоисаи зооморфизмҳои забони англисӣ бо забони тоҷикӣ ба асосҳои миллию фарҳангии ин навъи вожаҳо низ равшанӣ андохта мешавад.

Аҳамияти амалии кори илмӣ дар он зоҳир мешавад, ки ба воситаи омӯзишу таҳқиқи ҷанбаҳои луғавии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, вижагиҳои луғавӣ ва услубии ин ду забон муайян гардида, хулосаҳои илмии ба дастомадаро метавон дар таълифи китобҳои забоншиносии фарҳангӣ, инчунин дар таҳияи луғатномаҳои фразеологӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ё фарҳангномаҳои дузабона, зимни гузаронидани курсҳо ва семинарҳои махсус доир ба лексика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода намуд.

Натиҷаҳои илмии ба даствоpарда метавонанд самти забоншиносии фарҳангиро вусъату рушд бахшанд. Маводи илмии таҳқиқот барои гузаронидани семинарҳо ва курсҳои махсуси доир ба забоншиносии фарҳангӣ, луғатшиносӣ, воҳидҳои фразеологӣ дар факултетҳои филологии донишгоҳҳои олӣ хизмат намуда, маводи гирдовардашудаи зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои мураттаб сохтани луғатномаҳои фразеологӣ заминаи мусоидро фароҳам меоварад. Илова бар ин, маводи зооморфизмӣ метавонад барои таҳияи луғати “Фразеологизмҳои зооморфизмӣ” истифода бурда шавад. Натиҷаҳои ба дастовардашуда дар асоси таҳлилҳои ҷанбаҳои миллию

фарҳангии зооморфизмҳои ду забони омӯхташаванда аз ду нуқтаи назар: таърихӣ ва коннотативӣ-мифологӣ арзишманд дониста мешавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Масъалаи таҳқиқоти мазкур бо таҳлилу баррасии назариявӣ ва қиёсу муқобилаи илмӣ таъмин буда, бар мабнои нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаи таҳқиқ бунёд ёфтааст. Ҳамчунин, диссертатсия дар асоси маъхазҳои муътамади илмӣ ва сарчашмаҳои дақиқ, ки дар феҳристи адабиёт дарҷ гардидаанд, рӯйи кор омада таҳлилу баррасӣ гардиданд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» нигошта шуда, мазмуни таҳқиқи он бо соҳаҳои забоншиносии фарҳангӣ, этнолингвистика, лексикология, лексикография ва фразеология созгор мебошад. Вобаста ба масъалаи таҳқиқот диссертатсияи аз ихтисоси илмии 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Муаллифи рисола бо такя ба маводи назариявии илмӣ ва маводи амалӣ – луғатномаҳою фарҳангномаҳо муҳимтарин хусусиятҳои вожагонӣ – маъноӣ, коннотативӣ ва маҷозии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисиро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои фарҳангӣ, таркиби вожагонӣ, мансубияти услубӣ, сохтори сарфии онҳоро муайян кардааст. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муҳаққиқ дар шакли таҳлили типологӣ-муқоисавӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқи назариявию амалии зооморфизмҳои ду забон: тоҷикӣ ва англисӣ сурат ёфта, дар ташаккули забоншиносии назариявӣ ва амалӣ саҳми арзандае мегузорад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Муҳтавои диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи байналмиллалии

забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (2018–2023) ва дигар конференсияҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсияи мазкур дар маҷлиси муштараки кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ ва кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Точикистон ба номи Сотим Улуғзода (суратҷаласаи №9/1 аз 30 апрели соли 2024) муҳокима шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, чор мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд. Рӯйхати онҳо дар охири автореферат оварда шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Рисола аз муқаддима 3 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола аз 194 саҳифаи чопӣ иборат аст.

БОБИ I.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ ЗООМОРФИЗМҲО ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР

1.1. Баррасии мавзуъ

Зоомофизмҳо ҳамчун як гурӯҳи луғавию семантикии вожаҳои лексикии забон таҳқиқ мешаванд. Ин гурӯҳи лексикӣ дар бораи низоми зоонимии ҳар як забон бо ифодаи хусусиятҳои гуногуни коннотативию метафоравӣ (маҷозӣ)-и онҳо маълумот медиҳанд. Омӯзишу таҳқиқоти онҳо диққати олимони ватаниву хориҷии зиёд, аз ҷумла: Е. А. Гутман [52; 53], А. А. Кунин [92; 93], Ф. А. Литвин, М. И. Черемисина [99]; О. А. Рижкина [142], Н. А. Киприянова [77], Т. В. Писанова [131], С. С. Огдонова [122], А. И. Смирнитский [152] ва дигаронро ба худ ҷалб намудааст. Новобаста аз хусусиятҳои лингвистиашон (сохтор, маънои луғавию семантикӣ, хосияти баҳогузории эҳсосӣ-экспрессивӣ, хусусиятҳои миллию фарҳангӣ) зооморфизмҳо маводи таҳқиқотии ғанӣ ва аҷоибро дар доираи забонҳои гуногун фароҳам овардааст.

Забоншиноси рус С. С. Огдонова дар бораи лексикаи зооморфӣ қайд намудааст: «Таҳқиқи лексикаи зооморфии забони русӣ ба воситаи хусусиятҳои коннотативӣ дар самти муқоисавӣ ва лингвофарҳангӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои таассуроти мардуми русро дар бораи олами ҳайвонот ва худаш, ки қисми ҷудонашавандаи забон дониста мешаванд, муайян месозад» [122].

Зооморфизмҳо дар асоси маводи забонҳои гуногун омӯхта мешаванд. Аз ин рӯ, забоншиносони гуногун ҷиҳати ифодаи ин гурӯҳи луғавӣ дар таркиби ҳар як забон нуқтаи назари мухталиф доранд ва дар асарҳои худ иброз намудаанд.

Дар боби мазкур ҷиҳати таҳвият бахшидаи ҷанбаи назариявии мавзуъ андешаҳои муҳаққиқони забоншиносро мавриди омӯзиш қарор дода, дар он ҷанбаҳои фарҳангии забон ва таҳқиқи онҳо дар забоншиносии муосир, шарҳи истилоҳи “зооморфизм” ва таснифоти он дар забоншиносӣ, назари

забоншиносон доир ба таҳқиқи зооморфизмҳо ва ифодаи ҷузъҳои зоонимӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ баррасмӣ мегарданд.

1.2. Ҷанбаҳои фарҳангии забон ва таҳқиқи онҳо дар забоншиносии муосир

Забони ҳар як ҳалқ ва фаҳмиши миллии онҳо дар ду асри охир диққати олимон-забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Доир ба масъалаи хусусиятҳои миллию фарҳангии забон забоншиносони асрҳои XIX-XX Ф.Ф. Фортунатов, К. Фосслер, А. Мартине, У. Вайнрайх, Ш. Балли, В. Матезиус, В.И. Абаев, Б. А. Серебренников ва бисёри дигарон андешаҳои худро дар асарҳои илмиашон иброз доштаанд. Омӯзиши масъалаҳои миллию фарҳангии забон дар асри XIX аз тарафи олими олмонитабор В. фон Ҳумболдт оғоз гардида, аз тарафи олимони дигар таҳқиқи масъалаҳои лингвофарҳангӣ ва назарияи робитаи байнифарҳангӣ ба роҳ монда шудаанд. Ба ин қатор корҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи забоншиносии равонӣ (психолингвистика)-и Леонтев (1965) ва А.Р. Лурия (1998), сотсиолингвистикаи Фишер (1975) ва Хаймс (1975), этнолингвистика, этнопсихолингвистикаи Крюков, Марковина, Сорокин (1977), лингвокултурологияи Снитко (1999), назарияи робитаи байнифарҳангии Рот, Коптелтсева (2001), Kelz (2000) назария ва амалияи тадриси забонҳои хоричӣ ва фарҳанг дар шароитҳои гуногуни Голишева (1999) дохил мешаванд.

Ҷанбаҳои миллию фарҳангии забон ба воситаи илмҳои дар боло зикргардида омӯхта шуда, ҳар яки онҳо масъалаҳои омӯзиши хоси худро дорад: «забон – халқ», «забон – фарҳанг», «забон – тафаккур – фарҳанг», «забон – идрок» ва ғ.

Мафҳуми ҷанбаҳои миллию фарҳангии ҳар як зуҳуроти забон аз ду ҷузъи асосӣ: гуногунии миллӣ ва гуногунии миллию фарҳангӣ иборат аст. Ҷузъи аввал муайянкунанда буда, ҷузъи дигар шартӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки бисёрии олимон забонро ба хусусияти нисбатан муҳимми мафҳуми «миллат» дохил мекунанд. Л.Н. Гумилёв қайд мекунад, ки забон на ҳама вақт воситаи муайянкунандаи мафҳуми «этнос» фаҳмида мешавад [51, 13]. Маълум аст, ки намояндагони як миллат метавонанд бо якчанд забон суҳбат кунанд. Инчунини дигар, намояндагони якчанд миллат метавонанд ба як забон мубодилаи афкор кунанд. Аз ин ҷо, хусусияти муҳимми миллат – забон ва фарҳанг (аниқтараш робитаи дутарафа ва таъсири дутарафа) дар чорчубаи лингвофарҳангӣ (забоншиносии фарҳангӣ) омӯхта мешавад.

Забон – воситаи дарккунӣ мебошад, ки тавассути он инсон олам ва фарҳангро мешиносад. Дар баробари ин, забон – воситаи маданият буда, инсонро сайқал медиҳад, рафтор, тарзи ҳаёт, ҷаҳонбинӣ, ҳувият ва худшиносии ӯро муайян месозад.

Забон на фақат олами инсонӣ ва маданияти ӯро инъикос мекунад, балки вазифаи асосии забон дар он зоҳир мегардад, ки он фарҳангро нигоҳ дошта, онро аз насл ба насл интиқол медиҳад. Аз ин ҷост, ки забон нақши ҳалкунандаро дар ташаккули шахсӣ ва хусусияти миллӣ, умумияти этникӣ ва миллати халқ дорад [162, 100].

Забон ҳамчун воситаи асосии инъиксокуннадаи сифати миллат ва маданияти миллиии ин ё он халқият буда, тавассути он хусусияти миллю фарҳангии он ифода мегардад [39]. Ҳар як фарҳанги миллӣ қисмати байналхалқии фарҳанги башарӣ ба шумор рафта, фардияти худро нигоҳ медорад.

Хусусияти муҳимми тадқиқоти забоншиносии муосир омӯзиши пурраи ҷанбаи миллию фарҳангии забонро дорад, зеро забон як ҷузъи фарҳанг мебошад, ки маълумоти фарҳангию таърихии хислати анъанавӣ ва омилҳои гуногуни муосирро дар худ нигоҳ дошта, инъикос мекунад. Забон ҳамчун оинаи фарҳанги миллӣ, ё муҳофизи он фаҳмида мешавад. Хислати миллию

фарҳангӣ, тибқи консепсияи В. Ҳумболдт дар забон ба воситаи диди олами воқеӣ инъикос мегардад.

Дар забон олами воқеӣ, гирду атрофи инсон, шароитҳои воқеии ҳаёти инсон, худшиносии ҷамъиятии ҳалқ, ҳувияти миллӣ, хислати миллӣ, тарзи ҳаёт, сохти арзишҳои миллӣ ва дарки муҳит инъикос ёфта, маҷмуи ин донишҳо табиати забони омӯхташавандаро ташкил медиҳанд, ки бе онҳо зуҳуроти забониро дарк кардан ғайриимкон аст.

Сарчашмаҳои муҳимми ифодаи хусусиятҳои миллию фарҳангӣ дар забон воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо мебошанд, ки тавассути шарҳи онҳо маъноҳои когнитивӣ ифода гардида, он дар асоси донистани фарҳанги мардум, анъанаҳои мардумӣ, расму ойин, амалӣ мегардад. Воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар нишон додани фаҳмишҳои миллию фарҳангии халқ ва муайянсозии он аҳаммияти муҳим доранд, зеро дар мазмуни образноки таркиби онҳо ҷаҳонбинии миллию фарҳангии мардум тасвир ёфтааст.

Дар байни воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо ва фарҳанги миллии мардум алоқаи мустақим мавҷуд аст. Дар забон ҳамон воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо нишон дода мешаванд, ки бо меъёрҳои миллию фарҳангӣ, қолабҳо ва мифологенҳо муттаҳид гардида, ҳангоми истифодабарии онҳо дар нутқ ҳувияти забонию фарҳангии ҳар як халқ ифода мегардад. Ҳангоми таҳқиқи ҷанбаи фарҳангии воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо забоншиносон ҳама вақт ба сарчашмаҳои пайдоиши онҳо махсус диққат медиҳанд.

Барои ифодаи самти маънои фразеологӣ, ки бо гуногунии миллию фарҳангии халқ алоқамандӣ дорад, истилоҳоти гуногун истифода мешаванд: «ҷузъи миллию фарҳангии семантика» (Е.М. Верещагин, В.Г. Костомаров), «ҷузъи идиоэтникӣ» (В.И. Кодухов), «ҷузъи сотсиофарҳангӣ» (В.Т. Малигин), «коннотатсияи фарҳангӣ» (В.Н. Телия). Гуногунии истилоҳот роҳҳои гуногуни муайян сохтани таркибҳои миллию назариявии воҳидҳои

фразеологиро, ки пойгоҳи методологӣ, методҳои гуногуни омӯзиш, дараҷаи омӯзиши маводи фразеологии гуногунро доранд, нишон медиҳад.

Ҳангоми муроҷиат кардан ба гуногунии масъалаҳои миллию фарҳангии фразеологизмҳо дар доираи парадигмаҳои антропологӣ чунин роҳҳоро, ки дар чор сатҳ ифода меёбад, қайд кардан муҳим аст: 1) маъноҳои фразеологӣ дар якҷоягӣ бо хусусиятҳои фарҳангии онҳо; 2) маънои ҷузъҳои лексикии алоҳидаи фразеологизмҳо; 3) маънои аслии ибораҳои озоди синтаксисӣ, ки аз назари образнокӣ дарк карда мешаванд; 4) алоқамандии хусусиятҳои миллию фарҳангии фразеологизмҳои асл бо воҳидҳои фразеологии бемуодил.

Ибораҳои фразеологие, ки дар таркибашон ҷузъҳои миллию фарҳангӣ мавҷуданд, аз мавҷуд будани калимаҳои хоси ин мардум дар таркибашон шаҳодат медиҳад ва онҳо дар таркиби ибораҳои фразеологӣ истифода шуда, воқеияти муайянро, ки фақат барои дорандаи як забон ва барои якчанд миллат мафҳуманд нишон медиҳанд.

Хусусияти миллии фразеологизмҳо метавонад таърихи мардумро инъикос намуда, анъанаҳои махсус, расму оин, хусусияти бунёдии он, ки дар нақши он дарҷ гардидааст, ифода менамояд.

Муқоисаи муодилнокии фразеологизмҳои забонҳои гуногун бо мақсади муайян сохтани тобишҳои миллӣ, хусусиятҳои миллию фарҳангӣ ашёи асосӣ барои муайян сохтани гуногунии миллию фарҳангии ибораҳои фразеологӣ дониста шудааст. Муқоисаи муодилнокии фразеологизмҳо бо мақсади муайян сохтани на «умумият», балки фарқият низ ба роҳ монда мешавад, ки гуногунии миллию фарҳангии муодилнокии фразеологизмҳои забонҳои омӯхташавандаро меомӯзад.

Роҳи лингвофарҳангии омӯзиши фразеология дар омӯзиши фразеология диққати муҳаққиқро ба алоқамандии фразеологизмҳо ва нишонаҳои фарҳангӣ, мубрамии маънои низоми намунаҳо, стереотипҳо, рамзҳо барои тасвири хусусиятҳои миллию фарҳангӣ равона месозад.

Дар доираи ин равия В. Н. Телия маънои чуқури мавҷудияти фразеологияро дар низоми забонии ҳар як забон чун «имконияти баромад кардани фразеологизмҳо дар нақши намояндаҳои фарҳангӣ, на ин ки яквақта ба системаи миллию фарҳангии амалкунандаи ҷаҳонфаҳмӣ, балки қисматҳои онро аз насл ба насл ҳамчун шахсияти алоҳидаи забонӣ ва дастаҷамъӣ мефаҳмад» [160, 34]. Ҳангоми омӯзиши хусусияти миллию фарҳангии фразеологизмҳо ҷойи муҳимро масъалаҳои таҳлили фаҳмишҳо дар самти фразеологизмҳо чун сохтори фаҳмиши миллии ягона барои намояндагони ин ҷамъият дониста мешавад. Назарияҳои фарҳангӣ, инчунин, аз тарафи А. Вежбитская ва Ю.С.Степанов коркард карда шудаанд, ки аз назари онҳо маънавиёт дар шуури инсон дар шакли фарҳанг ба олами ҳувияти инсон дохил мешавад [157]. Барои муайян сохтани сохтори консепт аз тарафи файласуфон ва мутафаккирон тафсири осори адабӣ ба роҳ монда мешавад.

Тибқи малумоти В. Н. Телия, алоқаи фарҳанг ва фразеологизм ба воситаи коннотатсия амалӣ мегардад, ки дар асоси тафсири асоснокии образнокӣ бо роҳи таносуб бо меъёрҳо ва муқаррароти миллию фарҳангӣ сурат меёбад [160].

Таҷдиди назар кардани вазифа ва мавқеи фарҳанг худ ба воситаи ҳамроҳ кардани забон ба фарҳанг сурат меёбад, ки ба воситаи ба даст овардани арзишҳои ғайризабонии фарҳанги бегона ба роҳ монда мешавад. Сатҳи миллию фарҳангии мутахассис оид ба алоқаи байнифарҳангӣ соҳиб будани хусусиятҳои миллии истифодабарии воситаҳои забониро дар назар дорад. Инсон аз овони кӯдакӣ дар баробари аз худ намудани луғат, грамматика, сохти воситаҳои талаффуз ва интонатсияи соҳибзабонони ин ё он забон ба таври табиӣ шаклҳои миллию фарҳангии моддӣ ва маънавиро дар худ таҷассум менамояд.

Оид ба хислати миллӣ доштани забон андешаи С. И. Тер-Минасова хеле ҷолиб мебошад. Ӯ мавҷудияти хислати миллиро дар забони миллӣ медонад, ки хислати соҳибзабонро ташаккул ва инъикос менамояд. Ҳар як халқ ба

ҷараёни ягонаи таърихӣ ҷалб гардида бошанд ҳам, арзишҳои умумии халқиятҳои гуногун мувофиқи ҳувияти миллии онҳо дониста мешаванд. Ҳувият сатҳи чуқури фарҳанг буда, системаи мафҳумҳо ва пешниҳодотро дар назар дорад, ки дар рафтору кирдори наслҳои зиёд реша давондааст.

Дар забоншиносии муосир истилоҳи «ҳувияти забонӣ» маъмул аст, ки таҳти ин мафҳум қисмати ҳувият, ки бо сохтори забон муайян гардида, «маҷмуи андеша» ва «ҳиссиёт»-и халқҳои давраҳои гуногуни таърихӣ ва ҷанбаи равонии ҷамъиятро нишон медиҳад, метавонад ба ҷараёнҳои таърихӣ ва ҷамъиятӣ таъсир расонад.

Ҳувияти миллӣ дар забон, асосан, дар сатҳи лексикӣ ва грамматикӣ зоҳир мегардад. Ҳамарӯза ҳувият ба таври худкори нопурра дар рафтори инсон зоҳир мегардад. Тарзи ҳаёти миллат, инъикоси тарзи фаҳмиш, руҳияи миллӣ, ҳувияти миллӣ дар забон ба қайд гирифта шуда, он дорои хусусияти миллию фарҳангии худ мебошад.

Танзими берунии нутқ (овоз, интонатсия) – маҷмуи зуҳуротест, ки дар ҳар маврид намунаи фарҳангии рафтори фардро дар чорчубаи характери миллии он нишон медиҳад.

Забони муошират ҳамчун оина на фақат олами воқеиро инъикос менамояд, балки шуури ҷамъиятии халқ, ҳувияти миллӣ, ҷаҳонфаҳмии он, ахлоқ, низоми арзишҳо ва хусусияти миллии онро таҷассум мекунад. Ин алоқамандӣ, чи хеле ки Г.С. Тер-Минасова қайд мекунад, «биниши муайяни оламро таъмин менамояд, ки то давраи мо сайқал ёфта, ҳақиқатан дар доираи ҷамиятию фарҳангӣ мавҷуд аст» [162, с. 53].

Забон бо фаъолияти ҳаётии халқ сахт алоқаманд буда, дар он тамоми самтҳои ба соҳибзабонон муфид: табиат, рӯзгор, таърих, анъана инъикос гардидааст. Гурӯҳҳои гуногуни халқ омилҳои фарҳангии гирду атрофро ба таври гуногун шарҳ медиҳанд.

Забоншиносии муосир кӯшиш мекунад, ки забонро дар алоқамандии том бо инсон, шуурнокии ӯ ва фаҳмиши ӯ, таҳлили омилҳои забонӣ дар таъсири

мутақобилаи забони фардӣ бо коллектив омӯзад. Забон ҳамчун шакли фикрии фаъолияти инсон, чун қисмати таркибии табиат ва олами маънавии он дониста шудааст.

Таъсири фарҳанг ба забон дар натиҷаи гуногунии ҷарёни муносибат дар фарҳангҳои гуногун фаҳмида мешавад. Ибтидои ҳалли масъалаи «забон ва халқ» фарзияи Э. Сепир ва Б. Уорф дониста шудааст, ки дар он таъсири забон ба инсон нишон дода шудааст. Муҳаққиқони забоншинос ба масъалаҳои хусусияти миллию фарҳангии забон аз В. Ҳумболдт сар карда то дигарон таваҷҷуҳ намуда, дар асарҳояшон назарияи алоқаи байнифарҳангӣ ва байнизабониву фарҳангро коркард намудаанд.

Масъалаҳои миллию фарҳангии забон, инчунин, дар корҳои психолингвистӣ, сотсиолингвистӣ, этнолингвистӣ ва этнопсихолингвистӣ, назария ва амалияи таълими забонҳои хориҷӣ ва фарҳанги хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта шудаанд.

Дар охири солҳои 70-уми асри XX низоми забон асосан аз назари хусусиятҳои миллию фарҳангӣ омӯхта шудааст, ки боиси ба вуҷуд омадани мафҳуми «хусусияти миллии забон» гардидааст. Моҳияти хусусияти миллию фарҳангӣ яке аз масъалаҳои муосир дар забоншиносӣ буда, аз тарафи олимони зиёд омӯхта мешавад. Аммо на ҳамаи масъалаҳо дар ин самт ба таври васеъ дар корҳои илмӣ омӯхта шудаанд.

А. Вежбитская дар корҳои тадқиқотии худ аз он хулоса мекунад, ки аввалан забон инсонмарказ (антропосентрӣ) буда, он барои инсон барои нишон додани объектҳо ва зуҳуроти олами воқеӣ, ки ба инсон равона шудаанд, хизмат мекунад. Дувум, ҳар як забон дар баробари инъикос намудани шароитҳои табиӣ ва фарҳангӣ, характери миллии соҳибзабононро низ нишон медиҳад [35].

Забоншиноси рус А. Вежбитская бар он ақида аст, ки: «Миллат дар эҷодиёти фарҳангӣ зоҳир мегардад. Ҷанбаи асосии фарҳанг, ки дар ҷони миллат дарҷ мегардад, ин забон мебошад. Дар забон бойгарии имконоти

фарҳангӣ дарҷ мегарданд, ки ҳар як халқ дар баробари миллати худ инчунини дигар забони миллаташро дуст медорад» [35, 78]. Воқеан дуруст зикр намудааст, муҳаққии мазкур, ки забон ҷанбаи асоси фарҳанг буда, он дар ҷони миллат дарҷ гаштааст. Тамоми миллат замбони миллии худро доранд ва аз ин рӯ, забонро яке аз нишонаҳои мавҷудияти имллат медонанд. Дар забон, воқеан, гановатмандии маоддию маънавии миллат инъикос меёбад. Аз ин рӯ, андешаҳои болои муҳаққиқи рус А.Вежбитская пурра қобили қабул аст.

Бояд қайд кард, ки забон ва фарҳанг ҳамчун ду ҷанбаи инсонӣ ба ҳамдигар таъсири мутақобила расонида, тавассути онҳо осори гаронбаҳои санъат офарида мешаванд. Забон ва фарҳанг ҳамчун як натиҷаи фаъолияти рӯҳии инсон бо ҳамдигар алоқаманданд. Ин алоқа аз нуқтаи назар диалектикӣ монанд набуда, тибқи маълумоти К. Леви-Стросс забон дар як лаҳза метавонад ҳамчун қисмати муҳимми фарҳанг бошад.

Олим Л.П. Смис (Smith, L.P.) мефармояд: «Ман ҳама чизро бо забони асл мехонам. Ман таъкид мекунам, ки гуногунии фикрҳо ва ҳиссиёти ба фарҳанг наздики дигар халқият фақат тариқи хондани матни асли китоб сурат меёбад. Хондани шакли асли китоб ва гуфтугӯ бо забони аслии мардум воситаи баёни хеш барои дигарон ва аз наздик шинос шудан бо забон ва фарҳанги ҳамон халқ мебошад [233, 143]. Хеле хуб таъкид намудааст Л.П. Смис, ки ҳар матне, ки марбут ба фарҳанги ин ё он халқ мебошад, асли онро бояд хонд. Воқеан, дар тарҷумаҳо баъзан вақт маънои асосӣ дода намешавад. Хусусан, тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ ё зарбулмасалу мақолҳо, ки дар онҳо, аз ҷумла зооморфизмҳо дарҷ ёфтааст, хеле душвор аст. Аз ин рӯ, бо андешаи муҳаққиқи мазкур метавон розӣ шуд, ки ҳақиқатан, донистани забони бегона ин аз наздик шудан бо урфу одат ва дигар хусусиятҳои миллию фарҳангии онҳо мебошад.

Масъалаи забон чун ҷузъи таркибии фарҳангии ҳар як миллат, масъалаи мушкил мебошад, зеро забонро ҳамчун мафҳуми дискретии муқобили фарҳанг, санъат, илм, дин, ахлоқ ва расму оин тасаввур кардан мумкин нест.

Забонро ҳамчун ҷузъи фарҳанг маънидод намуда, пеш аз ҳама, дар тафаккури мо тасаввурот дар бораи маданияти нутқ ба вуҷуд меояд, ки қисмати ҷудонопазири талабот нисбат ба шахсияти комил фаҳмида мешавад. Маданияти нутқ ҳамчун хусусияти иҷтимоӣ ва мақоми тахассусии шахс дониста шудааст. Тамоми ҷанбаҳои маданияти нутқро халалдор насохта, бояд қайд кард, ки дар ҷамъияти муосир диққати махсус ба тахассусҳои лингвоинтенсивӣ ҷалб менамоянд, ки масъулияти забонӣ ва имконоти коммуникативии фаъолияти асосию пурсамари тахассусӣ дар самти сиёсат, санъат, педагогика, ҳуқуқ, дипломатия, радио ва рӯзноманигории телевизионӣ, хизматрасонӣ дар савдо ва ғайра дониста мешаванд.

Калимаю ибора дар баробари воситаи пешниҳод кардани маълумот, инчунин, ҳамчун воситаи фикрронӣ ва нишондиҳандаи фарҳанг низ мебошанд. Қобилияти ҷамъоварии мафҳумҳои фарҳангӣ хосияти забони зинда мебошад.

Масъалаи дигаре, ки баҳсталаб мебошад, масъалаи раванди ҷамъшавӣ ва ҳифзи маълумоти фарҳангӣ дар калима мебошад. Забоншиносон ду ҷанбаи инъикоси хусусиятҳои фарҳангиро дар таркиби луғавии забон тавзеҳ медиҳанд:

- ҷанбаи якум – ин инъикоси хусусиятҳои фарҳангӣ дар калимаҳои алоҳида;

- ҷанбаи дуюм – ин таъсиррасонии фарҳанг ба забон ва таркиби луғавии он (лексика).

Восита ва шакли ба кор бурдани омили фарҳангӣ дар ташаккули таърихии забон пурра муайян нагардидааст. Дар солҳои охир масъалаи мавҷуд будани «хотираи фарҳангӣ» таҳлил карда мешавад.

Забоншиносон Ж. Багана ва Е. С. Яковлева мафҳуми «хотираи фарҳангӣ»-ро нисбат ба семантика истифода бурда, дар он дар бораи методи ташхиси фарҳангию таърихӣ сухан меравад, ки барои дидани натиҷаҳои алоқамандии забон ва фарҳанг дар калима имконият медиҳад [22].

Дар ин ҷо андешаи забоншиноси тоҷик С.Қ. Матробиёнро низ метавонем махсус қайд кард. Муҳаққиқи мазкур андеша доранд, ки «Нақши забон дар ташаккули андеша ва ғояҳои миллӣ хеле муассир ва барҷаста аст. Миллат дар доираи забони миллии худ андеша мекунад ва ин андеша тасвири забонии ҷаҳон ва тасвири миллии ҷаҳони миллатро ташкил медиҳад, ки он моли миллат ва вирди забони миллат бошад» [106, 58]. Ба андешаи муаҳаққиқ, забон ин хотира ва ҳофизаи таърихии миллат ва сарчашмаи фаҳмиши ҳувияти мардум буда, дар асоси маводи забонӣ метавон матнҳои асл ва ё фаҳмиши замони гузашта ва таърихи ташаккули шуури қавмҳоро аз нав барқарор намуд. Воқеан, «ҳофизаи таърихӣ»-е, ки муҳаққиқ таъкид намудааст, албатта ҳамон «хотираи фарҳангӣ» ё алоқаи байни забону фарҳанг мебошад, ки чун оина гузаштаи халқро инъикос мекунад.

Ҳамин тавр, таҳқиқи ҷанбаҳои фарҳангии забон дар забоншиносии муосир, пеш аз ҳама, ба ҳалли масъалаҳои: «забон ва халқ», «забон ва фарҳанг», «забон, тафаккур ва фарҳанг», «забон ва идрок» бахшида шуда, дар он мафҳумҳои “гуногунии миллӣ”, “гуногунии миллию фарҳангӣ” «ҳувияти забонӣ» ва хотираи фарҳангӣ» таҳлил ва арзёбӣ мешаванд. Тибқи таҳлили забоншиносон тавассути забон инсон олам ва фарҳангро мешиносад, он воситаи маданият буда, инсонро сайқал медиҳад, рафтор, тарзи ҳаёт, ҷаҳонбинӣ, ҳувият ва худшиносии ӯро муайян месозад. Хусусиятҳои миллию фарҳангӣ ба воситаи воҳидҳои гуногуни забонӣ, аз ҷумла тавассути ибораҳои фразеологӣ, ки сарчашмаи муҳимми ифодаёбӣ мебошанд, инъикос меёбанд.

1.2.1. Коннотатсия воситаи инъикосгари хусусиятҳои миллию фарҳангии забон

Алоқаи байни забон ва фарҳанг барои коннотатсияи калима ибтидо мегузорад. Коннотатсия аввалин маротиба дар лексикографияи англис дар миёнаи асри XIX пайдо шуда, он одатан фарзияҳои бо лексема ифода гардида, объект, далел, инъиксокунандаи ғояҳо ва анъанаҳои бо калима алоқамандро

нишон медиҳад. Онҳо ба ҷавҳари маънои лексикӣ дохил нагардида, натиҷаи он набуда, ба таври объективӣ дар забон истифода шуда, ба маънои маҷозӣ, дар шакли метафораҳои маъмул дар шакли муқоисавӣ, ибораҳои нимозод ва калимаҳои сохта истифода мешаванд.

Коннотатсия аз калимаи лотинии “connotatio” гирифта шуда, “маънои иловагӣ”-ро ифода мекунад. Дар забоншиносии тоҷик доир ба истилоҳи “коннотатсия” муҳаққиқон М. Саломов [143] ва Ж. Гулназарзода [50] андешаи худро баён намудаанд.

Муҳаққиқбонуи тоҷик Ж. Гулназарзода доир ба истифодаи нахустини истилоҳи “коннотатсия” дар забоншиносӣ ва ақидаҳои олимон доир ба шарҳи истилоҳи мазкур маълумот дода, коннотатсияро “маънои иловагӣ, маънои бо маънои маъмулӣ ҳамсафар, ҳамроҳ” [50, 194] маънидод кардааст. Ӯ аз мавҷудияти маъноҳои мухталифи калимаҳо ва вобаста ба мавриди истеъмол истифода шудани онҳо хотиррасон шуда, хусусияти баҳодиҳӣ доштани бархе аз маънои вожаҳоро таъкид мекунад ва ба хулосае меояд, ки: “Пас аз ин баррасиҳои донишмандону муҳаққиқон метавон қазоват кард, ки коннотатсия дар забоншиносӣ падидаи хосе буда, бо вижагии худ дар системаи маъношиносӣ мавқеи муайян дорад. Коннотатсия маънои иловагии маъмулӣ нест. Дар ин падида дар заминаи маънои луғавии калима гӯянда ё истифодабаранда маънои ҳиссиётӣ, услубӣ, муассирӣ, баҳодиҳиро вобаста ба шароиту мавқеъ нисбат ба объекти ифодашаванда ба кор мебарад ” [50, с.202].

М. Қ. Саломов истилоҳи “коннотатсия”-ро дар мавриди шарҳи муродифот баён намуда, коннотатсияро “тасвири муассир ва ифодаи маъноҳои иловагии ба ҳам марбут” [143, 47] зикр мекунад. Мавсуф бештар ба масъалаи муносибати коннотативӣ таваҷуҳ намуда, бар он андеша аст, ки: “Муносибати коннотативӣ бештар хоси муродифоти услубӣ ва махсусан нутқи бадеӣ буда, барои обу ранги бадеӣ бахшидан ба мафҳумҳо хизмат мекунад” [143, 49].

Коннотатсия ҳамчун яке аз воситаҳои инъикоскунандаи хусусиятҳои миллию фарҳангии забон дар 6 намуд ифода мегардад:

1. тасвирӣ (пешниҳод);
2. эҳсосотӣ;
3. маданӣ;
4. мавзуӣ (самти маъноӣ);
5. иттилоотӣ (сатҳи донишҳо);
6. ғоявӣ (идеологӣ).

Аз як нуқтаи назар, коннотатсия – ин унсурҳои иловагии маъноҳои лексикӣ (модалӣ, баҳодиҳӣ ва ҳиссиётии таъсирбахш) буда, ба қатори калимаҳои луғавии муайянкунада бевосита дохил мешаванд. Аз нуқтаи назари дигар, коннотатсия баҳогузорӣ ба ашё ё объекти воқеии ба воистаи ин калима ифодаёфта нишон дода, мустақиман ба маънои луғавии калима дохил намешавад. Зуҳуроти лингвистии коннотатсия маънои маҷозӣ дониста шуда, тавассути он хусусиятҳои миллию фарҳангии забон хуб инъикос мегарданд.

Сарчашмаҳои коннотатсияро дар забон, дар таърих ва фарҳанги мардум дарёфт кардан мумкин аст. Аз ин ҷост, ки ганҷинаи маданияти маърифатии халқ ва нишондиҳандаи худшиносии миллӣ забон мебошад, зеро бахусус дар забон донишҳои умумии одамон оид ба анъанаҳо инъикос гардида, маълумоти таърихиро ташкил медиҳанд. Инчунин, забон ҳамчун воситаи зиндаи инъикоскунандаи характери мардум баромад намуда, бо фарҳанги байналмиллалӣ алоқаи мустаҳкам дорад [83, 79].

Масъалаи умумияти забон ва фарҳанг (маданият) садсолаҳо диққати олимонро ба худ ҷалб намудааст. Дар замоне, ки арзишҳои миллӣ характери ҷаҳонӣ пайдо намудааст, як равияи нави лингвофарҳангӣ пайдо шуааст, ки дар асоси гузариши байнисоҳавӣ ба омӯзиши ин масъала равона гардидааст. Нуқтаҳои назари муқобил дар бораи моҳияти забон чун шакли фарҳангӣ, муносибати забон ва фарҳанг ва ҳамчун инъикоскунандаи шакл ва маънои диалектии он характери мубоҳисавиро соҳиб мегарданд. Дар олами илм нуқтаҳои назари илмии гуногун доир ба алоқамандии забон ва фарҳанг ба вуҷуд омаданд. Барои мисол тибқи маълумоти забоншинос Э.Сепир

«маданият (фарҳанг)-ро метавон чунин шарҳ дод: он чизест, ки ҷамъият фикр мекунад ё ичро мекунад, забон бошад чӣ тавре фикр карданро мефаҳмонад» [149, 193].

Фаҳмиши масъала дар бораи фарҳанг дар алоқамандӣ бо забон сурат ёфта, оғози асри XXI забоншиносон роҳи пурраи рад намудани таъсироти беруна ба забон: «Забон дар дохили худи забон ва барои худи забон»-ро тай намуда, то дарки таҳлили пурраи шароитҳои ҷамъиятию фарҳангӣ, мубодилавӣ, равоншиносии мубодилаи забонӣ расиданд [162, 125].

Бояд қайд кард, ки охири асри XX ифодаи коннотатсия дар забон ва инъикоси хусусиятҳои миллию фарҳангии забон зиёд ба назар расида, омили асосии пайдошавии он этнолингвистика ба шумор меравад, ки барои тағйироти забон омили ҳалкунанда мешаванд. Муҳаққиқ Л.В. Базарова ҳамин масъаларо таҳқиқ намуда, зикр мекунад, ки: «Дар баробари ин матнҳои забонӣ маданияти навро дар ҷамъият пайдо мекунанд» [23, 72]. Умумияти забон ва фарҳанг дар доираи арзишҳои миллӣ аз нуқтаи назари гуногун таҳлил мешавад. Дар ин маврид фарҳангшиносон ва забоншиносон диққати худро бештар ба фарқияти лингвофарҳангии байни халқиятҳо ва миллатҳо чун сабаби ихтилофоти байналмиллалӣ ва байналхалқӣ, муносибати афзалиятнок ва итоаткорӣ равона месозанд [84].

Омӯзиши умумияти забон ва фарҳанг бо омӯзиши ҳуввияти миллӣ, услуби арзишҳои миллӣ алоқамандии зич дорад. С. Г. Тер-Минасова тафовути миллию фарҳангиро дар доираи арзишҳои инсонӣ дониста, менависад: “Ҳар як фарҳанг аз нуқтаи назари дигарон фаҳмишҳои устуворро рад намуда фаҳмишҳои мавҷуднабударо коркард менамояд” [162, 78].

Коннотатсия дар омӯзиши илмии умумияти забони миллӣ бо фарҳанги миллӣ категорияи муҳим дониста мешаванд, ки дар доираи забоншиносии анъанавӣ зиёд паҳн гардидааст. Он ҳамчун унсури миллии махсуси забоние, ки дар нутқи соҳибзабонони фарҳанги алоҳида инъикос гардида, аз тарафи намояндагони лингвофарҳангии дигар дар ҷараёни мубодилаи афкор фаҳмида

намешавад. Дар натиҷа коннотатсия падидаҳои барои як забон хос буда, дар забони дигар инъикос намегардад.

Хосияти забонҳои дунё, бо марҳалаи ташаккулёбии онҳо алоқамандӣ дошта, метавонад на фақат аз хусусиятҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ дар фаҳмиши забонии соҳибзабонон мавҷуд буда ё набуда, таркиб меёбад, инчунин, имконоти баёни фикр ба воситаи як калима ё мафҳуми иборавие, ки дар забони дигар ифода ёфтааст, ташкил ёбанд.

Дар асоси муқоисаи лингвофарҳангии забонҳо коннотатсия фарқи забонро дар сатҳи забонӣ нишон медиҳад. Тасвири забонии ҷаҳон дар хусусиятҳои воситаҳои ифодаи забонӣ бо низоми семантикӣ ва сохтории он асоснок карда мешавад.

Муҳаққиқ В. Н.Телиа [160.] дар робита ба андешаҳои муаллифони гуногун дар бораи коннотатсия, се самти омӯзиши проблемаи коннотасияро муайян мекунад: а) самти аломатзабонӣ; б) самти равонӣ; в) самти забоншиносӣ.

Самти аломатзабонӣ коннотатсияро мазмуне мешуморад, ки семантикаи денотативӣ барои он ҳамчун ифодакунандаи маъно хизмат мекунад ва мазмунро метавон аз дохили матн муайян кард. Ба ин самт осори Л. Елмслев ва Р. Бартро метавон нисбат дод.

Самти равонӣ (психолингвистӣ)-и омӯзиши коннотатсия бо мафҳуми ташкили ассотсиативӣ ва эҳсосии нутқ алоқаманд аст. Дар ин самт коннотатсия вобаста ба вижагиҳои дарки нутқ баррасӣ мешавад.

Самти забоншиносӣ бошад, дар навбати худ ба якчанд гурӯҳ ҷудо мешавад: а) гурӯҳи услубӣ; б) гурӯҳи прагматикӣ; в) гурӯҳи фарҳангӣ г) гурӯҳи лексикӣ;.

Дар *гурӯҳи услубӣ* коннотатсия ба унсурҳои иловагии маънои калимаи навъи муайян – *экспрессивӣ*, *услубӣ* ва *баҳодиҳӣ* ишора мекунад.

Бо фаҳмиши услубии коннотатсия *гуруҳи прагматикӣ* алоқаманд аст, ки дар он коннотатсия муносибати гӯянда ё мухотабаро ба он чизе, ки мавриди

баррасӣ қарор дорад, муайян мекунад. Дар ин робита О. С. Ахмонова дар баробари ҷавҳар (ядро)-и консептуалӣ дар маънои калимаи «*мазмуни прагматикӣ*»-ро илова мекунад [14]. Ӯ бар он ақида аст, ки «донишҳои иловагии субъективӣ дар бораи он чизе, ки бо калима номгузорӣ шудааст, муайян мекунад. Мазмуни прагматикӣ ду унсурро дар бар мегирад: унсури баҳодиҳи ва унсури ассотсиативии фарҳангӣ».

Гурӯҳи фарҳангии коннотатсия ҳамчун ҳиссаи маъноие ба ҳисоб меравад, ки маълумот дар бораи воқеияти объективиро бо маълумот дар бораи хусусиятҳои миллии он пурра мекунад. Ю. Д. Апресянба он ақида аст, ки коннотатсия андешаҳо ва анъанаҳои фарҳангиро бо маънои иловагӣ нишон медиҳанд. Чунин андешаҳо ва анъанаҳои фарҳангӣ дар амалия дар ҷомеа маънои муайянеро касб намудаанд ва дар истифода қарор доранд. Муҳаққиқ вобаста ба ҳамин алоқамандӣ истилоҳи «ассотсиатсияи маъноӣ»-ро истифода мебарад [13, 67].

Чунин ақидаро Е. М. Верешагин ва В. Г. Костомаров низ баён намуда, коннотатсияро бо мафҳуми «маълумоти иловагӣ» мепайвандад, ки бо хусусиятҳои миллию фарҳангии калима алоқаманд аст [37].

Гурӯҳи лексикӣ усул ва намудҳои сохтани чунин маъноҳои иловагии ифодаи забонро меомӯзад, ки ба онҳо маънои экспрессивӣ мебахшад. Сарчашмаҳои гуногуни ташаккули ифоданокии онро унсурҳои морфологӣ, семантикӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Таҳқиқи хусусиятҳои коннотативии зооморфизмҳо моҳияти функсионалии ин гурӯҳи лексикиро муайян месозад. Дар асоси муайян сохтани хусусиятҳои коннотативии зооморфизмҳо ҷанбаҳои миллию фарҳангӣ ва сарчашмаи асосии шарҳи зооморфизмҳо ба таври муқоиса ба роҳ монда мешаванд. Дар асоси таҳлили коннотативии зооморфизмҳо алоқамандии вожаҳои забонӣ бо ҳуввияти мардум, коннотатсияи миллию фарҳангии зооморфизмҳо, шарҳи асосноки маънои денотативӣ ва образнокии лексикаи коннотативии зооморфизмҳо ба роҳ монда мешавад.

Барои пеш бурдани таҳқиқи низоми коннотатсионӣ, махсусан ассосиатсионӣ (муттаҳидшавӣ), ки алоқамандии маъноии зооморфизмҳои ду забони омӯхташавандаро дар асоси хислатҳои одамон нишон медиҳанд, маводҳои лексикографӣ, хусусан фарҳангномаҳои ибораҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо хизмат мекунанд. Инчунин, омӯзиши самти коннотатсионии зооморфизмҳо имконият медиҳад, ки тавассути алоқамандии тобиши маънои муассири воҳидҳои номинативии забон ва маъноҳои иловагии онҳо хусусиятҳои миллӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои миллӣ низ инъикос гарданд. Ҳамин масъаларо андешаи забоншинос Н.Ф. Алефиренко тақвият мебахшад: “Коннотатсия ҳамеша бо ҳар роҳ бо тобиши маънои муассири воҳидҳои номинативии забон алоқаманд аст. Ин равиш бо омӯзиши ин падида дар забонҳо дараҷаи ҷамъ ва захира намудани маводи зарурӣ доир ба тарзи барқарор намудани маънои “иловагӣ”-и калима ва ифодаро, ки ба забон экспрессивият, вижагии миллӣ-забонӣ, арзиши фарҳангӣмедиҳад ва бо ҳамин васила муассирии прагматикӣ, ё ба таври дигар, таъсири гуфторро бештар мекунад, мефаҳмонад ” [7, 195].

Тибқи маълумоти Н. А. Клушин коннотатсия воҳидест, ки маънои лексикиро пурра сохта, ба он вазифаи экспрессивиро дар заминаи фаҳмишҳои эмпирикӣ, маданӣ, таърихӣ ва ҷаҳонбинии намояндагони ин ё он забон мебахшад [78, 33].

Ҳамин тариқ, конноатсия воқеиятро ба таври маҷозӣ инъикос намуда, таассуроти нодир ва нотакрори олами воқеиро ташкил медиҳад. Он унсури иловагии маъноҳои лексикӣ буда, ба қатори калимаҳои луғавии муайянкунада бевосита дохил мешавад. Ҳамчунин, коннотатсия баҳогузорӣ ба ашё ё объекти воқеии ба воистаи ин калима ифодаёфтаро нишон дода, мустақиман ба маънои луғавии калима дохил намешавад. Бинобар ин, коннотатсия маънои иловагию маҷозӣ дониста шуда, тавассути он хусусиятҳои миллию фарҳангии забон хуб инъикос мегарданд.

1.3. Шарҳи истилоҳи “зооморфизм” ва таснифоти он дар забоншиносӣ

Таркиби лексикии забонро воҳидҳое ташкил медиҳанд, ки бо интиқоли маънои маҷозӣ дар робита бо номи ҳайвон (зооним) сохта шудаанд ва барои тасвири образнок нисбат ба шахс истифода мешаванд. Исмҳое, ки номи ҳайвонотро ифода мекунанд дар забоншиносӣ «зоосемизия» номида мешаванд ва исмҳое, ки ба маънои маҷозӣ (ҳамчун метафора) нисбат ба хислатҳои шахс истифода мешаванд, «зооморфизм» номида мешаванд. Истилоҳи “зооморфизм” аз калимаҳои юнонии ζωον (zōon “ҷонвар” ва μορφη (morphē) “шакл, қолиб” сохта шудааст. Муҳаққиқи тоҷик Д. Раҳимӣ маънои “зооморфизм”-ро ба маънои “ҳайвонсурат” шарҳ дода, бар он андеша аст, ки “Дар илмҳои ҷамъиятшиносиву инсонӣ, махсусан дар илми фолклоршиносӣ ва мифология истилоҳи “зооморфизм” ба маънои хусусиятҳои зоҳирӣ, рафтор, табиати ҳайвонро ба худ гирифтани одамон ва махлуқони дигар ташреҳ ва истифода шудааст... Як шакли зооморфизмро муҳаққиқон “териантропӣ” (гоҳе “териморфизм”) номидаанд, ки тибқи он инсон қобили ба сурати ягон ҷонвар табдил шуданро дорад” [138, 16]

Бояд қайд кард, ки ҳанӯз дар забоншиносӣ байни мафҳумҳои «зооним» ва «зооморфизм» хатти тафриқа дуруст кашида нашудааст. Албатта кӯшишҳои аввалин барои ба тартиб даровардани ин истилоҳот пайдо шуданд. Чунончи муҳаққиқи рус Н.В. Солнцева пешниҳод мекунад, ки истилоҳи “зооним” барои номи бевоситаи ҳайвон ва “зооморфизм” ҳамчун “зооними маҷозӣ” истифода шавад, ки одамро тавсиф ва баҳо медиҳад [155, 14]. Муҳаққиқи дигар Э. А. Катситадзе дар доираи мафҳуми “зоонимия” тафовути истилоҳиро зиёдтар нишон дода, барои ифодаи номи бевоситаи ҳайвон истилоҳи “зоолексема”-ро пешниҳод мекунад. Муҳаққиқи мазкур истилоҳи “зометафора”-ро барои маҷмуи “зоолексемаҳои метафорашуда” ва барои метафоршавии инсонмарказӣ, яъне ба одам интиқол додани ном ва хислати ҳайвон истилоҳи “зооморфизм”-ро пешниҳод намудааст [76, 6]. Дар робита ба андешаҳои муҳаққиқон метавон хулоса намуд, ки истилоҳи *зооморфизм*

ҳангоми ба сифатҳои якхелаи хислати инсон додани номи хислатҳои хайвонот (шакл, одат, рафтори онҳо) истифода мешавад. Ҳодисаи зооморфизм натиҷаи тафсири образноки олами атроф ва тафаккури забонию фарҳанг ва эҷодӣ – ин механизми махсусест, ки аломатҳои аллакай дар забон мавҷудбударо барои шифоҳӣ кардани робитаҳои гуногуни ассотсиативӣ истифода мебарад. Аз ин нуктаи назар, вазифаи аввалиндарачаи мо муайян кардани зоонимҳое мебошад, ки иқтидори фаъоли фраземасозиро доранд.

Зооморфизмҳо ба ифодаи эҳсосот ва аксуламалҳо дар ҳаёти инсон истифода мешаванд ва тасвири арзишманди ҷаҳонро ифода карда, ба ашё аз рӯи меъёрҳои ахлоқию эстетикӣ баҳогузорӣ мекунанад. Зооморфизм ҳамчун гунаи маъноии предикативӣ ба сифати номинативӣ истифода шуда, ба он маънои хислату хусусият илова карда мешавад. Дар баробари ин, муҳиммияти лингвистии маънои вожа дар мазмуни хусусияти он аз рӯйи сифатҳое, ки шуури забонӣ ба ин объект мансуб аст, зоҳир мегардад. Забон сифатҳои мазкурро ҳамчун хоси объект, чунон ки дар забон инъикос меёбад, ба қайд гирифта, мустаҳкам менамояд. Ин имкон медиҳад, ки номи ашё ҳамчун меъёри сифатҳои муайян мунтазам истифода шавад [33, 27 - 28]. Барои хислатҳои эҳсосии шахс ва баҳодиҳӣ ба онҳо дар нутқи гуфтугӯӣ дар асоси муқаррар намудани шабоҳатҳои байни намояндагони табақаҳои гуногун (одам – ҳайвон) муқоиса ва ташбеҳҳо истифода мешаванд. Образе, ки ба предмет нисбат дода мешавад, он ба ҷуз аз мазмуне, ки ба ашё хос аст, дар ҳаёти мавҷудоти инъикоскунанда дигар мазмуне надорад. Ашёҳо аломат ва образ доранд. Онҳо бо шабоҳат доштан ё надоштан бо ашё фарқ мекунанд. Аломат мустақил буда, танҳо бо мавҷудияти калимаҳои гуногун барои номгузории як объект дар забонҳои гуногун исбот карда мешавад. Образ изоморфӣ буда, ба объекти тасвиршуда монанд аст. Соҳибони моддии тасвири нутқ воҳидҳои забонӣ буда, ҳамчун ягонагии аломат ва маъно фаҳмида мешаванд. Аммо худи воҳидҳои забонӣ – калимаҳо, ибораҳо образнокӣ надоранд. Муносибати онҳо ба ҳодисаҳои воқеият рамзӣ мебошад. Ибораҳое, ки объектро инъикос

мекунанд, метавонанд образнок бошанд. Масалан, калимаи ***харгӯш*** дар худ тасвир надорад, аммо дар ҳолатҳои мушаххас ин калима, метавонад образ эҷод кунад. Шахси тарсончакро *харгӯш* гуфта, мо дигар танҳо бо аломати лафзӣ сару кор намекунем, балки он барои ифодаи маҷозӣ ҳамчун асоси расмӣ хизмат мекунад. Бо вуҷуди ин, мавзуи бартаридоштаи тасвир дар якҷоягӣ аст. Чунин образи нутқ дар чорроҳаи ду система ба вуҷуд меояд: эстетикӣ ва лингвистӣ. Аз ин рӯ, семантикаи образнокии нутқ ду намуди инъикосро дар бар мегирад: 1) инъикоси воқеият тавассути калима; 2) инъикоси воқеият тавассути воситаҳои бадеӣ. Калимае, ки ба маънои маҷозӣ истифода мешавад, новобаста аз маънои аслии этимологӣ, одатан мафҳуми абстрактиро инъикос мекунад. Масалан, вожаи *гург* метавонад гурги мушаххасро ифода накунад, балки маҷмуи сифатҳоеро ифода кунад, ки ба ин ҳайвон дуруст ё ноодилона нисбат дода мешавад. Ё худ мисоли дигарро дар ин ду ҷумла дида мебароем: 1) Саг дар кӯча медавид. 2) Ман ба ин саг бовар надорам. Дар мисоли 1 маънои аломат бо маъно мувофиқат мекунад. Дар мисоли 2 маънои аломат бо маъно мувофиқат намекунад. Маънои ин калима бетағйир боқӣ мемонад ("саг") ва сохтори семантикии ин калимаро метавон ҳамчун "одам + семаи таҳқиромезӣ" тавсиф кард.

Зооморфизмҳое, ки барои хислатҳои эҳсосӣ ва баҳодиҳии одамон истифода мешаванд, кайҳо боз таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардаанд, зеро ҳайвонот аз қадим дар ҳаёти иқтисодӣ ва анъанаҳои забони модарӣ нақши муҳим доштанд ва хислату одатҳои ҳайвонот ба осонӣ ба одамон интиқол дода мешаванд. Дар зоонимҳо маъноҳои инсонмарказӣ ба вуҷуд меоянд, ки онҳоро ба фразеология дохил менамоем. Ба фразеология дохил шудани зооморфизмҳо аз эътирофи субъективии аҳамияти ҳайвонот дар тасвири умумии ҷаҳон шаҳодат медиҳад, ки бо модели анъанавии интиқоли сифатҳои ҳайвонот ба одамон ва баръакс муайян карда мешавад.

Зооморфизмҳо метавонанд дар шакли лексемаҳои алоҳида истифода шаванд: ***тоҷикӣ***: *хар, саг, зоғ, кабк, асп, мурғ*; ***англисӣ***: *bull, bear, fox, pig* ва

ғайра метавонанд ҳамчун ҷузъҳои воҳидҳои зоофразеологӣ, корбурд шаванд: ***тоҷикӣ***: *уштури ба элак лангидагӣ барин*; *гурба барин газида (лесида) калон кардан***,** *аз гови шохзан оғили холӣ беҳ ва ғайра;* ***англисӣ***: *as blind as a bat "таҳтул. нобино ба мисли курмуш", like a bear with a sore head "таҳтул. мисли хирс бо сари дардманд", play cat and mouse "таҳтул. мушу гурбабозӣ кардан", white elephant "таҳтул. фили сафед; маъно: мероси гаронбаҳое, ки соҳибаш маҷбур аст нигоҳ дорад, аммо дар иваз аз он ҳеҷ фоидае намебинад", a big fish in a small pond "таҳтул. моҳии калон дар ҳавзи хурд; маъно: шахсе, ки дар доираи хеле маҳдуди одамон нуфуз дорад"* ва ғайра. Дар забон дар асоси шабоҳати ҳайвонот ва одамон аксар вақт муқоиса ва метафораҳо истифода мешаванд. Муқоисаҳоро ба мантиқӣ (ғайримаҷозӣ) ва маҷозӣ тақсим кардан мумкин аст, ки дар навбати худ муқоисаҳо якҷоя бо унсурҳои грамматикӣ истифода мешаванд, масалан: дар забони тоҷикӣ, ***мисли, чун, барин*:** *саг барин давидан*; *хар барин кор кардан, чун гург уллос кашидан, мисли кабк хиромидан* ва ғайра ва дар забони англисӣ ***like, as, as if***, ***–like, -shaped, -looking***: *like a bull in a china shop, crazy like a fox, quiet as a mouse, monkey-look.*

Муҳаққиқони забоншинос зооморфизмҳоро вобаста ба мавқеи истифодаашон дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу маҳолҳо ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд. Меъёри ин тасниф дараҷаи монандӣ ва фарқи онҳо дар тасвири забонии ҷаҳон мебошад.

1) Зооморфизмҳое, ки маънои умумиро ифода мекунанд. Яъне, воҳидҳои гурӯҳи якум бо истифода аз тасвирҳои якхелаи зооморфӣ маънои умумӣ барои ҳамаи забонҳоро ифода мекунанд. Дар забонҳои аврупоӣ, аз ҷумла дар забони англисӣ, воҳидҳои ин гурӯҳро аз рӯи этимология ба калимаҳои динӣ (ки аз Инҷил гирифта шудаанд), калима ва ибораҳое, ки аз матнҳои лотинӣ ва юнонии қадим омадаанд; ва калимаҳои иқтибосӣ, ки аз афсонаҳои Эзоп гирифта шудаанд, ҷудо мекунанд. Ба зоофразеологизмҳои англисие, ки аз ҳикояҳои Инҷил асос ёфтаанд, инҳоро дохил кардан мумкин аст: *the lion's mouth* — «ҷойи хатарнок», *the golden calf* — «қудрати пул», *the fatted calf* —

«муомилаи фаровон», *a dead dog* — «чизи нодаркор, бефоида». Зооморфизамҳои зерин аз матнҳои лотинӣ ва юнонии қадим гирифта шудаанд: *a Trojan horse “аспи троянӣ”, a dog in the manger “саг дар охур”*;

Дар забони тоҷикӣ низ воҳидҳои ин гурӯҳро аз рӯи этимология ба калима ва ибораҳои **мифологӣ** (даврони ориёӣ: аҳдарҳо, симурғ, анқо); **динӣ** (даврони исломӣ: кирми Аъюб, гӯсолаи сомирӣ, уштури сафед, мурғи посӯхта (товус), мор ва ғайра) ва **муқаррарӣ** ҷудо мекунем.

2) Зооморфизмҳои гурӯҳи дуюм предметҳои шабеҳро бо истифода аз тасвирҳои гуногуни зооморфӣ ифода мекунанд. Ба чунин воҳидҳо қабатҳои маъноӣ ба монанди *муносибат ба меҳнат, ба мушкилиҳои ҳаёт*, инчунин ифодаи чунин мафҳумҳо ба монанди *танбалӣ – бекорӣ, дурӯғ – хаёлот* ва гайра хосанд. Масалан, зооморфизмҳое, ки мансуб ба мафҳуми *танбалӣ – бекорӣ* мебошад: дар забони тоҷикӣ: *пашаи гирди лаби худро киш нагуфтан;* дар забони англисӣ: *to shoe the goose, lizard*; *A cat in gloves catches no mice.*

3) Зооморфизмҳои гурӯҳи сеюм – воҳидҳои зоофразеологие, ки маънои хоси миллиро ифода мекунанд. Дар чунин воҳидҳои фразеологӣ, ки аз лиҳози этимологӣ ба матнҳои пешин тааллуқ доранд, семантикаи миллию фарҳангӣ инъикос ёфтааст.

Ҳамин тавр, зооморфизмҳо воҳидҳои забоние мебошанд, ки тавассути онҳо ба одамон сифатҳои ҳайвонот нисбат дода мешаванд. Яъне, зооформизмҳо барои ифодаи эҳсосот ва аксуламалҳо дар ҳаёти инсон истифода шуда, тавассути онҳо ба ашё аз рӯи меъёрҳои ахлоқию эстетикӣ баҳогузорӣ мешавад. Дар ин ҳолат онҳо ҳамчун зоофразеологизмҳо истифода мешаванд, ки аксар вақт дар забоншиносии тоҷик воҳидҳои фразеологии марбут ба ҳайвонот корбурд мегарданд.

1.4. Пажуҳиши зооморфизмҳо дар забоншиносии ҷаҳонӣ ва назари забоншиносон доир ба онҳо

Ба омӯзиши зооморфизмҳо диққати муҳаққиқони забоншинос хеле зиёд равона гардидааст. Кори илмии Ю. Л. Лясот аввалин кори илмиест, ки дар он хусусиятҳои маҷозии зооморфизмҳо (зоосемантикӣ) дар забони англисӣ дар муқоиса бо забонҳои русӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ омӯхта шудааст. Ҳамчунин, забоншиносон М. И. Черемисин, Ф.А Литвин, Е.А.Гутман усули махсуси таҳлили алоқамандии синонимию антонимии зооморфизмҳоро коркард намудаанд [52].

Дар корҳои илмии муҳаққиқони болозикр сохтори семантикии зооморфизмҳои алоҳида таҳлил шуда, гурӯҳҳои хурди алоқамандкунандаи зооморфизмҳо мувофиқи хусусияти семантикӣ омӯхта шудаанд. Дар баробари ин, диққати олимонро вазифаҳои синтаксии зооморфизмҳо ва мавқеи онҳо дар ҷараёни муқоисаи забонҳо ба худ ҷалб намудаанд.

Забоншиносон Е. А. Гутман, Ф. А. Литвин, М. И. Черемисин асоси методҳои тадқиқотии зооморфизмҳоро методҳои мусоҳиба ва пурсиш донистаанд. Воқеан, ин метод имкон медиҳад, ки хусусиятҳои миллии зооморфизмҳо бештар ошкор гардида, паҳлуҳои гуногуни он таҳқиқ шаванд.

Корҳои илмии забоншиносон Л. С. Войтик [1975] и О. А. Рижкина [1979] бештар ба омӯзиши семантикии лексикаи зооморфӣ бахшида шуда, тасвири сохтори маъноии зооморфизмҳо дар забонҳои русӣ, англисӣ ва қазоқӣ ба воситаи методи квалитативӣ ба роҳ монда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки саҳми забоншинос О. А. Рижкина дар тасвири системавии семантикаи зооморфизмҳо дар забони англисӣ дар муқоиса бо забони русӣ назаррас буда, дар кори илмиашон гурӯҳҳои функционалӣ-синонимии зооморфизмҳо дар асоси фаҳмишҳои мусбат ва манфӣ таҳлил кардааст. Номбурда қайд мекунад, ки «маънои образноки зооморфизмҳо на ин ки фақат барои ифодаҳои маҷозӣ, балки барои калимасозӣ низ хизмат мекунанд» [142]. Аз ин лиҳоз, забоншинос дар баробари тасвири семантикии зооморфизмҳо, инучунин, тасвири сохтори семантикии образҳои зоонимиро ба уҳда дорад, ки он дар асоси мафҳумҳои ассотсиативӣ ва коннотативии аз

тарафи соҳибони забон алоқаманд бо вожаҳои муайян дониста шуда, амалӣ карда мешавад.

Мақсади асосии забоншинос О. А. Рижкина дар исбот намудани хусусиятҳои системавии зооморфизмҳо дар забонҳои русӣ ва англисӣ зоҳир мешавад. Дар асоси муқоисаи типологии системаи зооморфизмҳои забонҳои русӣ бо англисӣ муаллиф ба хулосае омадааст, ки асоси наздик будани шакли семантикии зооморфизмҳои ин ду забони омӯхташаванда ба хешутабории генетикӣ ва заминаҳои фарҳангию таърихии онҳо вобаста мебошад. Фарқият аз тарафи забоншинос дар омили экстралингвистӣ (таассуроти ин ё он халқият ба ҳайвони алоҳида) ва омили лингвистӣ (хосияти синтетикӣ доштани забони русӣ ва хосияти аналитикӣ доштани забони англисӣ) дониста шудааст [142].

Тибқи фарзияҳои забоншинос О. А. Рижкина баромади образҳои зоонимии муштарак ташаккули таърихии қадимаро фаро гирифта, дар асоси алоқаи ногусастании самтҳои экстралингвистӣ ва лингвистӣ, равоншиносӣ ва динӣ амалӣ карда мешавад.

Кори илмии забоншинос В. П. Корсалова дар самти омӯзиши зооморфизмҳо низ боиси қайд аст, ки он ташаккули системавии маъноҳои зооморфиро дар чаҳорчӯбаи эпидигматикӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Забоншинос қонунияти мувофиқати маъноҳои аслиро дар семантикаи зерсистемаи зооморфизмҳо муайян сохта, наздикшавии гурӯҳҳои хурди зоорморфизмҳо ва истифодаи гуногунсамтии онҳоро нишон додааст, ки пурра қобили қабул мебошад.

Дар баробари ин кори илмии А. В. Синявскийро низ метавон қайд намуд. Кори илмии мавсуф ба омӯзиши системаи зооморфии забони испанӣ дар муқоиса ба гуфтори мардуми чинӣ бахшида шудааст. Дар кори илмии забоншинос асоси сарчашмаи метафорашавии зооморфизмҳо иқтибосот дониста шуда, базаи метафорашавии номи ҳайвонот забони умумиспанӣ дониста шудааст.

Мафҳуми умумилингвистии зооморфизмҳо ва маҷоз ҳамчун васоити ғанӣ гардонидани фонди луғавии ҳар як забон дар кори илмии забоншиносон Х. Ортеги-и-Гассета ва Х. Касареса низ ба назар мерасад, ки тибқи фаҳмиши онҳо мавқеи маҷоз (метафора) дар ҳар як забон муҳим дониста шудааст. Чунончи: «…фаҳмиши инсон падидаи тағйирёбандаро тезтар қабул мекунад, дар нисбати падидаи воқеӣ ва маҷоз (метафора) он воситаи асосии идроки инсониест, ки бо ин хосияти тафаккури инсонӣ мувофиқат мекунад» [126, 156].

Монографияи забоншинос Ч. Кэни ба таҳлили семантикии лексикаи зооморфии забони лотинӣ бахшида шуда, дар он феълҳои зооморфии дериватӣ ва фразеологизмҳо дар доираи фаҳмишҳои умумии абстрактии инъикоскунандаи баъзе самтҳои ҳаёти инсонӣ, хислату характер, дӯстӣ, муҳаббату нафрат, зиракиву ҳушёрӣ нишон дода шудаанд [226, 169].

Забоншиносон истифодашавии номҳои ҳайвонотро ба маънои маҷозӣ дар гуфтори қавмҳои гуногун нишон дода, қайд мекунад, ки дар забони гуфтори баъзе халқиятҳо ва қавмҳо ин ҳолат ба пуррагӣ дохил нашудаанд, зеро мавқеи корбурди онҳо ба худи гӯянда ё қавм вобаста мебошад. Муҳаққиқон зооморфизмҳоро дар мисолҳои адабиёти бадеӣ имконпазир медонанд. Адабиёти бадеиро онҳо заминаи хуби инъикоси маънои маҷозӣ донистаанд. Воқеан, дар адабиёти бадеӣ хусусиятҳои образнокии ҳайвонот бештар инъикос гардида, хислатҳои инсону ҳайвон барҷастатар ифода меёбанд.

Хусусиятҳои минтақавӣ (ареалӣ)-и системаи зооморфӣ дар корҳои илмии забоншиносон дар солҳои 60-70-уми асри гузашта мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст. Ҷанбаи мусбати кори илмии забоншиносонро методи пурсиши мустақими соҳибзабонон, новобаста аз синну сол, ҷинс ва маълумот муаяйн намуда, аз тарафи онҳо вожаҳои фаъол ва камфаъоли фонди экспресивии забон ба қайд гирифта шудаанд.

Яке аз корҳои муҳимми назариявии ба омӯзиши зооморфизмҳо бахшида шуда, рисолаи забоншинос Т.В.Писанова [1989] мебошад, ки дар он

хусусиятҳои миллию фарҳангии забон дарҷ гардидааст. Дар кори илмии муҳаққиқ таҳлили амиқи сохтори семантикии зооморфизмҳо ва истифодаи онҳо дар самтҳои гуногуни забонӣ ба роҳ монда шудааст. Дар баробари ин, омӯзиши муносибати эпидигматикии зооморфизмҳо аз тарафи муқаққиқ имконият дод, ки ин гурӯҳи лексикӣ-семантикӣ мувофиқи хосияти инсонмарказиашон ҷо ба ҷо карда шаванд. Т. В. Писанова хусусиятҳои миллию лингвистии истифодабарии зооморфизмҳоро бо хусусиятҳои миллию фарҳангии забон вобаст дониста, бар он ақида аст, ки хусусиятҳои маҷозии миллию фарҳангӣ дар самтҳои консептуалӣ ва вариантивӣ зоҳир мешаванд [131].

Забоншинос якчанд воситаҳои баланд кардани иқтидори экспрессивии зооморфизмҳоро нишон дода, бори нахуст хусусиятҳои самти когнитивии ин гурӯҳи номвожаҳоро таҳлил намудааст.

Дар забоншиносии аврупоӣ омӯзиши самти зооморфизмҳо дар такя ба забоншиносии амалӣ сурат ёфта, корҳои илмии забоншиносон мисоли равшани гуфтаҳои боло шуда метавонанд. Муҳаққиқон барои омӯзиши падидаи мушкили метафоршавии зооморфизмҳо дар доираи экстралингвистӣ, лингвистӣ ва психологӣ зарур мешуморад.

Дар забоншиносии рус корҳои илмии Н. А. Клушин [1986] дар омӯзиши зооморфизм назаррас буда, дар он хусусиятҳои механизми гузариши номҳои ҳайвонот ва растаниҳо ба амсилаҳои гуногуни зооморфӣ ва фитоморфии характеристикаи инсонӣ дар забони англисӣ дар шакли муқоиса, маҷоз ва метонимия таҳқиқ карда шудаанд. Дар корҳои илмии олим гузариши эҳсосотӣ нисбат ба инсон нишон дода шуда, ин падида дар асоси муродифшавии вожаҳои ифодагари хислатҳои мусбат ва манфии инсон таҷассум мегардад. Диққати асосии олим ҳангоми тарҷума аз як забон ба забони дигар дар масъалаи нигоҳ доштани «прагматика»-и зоомофризмҳо ва фитоморфизмҳо равона гардида, мушкилии асосиро ҳангоми тарҷума дар мувофиқат ва номувофиқати пурраи маъноии зооморфизмҳо донистааст [77].

Дар кори илмии забоншинос Т. В. Земскова [1991], ки ба омӯзиши номвожаҳои забони англисӣ бахшида шудааст, қайд карда шудааст, ки зооморфизмҳо шакли ҷаззоби маҷозӣ дар низоми баҳогузории номвожаҳо дониста шудааст [66]. Ба воситаи онҳо хусусиятҳои ахлоқӣ ва интеллектуалии инсонҳо – адовату нафрат, ҳурмату садоқат ба инсон нишон дода шуда, ҳамчун воситаи баҳодиҳӣ низ маҳсуб мешаванд. Забоншинос Т. В. Земскова бори нахуст самти прагматикии истифодабарии ин зооморфизмҳоро дар забони гуфтугӯии англисӣ таҳқиқ намуда, онҳоро ба қабати прагматикии забон, ки дар матн хосияти муқобилнигорӣ дошта, воситаи махсуси муносибат дониста шудааст, дохил намудааст.

Ҳангоми таҳқиқоти ин гурӯҳи лексикӣ бештари муҳаққиқон диққати асосиро ба хусусияти функсионалии онҳо дар системаи забон додаанд. Зоооморфизҳо дар забон инъикоскунандаи мустақими ҷанбаҳои этнофарҳангӣ ба шумор мераванд, ки дар асоси он бунёди луғавии забонҳо мухталиф низ ташкил дода мешавад. Ин гурӯҳи луғавӣ дар баробари дигар вожаҳои образноки нутқ ба гуфтор ҷилои махсус мебахшанд, ки дар асоси ифодаи маъноҳои гуногуни маъҷозӣ, муқоиса, гиперболаи маъноӣ ва аллетиратсия сурат меёбад. Зооморфизмҳо ба ҳолати шахс, фаъолияти ӯ, баъзе хусусиятҳои намуди зоҳирии инсон баҳо дода, он дар асоси эҳсосоти онҳо системаи маҷозии анималистикӣ ба даст меоварад: *мурғи посухта шудан* – ҳаросон, ошуфтаҳол, бе сару сомон, беқарор гардидан; *гов барин хурдан* – баднафсӣ, пурхӯрӣ кардан, аз андоза зиёд хурдан; *a tiger in your tank*– қувва, илҳом, рӯҳбаландӣ, зиндадилӣ; *dog's life* – зиндагии сагона.

Забоншиноси тоҷик Қ. Т. Ғаффорова ҳангоми таҳлили муқоисавии ибораҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ ва фитонимӣ доир ба мавқеи ин гурӯҳҳои лексикӣ дар забонҳои омӯхташаванда чунин мефармояд: «Дар забонҳои муқоисашаванда ибораҳои фразеологӣ зиёд корбаст шудаанд, ки дар таркиби онҳо зоонимҳо ва фитонимҳо ҳамчун нишондиҳандаи сифатҳои берунӣ ва дохилии инсон, предмет, фаҳмиш ва зуҳурот хизмат мекунанд.

Фразеологияи зоонимӣ ва фитонимӣ таркиби фразеологияи омӯхташавандаро пурра сохта, онро нисбатан гуногунранг ва зебо мегардонад. Дар таркиби идиомаҳо, зарбулмасалу мақол, хусусияти мундариҷавии зоосемизмҳо нисбатан зиёд дарҷ гардида, характеристикаи инсонӣ тавассути компоненти асосӣ–зоосемизм ифода мегардад” [45, 39].

Ҳамон тавр ки муҳаққиқи тоҷик Қ.Т. Ғаффорова доир ба мавқеи ибораҳои фразеологӣ таъкид намудааст, бояд қайд намуд, ки дар забони тоҷикӣ воқеан ибораҳои фаровони фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ мавҷуданд. Ин, пеш аз ҳама, намунаи мардуми чорводор будани халқи тоҷикро ифода мекунад. Ба таври густурда истифода гардидани вожаҳои ифодагари зоонимӣ ва фитонимӣ дар забони тоҷикӣ маънои мардуми чорвопарвару зироаткор будани мардумро нишон медиҳад.

Мафҳуми “зооморфизм” дар корҳои илмии забоншинос Е. В. Рубанова ба таври зер нишон дода шудааст: «Зооморфизм – яке аз васоити унвиверсалии маҷоз ба шумор рафта, тавассути онҳо гузариши сифоти олами ҳайвонот барои ифодаи инсон амалӣ мегардад. Зооморфизмҳо ба ҳамаи забонҳо хос буда, мавқеи истифодабарии онҳо ба таври гуногун сурат меёбад» [82,134].

Дуруст қайд мекунад Е. В. Рубинова, ки зооморфизмҳо як василаи асосию умумии маҷоз маҳсуб ёфта, тавассути онҳо хислатҳои инсонҳо тавзеҳ дода мешаванд.

Дар такя ба маълумоти забоншинос О. М. Жаринова: «Номи ҳайвонот қабати арзишноки лесикаи ҳар як забонро ташкил дода, хусусиятҳои таърихии ташаккули забонро инъикос менамояд. Вожаҳои зоонимии забони карелӣ бештар аз номи ҳайвоноти ваҳшӣ таркиб ёфта, вожаҳои зоонимии ифодакунандаи номи ҳайвоноти хонагӣ бештар аз забонҳои дигар иқтибос гардидаанд. Дар номгузории ҳайвонот дар забони карелӣ муносибати махсуси соҳибзабонон ба табиат, ба олами воқеӣ ва монандкунии сифоти онҳо ба хислатҳои инсонӣ мавқеи махсус дорад” [61, 4 -5].

Дар забони тоҷикӣ низ зооморфизмҳо “қабати арзишноки лексика”-и забони тоҷикиро ташкил дода, раванди ташаккули таърихи забони тоҷикиро дар онҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Хусусан, хусусияти табу гирифтани номи баъзе аз ҳайвонҳо дар забон ва аз байн рафтани номи аслиии онҳо муносибати мардумро нисбат ба ҳайвонҳо (хусусан ҳайвоноти ваҳшӣ) нишон дода, раванди таҳаввули вожаҳои зоонимӣ равшан мегардад.

Моҳияти тасаввуроти алоқаманд ба вожаҳои зоонимӣ ва фитонимӣ дар корҳои илмии забоншинос Завалишина Ю. Г. ба таври зерин нишон дода шудааст: «Тасаввуроти бо зоонимҳо ва фитонимҳо алоқаманд дар доираи зарбулмасалу мақол маҳсули тахаюлоти ҷамъиятӣ, ки аз тарафи тамоми соҳибзабонон ба вуҷуд меоянд, ба шумор рафта, барои тамоми соҳибзабонон фаҳмо мебошанд ва дар ҳар як забон тасаввуроти махсус нисбат ба ин ё он зуҳуроти олами наботот ва ҳайвонотро зоҳир мекунад» [65].

Ин ҳолат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ баръало ба назар мерасад. Зарбулмасалу мақолҳои зиёд дар забонҳои мазкур мавҷуданд, ки бо зоонимҳо алоқамандӣ доранд.

Таҳқиқи ибораҳои фразеологии зоосемантикӣ аз тарафи олим О. В. Бабаскина ба роҳ монда шуда, забоншинос ин гурӯҳи лексикиро чунин шарҳ медиҳад: «Ибораҳои фразеологии зоосемантикӣ дар семантикаи худ компонентҳои миллию фарҳангиро ифода намуда, тавассути онҳо хусусияти забон (забони англисӣ) ва хусусияти милии сленгизмҳо, ки дорои экспрессивияти махсусанд, инъикос мегардад» [16]. Маҳз ҳамин масъала дар забони тоҷикӣ низ мушоҳида мегардад. Хусусиятҳои миллию фарҳангӣ дар зооморфизмҳои забони тоҷикӣ хеле равшан намудор буда, тавассути онҳо мо метавонем аз баъзе махсусиятҳои забони тоҷикӣ огоҳ гардем.

Хусусияти этнофарҳангии зооморфизмҳо дар асарҳои Е. М. Брославская таҳқиқ гардида, моҳияти он чунин дарҷ гардидааст: «Зооморфизмҳо, ҳамчун лексикаи баҳодиҳандаи ҳар як забон барои ифодаи ҳиссиёт, таассурот, инъикоси эмотсионалии ҳаёти инсон дар маҷмуъ истифода шуда, баҳогузории

онҳо ба предмет аз рӯи меъёрҳои этникӣ ва эстетикии ҳар як забон амалӣ мегардад. Барои характеристикаи эмотсионалӣ-баҳодиҳандаи инсон дар забони гуфтугӯӣ қиёс ва маҷоз дар асоси монандкунии сифоти якхела байни ҳайвон ва инсон истифода мешавад» [31].

Воқеан зооморфизмҳоро мо натанҳо ҳамчун воҳиди муқоисаи ду забон – забони тоҷикӣ ва англисӣ нишон медиҳем, балки онҳоро ҳамчун василаи баҳодиҳӣ ва арзиши таассуроти ҳиссиёти соҳибзабонон истифода менамоем. Дар ин масъала метавон андешаи Е. М. Брословскаяро пурра ҷонибдорӣ намуд, ки дар зооморфизмҳо ҳаёти маишии мардум, расму анъанаҳои онҳо инъикос мегарданд.

Ифодаи компонентҳои зоонимӣ ва фитонимӣ дар таркиби ибораҳои фразеологӣ зиёд ба назар расида, дар кори илмии забоншинос Багана Ж., ки ба омӯзиши фразеологизмҳои африканизмӣ бахшида шудааст, мундариҷаи ин гурӯҳи лексикӣ ба таври зайл ифода гардидааст: «Барои беҳтар зоҳир гардидани хусусиятҳои миллии ҳар як забон воҳидҳои фразеологии дорои компонентҳои зоонимӣ хизмат мекунанд. Баҳогузории босифат, ки ба таври рӯирост номи ҳайвонотро ифода менамоянд ба таври маҷозӣ хусусияти миллию фарҳангии забонро нишон медиҳад» [18, 65].

Забоншиноси маъруф хеле дуруст зикр мекунад, ки воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъҳои зоонимӣ хусусиятҳои миллию фарҳангии забонро барҷаста нишон медиҳанд. Бояд зикр намуд, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки мавриди таҳқиқи мо қарор доранд, воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ мавқеи асосӣ доранд ва танҳо дар онҳо хусусиятҳои миллию фарҳангӣ чун оина нишон дода мешавад. Масалан, ибораҳои рехтаи «гурги борондида», ки дар забони тоҷикӣ васеъ истифода бурда мешавад, ифодаи яке аз муҳимтарин хусусиятҳои миллию фарҳангии мардуми тоҷик – хислатҳои таҷрибадор ва таҳаммулгар буданро инъикос мекунад. Муҳаққиқи тоҷик С. Матробиён дар ин бора қайд мекунанд: “Ибораи фразеологии бисёр маъмули забони тоҷикӣ «гурги борондида» маънои «шахси ботаҷриба»-ро дорад. Дар

ибораи рехтаи мазкур тасвири табиии мардуми тоҷик инъикос ёфтааст. Гург дар тасвири тоҷикон ҳайвони даранда, аммо ба хунукиҳо тобовар мебошад. Дар муҳите, ки мардуми тоҷик ҳазорҳо сол иқомат доранд, гург низ ҳамчун ҳайвони ваҳшӣ ва даранда, бо онҳо дар ҳамин муҳит зиндагӣ дорад. <…>. Дар ибораи фразеологии «гурги борондида» дар баробари «гург» – дарандаи оштинашаванда, вожаи «борон» истифода шудааст. *Борон* – ҳамчун ҳодисаи табиат, дар дашту кӯҳҳои тоҷикнишин хеле бисёр меборад. Дар баробари гург борон низ харобиовар аст, ҳарчанд нафърасон ҳам бошад. Аз ин рӯ, дар тасвири мардум он ки таҷрибаи бисёр дорад, яъне чун гург азобҳои боронро дидааст, он ки бисёр чаққону нотарс чун гург мебошад, ӯро «гурги борондида» мегӯянд. Ин тасвир як тасвири хосае аз таҷрибаи зиндагӣ аст, ки ба он либоси ташбеҳот ва маҷоз пӯшонидаанд. Чунин тасвирҳои миллии забонии тоҷикон хеле зиёданд, ки дар шакли ибораҳои рехта ва устувор қабати луғавии забони тоҷикӣ ва забонҳои бадахшониро ҷило медиҳанд» [106, 129].

Ҳамин масъала дар андешаи забоншинос О. В. Галимова низ хеле возеҳ шарҳ дода шудааст, ки наметавон ақидаи ӯро ҷонибдорӣ накард.

Ӯ хусусиятҳои этнофарҳангии лексикаи зоонимии ифодагари хусусиятҳои инсонро ба таври зерин шарҳ медиҳад: «Номгузории ҳайвонот бештар бо рамзҳои халқӣ ва мифологӣ зич алоқаманд буда, сарчашмаи асосии ин зуҳурот ба даврони қадим рост меояд, зеро аз рӯи нишондодҳои катибаҳои дастрасгардида бештари ҳаёти маишии одамон бо ҳайвонот сахт алоқаманд буда, тавассути ҳайвоноти алоҳида хислатҳои инсонӣ инъикос гардидаанд. Барои муайян сохтани хусусияти этнофарҳангии лексикаи зоонимии ифодакунандаи хислати инсонӣ истилоҳи «зооним», ки ҳамчун варианти семантикии ифодагари намуди ҳайвон хизмат мекунад, муфид дониста шудааст» [44, 35].

Назарияи номинативии воҳидҳои фразеологии дорои компоненти зоонимӣ аз тарафи олим Г. С. Григорева хуб коркард гардида, асоси он чунин нишон дода шудааст: «Зоонимҳо ҳам дар забони тоторӣ ва ҳам забони англисӣ

дараҷаи баланди фаъолнокии фразеологиро доро буда, компонентҳои зоонимӣ тавассути табиати махсуси менталии худ фарқ мекунад, ки инсонро бо олами ҳайвонот дар асоси базаи баҳодиҳии семантикӣ ва хусусиятҳои биологиии ҳайвонот муттаҳид месозад» [48, 12]. Ин андешаи забоншинос низ ҷолиб буда, воқеан метавон тасдиқ кард, ки зоонимҳо дар забони тоҷикӣ низ дорои ҳамин хусусиятанд.

Забоншинос А. А. Киприянова дар мавриди фразеологияи зооморфӣ чунин мефармояд: «Ба воситаи фразеологияи зооморфӣ маъноҳои умумӣ ва универсиалӣ нишон дода мешавад. Яке аз воситаҳои асосии зоҳир гардидани хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо ифодаи онҳо дар матнҳои халқӣ ба шумор рафта, тавассути онҳо омилҳои ҳаёти маишии халқ, расм, русум, анъанаи мардумӣ ифода мегардад» [77, 48].

Муҳаққиқ А. А. Киприянова дар пайравӣ аз андешаҳои Е. М. Брословская воҳидҳои фразеологиро бо ҷузъи зоонимӣ яке аз воситаҳои асосии инъикоси ҳаёти маишии халқ ва расму анъанаҳо номидааст, ки мо низ ин андешаи забоншиносонро пурра ҷонибдорӣ мекунем. Воқеан, воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи зоонимӣ муносибати инсону ҳайвонро нишон дода, дар ин муносибатҳо хусусиятҳои фарҳангӣ – хусусан расму анъанаҳо барҷаста тасвир мешаванд.

Н. А. Клушин мафҳуми зоонимҳо ва фитонимҳоро чунин шарҳ дода, бар он андеша аст, ки «зоонимҳо ва фитонимҳо қабати махсуси лексикаи ҳар як забонро ташкил намуда, дар ифодаи рӯирости маънои худашон дар ҳамаи самтҳои забон истифода мешаванд. Ҳангоми ифодаи хусусиятҳои зооморфии инсон доираи корбурди онҳо маҳдуд мегардад, яъне онҳо дар доираи расмӣ истифода бурда намешаванд» [78].

Ин андешаи муҳаққиқ то дараҷае агар воқеият дошта бошад, аммо наметавон бо он розӣ шуд, ки «зооморфизмҳо дар доираи расмӣ истифода бурда намешаванд». Дар ҳолатҳои зарурӣ баъзан дар нутқи расмӣ низ метавон

зооморфизмҳоро истифода кард, аммо вобаста аз ҳолат ва вазъият, чуноне ки дар урфияти тоҷикӣ гуфтаанд: «ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта маконе дорад».

Рамзҳои зооморфӣ дар корҳои илмии забоншинос И. А. Курбанов мавриди омӯзиш қарор гирифта, нуктаи назари олим дар бораи масъалаи мазкур чунин дарҷ гардидааст: «Зоосемизмҳо дорои хусусиятҳои ассосиативӣ буда, ба лексикаи зоонимӣ ифодаи конотатсия, тасвири маҷозии воқеият, категорияи баҳодиҳӣ, баҳодиҳии миллӣ, антропоморфизм роиҷ аст» [95, 58]. Масъалае, ки муҳаққиқ И. А. Курбанов ба миён гузоштааст, барои таҳқиқи зооморфизмҳо калидӣ маҳсуб меёбанд. Воқеан, дар зооморфизмҳо маҷоз мавқеи асосӣ дошта, тавасути ҳамин мо ба рафтору кирдори инсонҳо баҳо медиҳем.

Мардонова Дина Марсовна ҳангоми пеш баррасии кори илмӣ дар самти таҳлили муқоисавии фразеологизмҳои зоонимӣ дар забонҳои англисӣ ва туркӣ вазифаи зоонимҳоро чунин шарҳ додааст: «…дар ду забони омӯхташуда воҳидҳои фразеологизмҳо бо компонентҳои зоонимӣ: ном ҳайвоноти хонагӣ, паррандаи хонагӣ таҷрибаи зиндагии аҳли башарро инъиксос намуда, принсипҳои ифодаи онҳоро дар таркиби фрзаеологизмҳо нишон медиҳад. Таҳқиқот нишон дод, ки фразеологизмҳои зоонимӣ хусусиятҳои универсиалӣ, ки барои тамоми миллатҳо хос аст ва, инчунин, хусусиятҳои дифференсиалии (фарққунанда) ҳар як халқу миллатро дар худ таҷассум менамояд» [103, 54].

Забоншинос Д. М. Марданова ба фразеологизҳои дорои компоненти зоонимӣ таваҷҷуҳи хоса дода, хусусияти универсалии онҳоро ошкор намудааст. Ҳамин хусусиятро мо дар воҳидҳои фразеологии ифодагари ҷузъҳои зоонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ дида метавонем. Бисёр воҳидҳои фразеологии дорои компонентҳои зоонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хусусияти якхела доранд.

С. С. Огдонова хусусияти фарҳангии зооморфизмҳоро ба таври зерин нишон додааст: «Хусусияти мадании зооморфизмҳо дар инъикоси мундариҷаи коннотативии сарчашмаҳои миллии забон: ибораҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақол равона гардидааст» [122, 23].

Мавҷудияти вариантнокӣ ва эквивалентнокии ибораҳои фразеологиро забоншинос Д. А. Тишкина дар «изоморфизми забонии монандкунии хислати инсон ба ҳайвонот, ки дар ин ҳолат умумияти пурра ё қисмани онҳо ба назар мерасад»[170, 97] мебинад. Дар самти вариантнокии фразеологӣ воқеияти шакли дохилӣ ва мувофиқати образҳо, ки ҳамчун асоси воҳидҳои фразеологӣ хизмат мекунад, хуб ба назар мерасад.

Андешаҳои забоншиносон С. С. Огдонова ва Д. А. Тишкина, ки доир ба хусусияти фарҳангии зооморфизмҳо ва мавҷудияти гунанокию муодилнокии зооморфизмҳо равона шудаанд, қобили қабул мебошанд. Ҳамин хусусиятҳоеро, ки забоншиносони мавсуф нишон додаанд, дар зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ ба назар мерасанд.

Ҳамин тариқ, нуктаи назари забоншиносон Ю. Л. Лясот, М. И. Черемисин, Ф. А Литвин, Е. А. Гутман, Л. С. Войтик , О. А. Рижкина, В. П. Корсалова, Х. Ортеги-и-Гассета, Х. Касареса Ч. Кэни, Т.В.Писанова, Н. А. Клушин, В. Земскова, Қ.Т. Ғаффорова, С. Қ. Матробиён, А. А. Киприянова, Д. М. Марданова, С. С. Огдонова, Д. А. Тишкина ва дигарон доир ба таҳқиқи зооморфизмҳо мавқеи хосеро касб намудааст. Тибқи ақидаи онҳо асоси методҳои тадқиқотии зооморфизмҳоро методҳои мусоҳиба ва пурсиш, методи квалитативӣ, фаҳмишҳои мусбат ва манфӣ, таҳлили эпидигматикӣ, таҳлили сохтори семантикии зооморфизмҳо ва истифодаи онҳо дар самтҳои гуногуни забонӣ, ҳамчунин таҳлил дар шакли муқоиса, маҷоз ва метонимия, таҳлили коннотативии сарчашмаҳои миллии забон: ибораҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақол ташкил медиҳанд.

1.5. Мавқеи зооморфизмҳо ҳамчун воситаи образноку таъсирбахш дар забон

Ҷузъҳои зоонимӣ ё зооморфизмҳо падидае мебошанд, ки ҳамчун воситаи образноку таъсирбахши забон арзиши баланд дошта, дар фарқ аз тасвирҳои шахсӣ нисбатан серистеъмолтар мебошанд.

Зооморфизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои забонҳои гуногун ба тариқи ифодаҳои маҷозӣ фаровон корбаст мешаванд. Ин гурӯҳи ифодаҳо барои тақвият бахшидани фикри гӯянда ва таъсири муайян расонидан ба шунаванда истифода мешаванд. Маълум аст, ки ин зооморфизмҳо дар асоси истифодаи маъноҳои маҷозӣ истифода бурда мешаванд: *гурги борондида* – одами бо тачриба; *саги ду хона* – одами овора, бесарпаноҳ; *моргазида* дар таркиби ибораи «*моргазида* аз ресмони ало метарсад» ба маънои эҳтиёткор омадааст, *a snake in the grass* "*таҳтул*. мор дар алафзор" (*муодил:* каждуми зери бурё) – одами баддандеш, аҳдшикан ва дурӯғгӯй.

Боиси қайд аст, ки зооморфизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар баробари маънои маҷозӣ доштан, хусусияти гиперболӣ (мублоиғавӣ)-ро низ доро мебошанд. Ба зоомофизмҳои забонҳо хусусияти баҳодиҳӣ-коннотатсионӣ хос мебошад.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маҷоз бо ҷузъҳои зооморфӣ зиёд ба назар мерасанд, ки тавассути онҳо маъноҳои гуногуни маҷозӣ ифода меёбанд. Ин зооморфизмҳо дар натиҷаи гузариши маъноҳои аслӣ ба маҷозӣ пайдо шуда, миқдорашон дар забонҳои омӯхташаванда хеле зиёданд. Мисол: дар забони англисӣ: *a dead cat bounce* "*таҳтул*. ҷаҳидани гурбаи мурда" [210, 47] – бениҳоят хандаовар; *not a dicky bird* "*таҳтул*. на он қадар парандаи зишт" [210, 78] – ягон чӣ, ҳеҷ гапе не; *sick as a parrot* "*таҳтул*. бемор мисли тӯтӣ" – бениҳоят руҳафтода шудан [210, 262]; дар забони тоҷикӣ: *паша шудан* – ба касе халал расондан; касеро безор кардан, *рубоҳи маккор* – одами шаттоҳ ва маккор, *шиками гург сер шавад ҳам, чашмаш гурусна* – одами ҳарис ҳарчанд молдору пулдор шавад, боз ҳаристар мешавад [205, 818].

Дар забонҳои тоҷикиву англисӣ, инчунин феълҳои зооморфӣ зиёд ба назар мерасанд, ки бештар шакли ибораҳои фразеологиро ташкил медиҳанд. Чунончи:

Дар забони тоҷикӣ:

– *аз аккахона булбул рӯидан* – аз оилаи назарногир ва камбағал пайдо шудани каси ба назар намоён, фавқуллода; аз байни камбағалҳо баромадани одамони шоёни диққат; аз ноаҳл рӯидани фарзанди аҳл;

– *аз байн гурбаи ало гузаштан* – миёни ду кас хунукӣ афтодан [205, 58];

– *аз болои уштур алаф даравидан* – фармонфармоӣ, калонигарӣ кардан: 205, 130];

– *кабки касе бонки хурӯс баровардан* – кори касе омад кардан; бахти касе тохтан [205, 503];

– *пашаро фил карда нишон додан* – чизеро аз будаш зиёд карда нишон додан, муҳобот кардан [205, 818];

– *фароштуруки аввалини баҳори чизе будан* – намунаи нахустини чизе будан [206, 227].

Дар забони англисӣ:

– *eat like a horse* [*таҳтул*. мисли асп хӯрдан] – бисёр хурдан, аз таҳти дил хӯрдан [210, 149];

– *buy the rabbit* [*таҳтул*. харгӯшро харидан] – бадтар шудан, бад шудан [201, 235];

– *fight like cat and dog* (of two people) [*таҳтул*. ба мисли сагу гурба ҷанг кардан] – монанди сагу гурба ҷангидан, тамоман ҳамзистӣ карда натавонистан [210, 47];

– *dressed (up) like a dog's dinner* [*таҳтул*. ба мисли шоми саг либос пӯшидан] – либоси нав пӯшидан, либоси мувофиқи талаботро пӯшидан [210,83].

Корбурди зооморфизмҳо дар зарбулмасалу мақол имконият медиҳад, ки хислати миллии ин ё он соҳибзабонро нишон дода, хусусиятҳои миллию фарҳангии онҳоро инъикос намоем.

Чунончи, дар забони тоҷикӣ:

– *агар ба меҳмонии гург меравӣ, саг ҳамроҳат бубар*;
– *сари мор бурида шавад, дигар як ресмон аст*;
– *шаҳол, ки аз боғ қаҳр кунад, фоидаи боғбон аст*;

– *мурғашро қӯша гуфта намешавад*.

Дар забони англисӣ:

– *to fish in troubled waters* [*маҳтул*. дар оби гилолуд моҳӣ гирифтан] (*муодили тоҷикӣ:* обро лойолуд карда моҳӣ доштан) – аз вазъияти нофаҳмо суистифода кардан;
– *a thief knows a thief as a wolf knows a wolf* [*маҳтул*. дузд дуздро аз дур мешиносад, чи тавре ки гург гургро мешиносад] – одамоне, ки ба ҳамдигар таҷрибаи ҷиноятӣ ва тактикаи ҷинояткорӣ доранд;
– *many a good cow has a bad calf* [*маҳтул*. ҳар як гови хуб гӯсолаи бад дорад] – дар ҳар як оила як аблаҳ аст;
– *the leopard cannot change his spots* [*маҳтул*. паланг доғи пӯсташро иваз карда наметавонад] – *муодили тоҷикӣ*:гургзода гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад;
– *birds of a feather flock together*[*маҳтул*. галаи парандаҳо якҷо ҷамъ мешаванд] – *муодили тоҷикӣ:* кабутар бо кабутар, боз бо боз.

Заминаи асосии истифодабарии зооморфизмҳо дар воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо зоонимҳои этнолингвистӣ маҳсуб ёфта, онҳо зери таъсироти ривояту асотирҳои гуногун, достону ҳикояҳои мухталифе, ки дар фарҳанги ду ҳалқ мавҷуданд, ба вуҷуд меоянд. Дар такя ба хусусиятҳои образнокии худ зоонимҳо дар матни бадеӣ одатан ба зооморфизмҳо гузашта, ҳамчун зооморфизмҳои инсонмеҳварӣ (антропосентрӣ) хизмат мекунанд. Боиси қайд аст, ки пайдоиши хусусияти инсонмеҳварӣ (антропосентрӣ) дар зооморфизмҳо нишондоди аниқи муҳиммияти номи ҳайвонот дар доираи умумии забоншиносӣ мавқеи махсусро ишғол намуда, намунаи асосии гузариши хислатҳои олами ҳайвонот ба инсон дониста шудааст.

Дар низоми забонии ду забон: тоҷикӣ ва англисӣ номгӯи зоонимҳо бо ҷузъҳои зооморфизмҳо доираи махсуси семантикии забонро ташкил намуда, ин вожаҳо ҳамчун вожаҳои мустақили забонӣ ва ҳамчун ҷузъҳои махсуси воҳидҳои фразеологӣ, идиомаҳо, зарбулмасалу мақолҳо ва ҳамчун маҷозҳои

ифодакунандаи хислатҳои инсонӣ ва предметҳои беҷон низ мавқеи истифодабарӣ доранд. Мисол: дар забони англисӣ: *back the wrong horse* [*таҳтул*. баргардонидани аспи нодаркор] – интихоби нодуруст кардан; *bell the cat* [*таҳтул*. саги Бел] – худро зери хатар монда, кори вазинеро иҷро кардан; *a dog's life* [*таҳтул*. зиндагии сагона] – зиндагии бадбахтона; дар забони тоҷикӣ: *паша газидан* – аз чизи беҳудае ранҷидан, аз андак нохушӣ ранҷидан; *ҳар зоґе, ҳар доґе* – ҳар кас як камбудӣ, як ґаму ґусса, як дард дорад; *мусича (мусичаяк)-и бегуноҳ (ваболак)* – беайб; ҳалим; фақир, бечора; *мори оташдида* – ҳаросон, ошуфтаҳол, бе сару сомон, беқарор гардидан ; *мурґи посӯхта* – ҳаросон, ошуфтаҳол, бе сару сомон, беқарор гардидан; *каждуми таги бурё* – душмани пинҳонӣ, душмани дохилӣ ва ґайра.

Ҳамин тавр, истифодаи зооморфизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо зиёд ба назар расида, тавассути онҳо афкору андешаи мардуми гуногунзабон дар робита ба ҷаҳони атроф баррасӣ ва муайян мешавад. Мавқеи истифодабарии зооморфизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо асосан дар нутқи муқаррарӣ ва асарҳои бадеию фолклорӣ буда, онҳо ҷанбаи эҳсосотӣ ва образнокӣ доранд. Аз ин рӯ, истифодаи зооморфизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо барои тақвият бахшидани фикри гӯянда дар нутқи гуфтугӯӣ ва бадеи забонҳои гуногун аз аҳаммият холӣ нест.

Хулосаи боби I

Ҳамин тариқ, зоомофизмҳо аз назари забоншиносон ҳамчун як гурӯҳи луґавию семантикии вожаҳои лексикии забон таҳқиқ шуда, дар бораи низоми зоонимии ҳар як забон бо ифодаи хусусиятҳои гуногуни коннотативию метафоравӣ (маҷозӣ) маълумот медиҳанд. Ҷиҳати ифодаи ин гурӯҳи луґавӣ дар таркиби ҳар як забон забоншиносон нуқтаи назари мухталиф дошта, онҳоро дар асарҳои худ иброз намудаанд. Мафҳуми ҷанбаҳои миллию фарҳангии ҳар як зуҳуроти забонро шарҳ дода, онро аз ду ҷузъи асосӣ: гуногунии миллӣ ва гуногунии миллию фарҳангӣ иборат медонанд.Тибқи

андешаи муҳаққиқон забон як ҷузъи фарҳанг буда, маълумоти фарҳангию таърихии хислати анъанавӣ ва омилҳои гуногуни муосирро дар худ нигоҳ медорад ва онро инъикос мекунад. Бинобар ин, муҳаққиқон забонро ҳамчун оинаи фарҳанги миллӣ, ё муҳофизи он тафсир мекунанд. Сарчашмаҳои муҳимми ифодаи хусусиятҳои миллию фарҳангӣ дар забон воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо мебошанд, ки тавассути шарҳи онҳо маъноҳои когнитивӣ ифода мегарданд. Воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар нишон додани фаҳмишҳои миллию фарҳангии халқ ва муайянсозии он аҳаммияти муҳим доранд, зеро дар мазмуни онҳо ҷаҳонбинии миллию фарҳангии мардум тасвир ёфтааст. Дар забон ҳамон ифодаҳои фразеологӣ нишон дода мешаванд, ки бо меъёрҳои миллию фарҳангӣ, қолабҳо ва мифологенҳо муттаҳид гардида, ҳангоми истифодабарии онҳо дар нутқ ҳувияти забонию фарҳангии ҳар як халқ ифода мегардад.

Хусусияти миллии воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо метавонад таърихи мардумро инъикос намуда, анъанаҳои махсус, расму оин, хусусияти бунёдии он, ки дар нақши он дарҷ гардидааст, ифода намояд.

Муҳтавои таҳқиқи ҷанбаҳои фарҳангии забон ба ҳалли масъалаҳои: «забон ва халқ», «забон ва фарҳанг», «забон, тафаккур ва фарҳанг», «забон ва идрок» бахшида шуда, дар он мафҳумҳои “гуногунии миллӣ”, “гуногунии миллию фарҳангӣ”, «ҳувияти забонӣ» ва “хотираи фарҳангӣ» таҳлил ва арзёбӣ мешаванд. Тибқи таҳлили забоншиносон тавассути забон инсон олам ва фарҳангро мешиносад, рафтор, тарзи ҳаёт, ҷаҳонбинӣ, ҳувият ва худшиносии ӯро муайян месозад.

Зооморфизмҳо барои хислатҳои эҳсосӣ ва баҳодиҳии одамон истифода шуда, тавассути онҳо хислату одатҳои ҳайвонот ба осонӣ ба одамон интиқол дода мешаванд. Аз ин рӯ, зооморфизмҳоро воҳидҳои забонӣ маънидод менамоянд, ки тавассути онҳо ба одамон сифатҳои ҳайвонот нисбат дода мешаванд. Яъне, зооформизмҳо барои ифодаи эҳсосот ва аксуламалҳо дар

ҳаёти инсон истифода шуда, тавассути онҳо ба ашё аз рӯи меъёрҳои ахлоқию эстетикӣ баҳогузорӣ мешавад.

Дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо зооморфизмҳо вожаҳои муҳимми образноки таҷдидишудаи семантикӣ бо ҷузъҳои худ маҳсуб меёбанд. Онҳо ба алоқаҳои гуногуни грамматикӣ, лексикӣ ва семантикӣ такя менамояд ва ба ин васила маънои маҷозӣ дар асоси хусусиятҳои лексикии воҳидҳои фразеологӣ ва муносибатҳои дохилиашон пайдо мешаванд.

БОБИ II
ВИЖАГИҲОИ МАЪНОЙ ВА МИЛЛИЮ ФАРҲАНГИИ ЗООМОРФИЗМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

2.1. Баррасии мавзуъ

Зоонимҳо – номи ҳайвонот, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ қисмати муҳимми лексикаро ташкил намуда, тавассути онҳо маъноҳои гуногуни лексикӣ-семантикӣ ва хусусиятҳои гуногуни услубӣ ифода мегарданд.

Маълум аст, ки зоонимҳо дар баробари ифодаи маънои аслиашон бо маънои маҷозӣ низ истифода шуда, онҳо барои ифодаи хислатҳои эҳсосотию таъсирбахшӣ ва баҳодиҳии одамон дар забони гуфтугӯии забонҳои гуногун хизмат мекунанд. Чунин навъи зононимҳоро зооморфизмҳо меноманд. Зооморфизмҳо дар баробари маҷозан ифода намудани хислату атвори одамон, инчунин, хосияти «биоморфӣ» низ доранд, яъне ба воситаи онҳо хусусиятҳои ашёҳои беҷон хусусиятҳои ашёҳои ҷондорро касб намуда, дар баъзе мавридҳо хусусиятҳои объектҳои ҷондор ба воситаи хосияти ашёҳои беҷон низ ифода мегарданд.

Тавассути зооморфизмҳои ду забони омӯхташуда мафҳумҳои миллию фарҳангӣ, хусусияти расму анъанаҳои миллии халқҳои тоҷик ва англис инъикос гардида, онҳо барои муаррифӣ кардани васоити умумӣ, универсалӣ ва хоссаи қавмӣ хизмат мекунанд. Муқоисаи маводи зооморфизмии ду забон барои муайян сохтани сарчашмаҳои этимологии забон ва таҳлили ҷанбаҳои лингвофарҳангии арзишҳои миллӣ муҳим дониста шудааст.

Хусусиятҳои миллию фарҳангии зоонимҳо бештар ба таҷрибаҳои инсоние, ки дар лексикаи ҳар як забон дарҷ гардидаанд, такя намуда, онҳо дар шакли образҳо ва рамзҳои махсус дар матнҳо ифода мегарданд.

Маълум аст, ки зооморфизмҳо дар ҳар ду забони омӯхташаванда таассуроти гуногунро инъикос менамоянд, ки ин ба хосиятҳои бевоситаи зооним, ташаккули таърихии забони мухталиф вобастагии зич дорад.

Дар даврони пешин, дар фарҳангҳои гуногун ба олами ҳайвонот таваҷҷуҳи махсус дода шуда, ба онҳо хусусияти хуруфотии гуногун мебахшиданд. Баъзе халқиятҳо ҳайвонотро саҷда мекарданд, баъзеҳо ба онҳо сифоти инсонӣ бахшида, бо онҳо падидаи гуногуни табииро вобаст мекарданд. Ҳамаи ин ба фарҳангу маданияти халқиятҳои гуногун таъсири худро расонида, забон низ аз ин таъсирот дар канор намонд. Дар ин асос дар забоншиносӣ истилоҳи нави лингвистӣ пайдо шуд, ки он ба инсон бахшидани сифатҳои ҳайвонотро нишон дода, бо вожаи зооморфизм ёдрас мешавад.

Аз рӯи нишондоди илмӣ зооморфизмҳо се сатҳи маъноиро ифода мекунанд: якум, маънои аслӣ – номи бевоситаи ҳайвонот, дуюм, сатҳи мифологӣ, ки фарҳанги халқ ва матнҳои фольклорӣ ба воситаи он инъикос мегарданд ва сеюм, сатҳи коннотативии зоонимҳо, ки барои пеш бурдани хусусиятҳои зооморфии инсон хизмат мекунанд.

Зооморфизмҳо ҳамчун вожаҳои махсуси забонӣ хусусиятҳои неруи инсониро дар чаҳорчӯбаи ҷамъиятӣ ва психологӣ нишон медиҳанд. Барои мисол ҷиҳати нишон додани ҷасорату матонати шахс дар забони тоҷикӣ бештар зооними *шер* дар таркибҳои: *шербача, шерри жаён, шерри нар* истифода шуда, дар забони англисӣ *lion –шер* низ маҷозан хислатҳои инсонӣ аз қабили *«зӯроварӣ»* ва *«ҷасоратро»* ифода менамояд. Таркиби англисии *«king of animals»* – шоҳи ҳайвонот (шоҳ ҳар кас шудан наметавонад, зеро хислати шоҳӣ тавоноии ҷисмонӣ ва маънавист) ишора ба зооними «шер» буда, коннотатсияи *«тавоної»* ва *«иқтидор»*-ро доро мебошад. Қобили зикр аст, ки дар ҳар як забон зооморфизмҳо таассуроти гуногунро ба контексти матн мебахшанд, зеро ҳар як халқ бо ин зооморфизмҳо таассуроту фаҳмишҳои мухталифро нишон медиҳанд.

Тибқи маълумоти И. В. Куражова: «….зооморфизмҳо дар забонҳои гуногун хосият ва хусусиятҳои гуногунро нишон дода, падидаи фардӣ будани фаҳмиши халқияти мушаххас, ҷараёни мушкили таасуротӣ-равонӣ ва фарқият дар арзишҳои гуногуни этникӣ дониста шудааст» [94,139].

Аз ин гуфтаи муҳаққиқ маълум мешавад, ки зооморфизмҳо дар тасаввури халқҳои гуногун ба таври инфиродӣ инъикос меёбанд ва онҳо ба равон (психология)-и шахс бетаъсир намемонанд.

Бинобар ин, дар боби мазкур вижагиҳои маъноӣ ва миллию фарҳангии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, хусусан, хусусиятҳои коннотативӣ ва маҷозии зооморфизмҳо, ифодаи онҳо дар таркиби зарбулмасалу мақол ва воҳидҳои фразеологии забонҳои таҳқиқшаванда мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор мегирад.

2.2. Таснифи маъноии зооморфизмҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ

Таснифи зооморфизмҳо нисбатан мушкил буда, аз рӯи нишондоди маъноиашон онҳоро метавон ба ду гурӯҳи калон ҷудо намуд:

1) зооморфизмҳое, ки аз як калимаи сода – номи ҳайвон иборат буда, тавассути ин як калима дар баробари номи ҳайвон хусусиятҳои ассотсиативӣ низ дарҷ мешаванд: (з.тоҷ) ***рӯбоҳ*** – ***fox*** **“***рӯбоҳ***”** (з.англ.) – дурӯя, маккор, лаганбардор; (з.тоҷ) ***мор*** – бадкина, бадандеша; ***shark*** “мор” (з.англ.) – қаллоб, тамаъҷӯ;

2) зооморфизмҳое, ки ҳамчун воҳиди зооморфӣ дар таркиби зарбулмасалу мақол ва воҳидҳои фразеологӣ омада, барои боз ҳам пурқувват намудани маъноии маҷозии онҳо хизмат мекунанд: (з.тоҷ) ***гурги борондида*** – одами ботаҷриба; (з. англ.); ***a black sheep*** *“гӯсфанди сиёҳ”* – беобрӯӣ барои оила» *(тибқи эътиқоди англисҳо гӯсфанди сиёҳ бо муҳри шайтон ишора шудааст)*.

Омӯзиши хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки онҳоро аз рӯи се категорияи асосӣ гурӯҳбандӣ намоем:

1. Аз рӯйи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ (маъноҳои иловагӣ(коннотативӣ)), яъне шарҳи маъноии луғавии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

2. Аз рӯйи ифодаи рамзҳои зооморфӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

3. Аз рӯйи ифодаи зооморфизмҳо дар таркиби зарбулмасалу мақол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

Вобаста ба категорияҳои дар боло зикршуда зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи гурӯҳҳои мавзуии зерин тасниф мешаванд:

1. Зоонимҳои ифодакунандаи номи ҳайвоноти хонагӣ: *cow – гов, sheep – барра, cat – гурба, dog–саг, horse–асп, donkey–маркаб, goat–буз*;

2. Зоонимҳои ифодакунандаи номи ҳайвоноти ваҳшӣ: *lion–шер, tiger–паланг, elephant–фил, fox–рӯбоҳ, jackal–шаҒол, crocodile–тимсол.*

3. Зоонимҳои ифодакунандаи номи паррандаҳо: *peafowl – товус, hen – мурғ, parrot– тутӣ, magpie–зоғ, eagle–уқоб*;

4. Зоонимҳои ифодакунандаи номи ҳашарот ва хазандаҳо: *scorpion–каждум, ant–мурча, snake–мор.*

Вобаста ба сифатҳо ва аломату хусусиятҳояшон зооморфизмҳои инъикоскунандаи хислатҳои инсониро ба чунин зермавзуъҳо тасниф мекунем:

1. Зооморфизмҳое, ки ҷанбаҳои ахлоқӣ ва ғариахлоқиро ифода менамоянд:

– **ҳалимӣ, нармдилӣ**:

тоҷ. Мусичаи бегуноҳ; Мӯрчаи беозор;

англ. Even a worm will turn «Ҳатто кирм ба по мехезад».

– **меҳмоннавозӣ**: *The best fish smell when the yare three days old* «Ҳатто моҳии хуб баъди се рӯз вайрон мешавад» – ҳар чизро меъёру дараҷаест (маъно);

– **эҳтиёткорӣ**:

тоҷ. Бо думи шер бозӣ макун;

англ. Let sleeping dogs lie «Сагҳои хобидаро бедор накун»;

– **дуздӣ**, **хасисӣ, бахилӣ**:

тоҷ. Мурғдузд шутурдузд мешавад;

англ. He that will steal an egg will steal an ox «Касе тухмро дуздад, барзаговро медуздад»;

– **ҳавобаландӣ, худфаҳмӣ**:

тоҷ. Аспи самандро савор шудан;

англ. Don't ride a high horse «Ба аспи баланд нанишин»;

– **беадолатӣ ва талаби адолат**

тоҷ. Хараки паст (шахсе, ки ӯро ҳамаи кас кор мефармоянд); *Ранҷ бар гову нола бар гардун; Бузро ба пойи худ меовезанд, гӯсфандро ба пойи худ*;

англ. All lay loads on a willing horse «Ҳамаи борро бар дӯши аспи бечора кардан»;

– **сабукфикрӣ, саҳлангорӣ**:

тоҷ. Ризқ, агарчи бегумон бирасад, ту марав бар даҳони аждарҳо;

англ. It's a bold mouse that nestles in the cat's ear «Муши ҷасур худро ба гӯши гурба ҷо мекунад» (маъно: Муши бад ҳамонест, ки танҳо як ҷой дорад);

– **тарсончакӣ, беғайратӣ**:

тоҷ. Аз гунҷиш тарсӣ, арзан макор;

англ. *Rats desert (leave) a sinking ship* «Мушҳо аз қаиқи ғарқшуданӣ мегурезанд»;

– **якравӣ, саркашӣ, гарданшахӣ**:

тоҷ. Ба аспи нағз як қамчин, ба аспи бад сад қамчин;

англ. There are more ways than one to kill a cat «Масъалаи зиёдро ҳал кардан осонтар аст, назар ба куштани як гурба»;

– **маккорӣ, ҳиллагарӣ**:

тоҷ. Гург дар ҷомаи пеш;

– *англ. A wolf in sheep's clothing* «Гург дар либоси барра»; *As slippery as an eel* «Лағжонак чун мор»;

– **хусумат, адоват**:

тоҷ. Чун сагу гурба рӯйнодид шудан;

англ. To live cat-and-dog life «Чун сагу гурба зиндагӣ кардан;

– **кунҷковӣ**:

тоҷ. Мискин харак орзуи дум кард, ноёфта дум ду гӯш гум кард;

англ. Curiosity killed the cat «Кунҷковӣ гурбаро кушт»;

– **худситоӣ, худтаърифкунӣ**:

тоҷ. Булбули касе хондан (гӯё шудан) – касе худро таъриф кардан;

англ. Each bird loves to hear himself sing «Ҳар як парранда сози худро шунидан мехоҳад» – таърифи ҳар кас ба дилаш мувофиқ (маъно);

2. Зооморфизмҳое, ки хусусияти воқеӣ доранд:

– **таҷрибаи зиндагӣ**:

тоҷ. Гурги борондида; *Мурғобибачаро шино набояд омӯхт* [207, с. 187] *англ. Don't teach fish to swim* «Моҳиро шино кардан наомӯз»; *Don't teach the dog to bark* «Сагро аккас задан наомӯз»; «*Old foxes want no tutors*» – «Рӯбоҳи пир муҳтоҷи омӯзиш нест»;

– **моҳияти зиндагӣ**:

тоҷ. Чӯҷа ҳамеша да зери сабад намемонад; Гӯсолаи мо пир шуду гов нашуд;

англ. Let the cock crow or not, the day will come «Субҳ бе дод задани мурғ ҳам медамад» – ҳар чизи мешуданӣ бе нақша кашидан ҳам рух медиҳад;

– **мушкилоти зиндагӣ**:

тоҷ. Ҳар зоғеро як доғе; *Азоби сагро кашидан;*

англ. It is too late to lock the stable when the horse has been stolen «Бастани асп баъди дуздиданаш бефоидааст»;

– **нокомӣ, нобарорӣ**:

тоҷ. Дар хонаи мӯр шабнаме тӯфон аст;

англ. Every dog has his day «Ҳар як саг рӯзи худро дорад».

Дар ин гурӯҳ афзалият ба категорияи «*таҷрибаи зиндагӣ*» дода шуда, категорияҳои нобарорӣ, мушкилоти зиндагӣ камтар бо зооморфизмҳо ифода мегарданд.

3. Зооморфизмҳое, ки фазои ҷамъиятиро нишон медиҳанд:

– **иҷтимоиёт**:

тоҷ. Беша бе шер нест дарё бе наҳанг; Кабутар бо кабутар боз бо боз;

англ.Who scrubs every pig he sees will not long be clean himself «Касе, ки бо хукон шинад, дер боз тоза нахоҳад шуд»; *He that lies down with dogs must rise with fleas* «Касе ки бо саг (гург) шинад одати онро мегирад»; *Who keeps company with the wolf, will learn to howl; Бо моҳ шинӣ моҳ шавӣ бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ* (муодили тоҷикӣ);

– **баҳогузории субъективӣ**:

тоҷ. Буз агар хирман мекӯфт, ҳоҷати барзагов набуд;

англ. Neither fish nor flesh «На гӯшту на моҳӣ» (корношоям);

– **мақом дар ҷамъият**:

тоҷ. Дар хона шеру дар майдон рӯбаҳ (ғариб); *Хонашеру майдонғариб; Ба хар муносиб ҳангос, ба хурӯс муносиб овоз;*

англ. A cock is valiant on his own dunghill «Мурғ дар ҷойи худ ҷасур аст»; *Every cock sings in his own manner* «Ҳар мурғ мақоми додзании худро дорад» – ҳар кас ба мувофиқи табъаш (маъно);.

– **тарбияи фарзанд**:

тоҷ. Гургзода гург шавад, гарчи бо одами бузург шавад;

англ. One chick keeps a hen busy «Як чӯҷа ташвиши зиёдро барои мурғ меорад»; *Як кӯдак ҳам ташвиши зиёд дорад* (маъно);

– **оила ва никоҳ**:

*тоҷ. Аз аккахона булбул рӯидан (*маъно: *аз оилаи назарногир ва камбағал пайдо шудани шахси фавқулода ва намоён)*;

англ. Every family has a black sheep «Дар ҳар як оила як барраи сиёҳ ёфт мешавад»;

– **суистифода кардан**:

тоҷ. Марги хар бувад сагро арӯсӣ.

англ. If you agree to carry the calf they'll make you to carry the cow «Гӯсоларо боркунӣ, говро борат мекунанд» – як дастдиҳӣ ду даст меқапанд, зиёдаравӣ кардан (маъно);

Дар гурӯҳи номбурда категорияи “*иҷтимоиёт”* афзалият дошта, тавассути ифодаи зооморфизмҳои номбурда муносибатҳои гуногуни ҷамъиятии инъикоскунандаи ҳувияти миллӣ инъикос карда мешаванд.

4. Зооморфизмҳое, ки намуди зоҳириро ифода менамоянд:

– **намуди зоҳирӣ** (моҳият, ҷавҳар):

тоҷ. Гов бимирад ҳам алоии чашмаш намеравад; Хар агар Макка равад, боз ояд ҳамон хар;

англ.You can not make a crab to walk straight «Каждумро рост рафтан омӯхта намешавад»;

– **шакл ва намуд**:

тоҷ. Саги сафед ҳам сагу саги сиёҳ ҳам саг [206, 13];

англ. As black as a crow «Сиёҳ чун акка»;

– **камолот (таҷрибаандӯзӣ):**

тоҷ. То гӯсола гов шавад, дили соҳибаш об шавад;

англ. As the old cock crows, so does the young «Чӣ хеле ки мурғи пир дод занад, мурғи ҷавон низ такрор мекунад»;

– **рафтор**:

тоҷ. Ба аспи хуб як қамчин;

англ. Аспи нағз ҳам гоҳо пешпо мехӯрад (муқобилгунаи англисӣ); *It is a good horse that never stumbles* «Аспи хуб аспест, ки ҳеҷ вақт пешпо намехурад» – ботаҷриба ҳеҷ ба хатоӣ роҳ намедиҳад (маъно);.

Категорияи афзалиятноки ин гурӯҳи зооморфизмҳо *намуди зоҳирӣ, қиёфа, моҳият буда,* тавассути онҳо хусусияти физиологии берунаи ин ё он объект нишон дода мешавад.

5. Зооморфизмҳое, ки вазъияти эҳсосӣ ва руҳиро ифода менамоянд:

– **хушҳолӣ, хурсандӣ**:

тоҷ. Кабки касе хонадан; *Гови касе гӯсола зоидан*;

англ. As merry as a cricket «Хушбахт чун чирчирак»; *Дар пӯсти худ нағунҷидан* (муодили тоҷикӣ)

– **озодӣ, мустақилият**:

тоҷ. Булбул аз овози худ гирифтори қафас аст (муқобилгунаи англисӣ); *англ. Nightingales will not sing in a cage* «Булбул ба қафаси тиллоӣ ниёз надорад, ниёзаш ба сабзаи тар аст» – асос озодист на қасри тиллоӣ (маъно);

– **ишқу муҳаббат ва зебоӣ**:

тоҷ. Булбули шайдо; *Бӯзина ба чашми модараш ғизол аст*;

англ. Every mother thinks her own gosling a swan «Ҳар як модари ғоз бачаи худро қу мешуморад»;

– **хоҳиш, майл**:

тоҷ. Аспро то лаби об мебаранд, нӯшад ё нанӯшад;

англ. The cat would eat fish and would not wet her feet «Гурба хоҳиши хурдани моҳӣ дорад, аммо аз тар шудани по метарсад» – ҳам меҳоҳам ҳам метарсам; *You may lead (take) a horse to the water, but cannot make him drink* «Аспро бар лаби об метавонӣ овардан, лекин нӯшидани обро маҷбур кардан наметавонӣ»;

– **ташвиш ва беташвишӣ**:

тоҷ. Бузе надорам дар рама, не ғам дорам на ғамхона; Ба пӯстини касе кайк даромадан [205, 142];

англ. Like a cat on hot bricks «Ҳамчун гурба дар болои сангҳои тафсон»;

– **тарс**:

тоҷ. Аз гунҷишк тарсӣ арзан макор;

англ. The scalded cat fears cold water «Зоғи тарсидагӣ аз бутта ҳам метарсад»;

– **ғамгусорӣ**:

тоҷ. Гурба барин лесида калон кардан;

англ. As melancholy as a cat «Ғамгусор чун гурба».

Категорияи марказии ин гурӯҳи зооморфизмҳо *майлу хоҳиш, мароқ* дониста шуда, онҳо яке аз омилҳои асосии ҳавасмандгардонии инсон дар самти психологӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҷанбаҳои мусбати ифодаи зооморфизмҳо хушҳолӣ, хурсандӣ, муҳаббат ба қайд гирифта шуда, категорияҳои асосии эҳсосотии инсонӣ мебошанд.

6. Зооморфизмҳое, ки фаъолияти меҳнатиро ифода менамоянд.

– **кор**:

тоҷ. Мӯрчаи меҳнаткаш;

англ. As busy as a bee «Меҳнаткаш чун занбӯр» – заҳмати зиёд кашидан (маъно);

– **қобилият ва малака**:

тоҷ. Ба хар муносиб ҳангос, ба хурӯс муносиб овоз; *Буз агар хирман мекуфт, ҳоҷати барзагов набуд;*

англ. An *old dog cannot alter his way of barking* «Саги пир тарзи аккаси худро дигар кардан наметавонад»;

– **бекорӣ, танбалӣ**:

тоҷ. Пашаи гирди лаби худро киш накуфтан; Ба хӯрдан чун наҳанг, ба кор кардан бузи ланг;

англ. A cat in gloves catches no mice «Гурба бо дастпӯшак мушҳоро сайд намекунад;

Категорияҳои марказии ин гурӯҳи зооморфизмҳо *кор, қобилият ва малака* ба шумор рафта, инсонро аз рӯи майл доштани ӯ ба фаъолияти корӣ тавсиф намуда, банди муҳимми муайян сохтани ҳувияти миллӣ маҳсуб меёбад.

7. Зооморфизмҳое, ки рафтору кирдори инсониро ифода мекунанд:

– **кору кирдори ношоиста, бефоида**:

тоҷ. Як бор ҷастӣ малахак, ду бор ҷастӣ малахак, охир ба дастӣ, малахак; Уштурро ба кафлез об додан;

англ. If you sell a cow, you will sell the milk too «Говро фурӯшӣ бидон, ки ширашро ҳам мефурӯшӣ» – чизе аз даст доданӣ бошӣ, ҳосилаш низ аз даст меравад (маъно);

– **ҷазо, сазо, подош**:

тоҷ. Гӯшти хар, дандони саг (*маъно*: ба каси бад ҷазои бад)*;*

англ. Curses like chickens come home to roost «Нафрин бар мегардад чун чӯҷаҳо ба лонаашон»; *A good dog deserves a good bone* «Саги хуб сазовори устухони хуб аст» – шахси сазоворро подоши сазовор интизор аст (маъно);

– **хатар, хавф**:

тоҷ. Ангуштро ба даҳони гург андохтан; Ба даҳони аждаҳо рафтан; *англ. It's a bold mouse that nestles in the cat's ear* «Муши худфаҳм дар гӯши гурба ҷой мегирад» – худро зери хатар мондан (маъно);

8. Зооморфизмҳое, ки тавсифи ҷисмонии одамонро инъикос мекунанд:

– **синну сол**:

тоҷ. Гови пир кунҷора хоб мебинад; Пирча пих занад, чӯҷа рих;

англ. It will be a forward cock that crows in the shell «Зоғи ҷавон, зоғи дар тухм мебудагист» – одами ҷавон – одами хом, кори нав – кори хом аст (маъно);

– **иллати ҷисмонӣ**:

тоҷ. Аспи фарбеҳ саркаш мешавад; Як гови рихин говонро биёлояд;

англ. One scabbed sheep will mar a whole flock “Дар пода як гӯсолаи дарунрав бошад, ҳамаи говонро меолонад”;

– **самти ҳаракат**:

тоҷ. Асби тозӣ ду так равад ба шитоб, шутур оҳиста равад шабу рӯз;

англ. Better ride an ass that carries us than a horse that throws us «Беҳтар маркабро савор шудан, ки мебарад, бар аспе, ки моро аз пушташ мепартояд»;

Дар такя ба гурӯҳҳои зооморфизмии дорои категорияҳои афзалиятнок метавон гуфт, ки тавассути онҳо ҳувияти фарҳангию миллии намояндагони ду халқият: тоҷик ва англис зикр гардида, бо назардошти дараҷаи афзалиятии ҳар як ибора, маводи овардашудаи зооморфӣ хусусияти амалиро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, зоомофризмҳо аз рӯи хусусияти мавзуӣ ва мавқеи истифодабариашон дар таркиби ибораҳои фразеологӣ ва хусусияти афзалият доштани ҷузъи зоонимиашон тасниф гардида, ҳар як гурӯҳ дар низоми ду забони омӯхташаванда вазифаи муайянро адо менамояд, ки баъзан бо ҳамдигар умумият дошта, баъзан аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Зооморфизмҳо воситаи асосии ифодаи образнокии фикр ба шумор рафта, маънои маҷозӣ ба воситаи онҳо дар такя ба муносибатҳои гуногуни грамматикӣ, лексикӣ ва семантикии байни онҳо ифода мегардад.

2.3. Хусусиятҳои маънои зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Дар нутқи ҳаррӯза ва эҷодиёти бадеӣ аксар вақт ба маънои асосии мафҳумҳо тобишҳои иловагие изофа карда мешаванд, ки барои ифодаи муносибати эҳсосӣ ё баҳодиҳии сухангӯ ба мавзуи нутқ хизмат мекунанд. Зооморфизмҳо воситаи муҳиммӣ забонӣ буда, тавассути маъноҳои иловагиашон ифода меёбанд. Дар робита ба ҳамин, зооморфизмҳо тариқи хусусиятҳои маъноҳои иловагӣ (коннотативӣ) маъноҳои рамзӣ ва маҷозӣ, ҳувияти миллӣ, муттасилии забон ва фарҳангро инъикос мекунанд.

Дар маънои лексикии зооморфизмҳои ду забони омӯхташаванда мафҳуми “коннотатсия” мавқеи махсусро ишғол намуда, ба воситаи он ҷанбаҳои эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ ба олами воқеӣ ба роҳ монда мешавад, ки вижагиҳои миллию фарҳангии забонҳои омӯхташавандаро инъикос менамояд. Доир ба коннотатсия ҳамчун воситаи забонӣ барои инъикоси хусусиятҳои миллию фарҳангӣ дар боби аавал ба таври умумӣ маълумот дода шуд. Аз ин рӯ, дар ин фасл таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои маънои иловагӣ (коннотативӣ)-и зооморфизмҳо танҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дода мешавад.

Коннотатсия хосияти субъективӣ дошта, он дар муқобил ба маънои реалӣ, ба матн хосияти эҳсосотӣ мебахшад. Аз ин лиҳоз, коннотатсияи зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисиро муқоиса намуда, умумият ва фарқи байни онҳо дар хусусиятҳои лексикию семантикӣ ба назар мерасад. Чунончи, аломатҳои зерини зооморфизмҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки ба номвожаҳои зоонимӣ маъноҳои иловагӣ мебахшанд:

1) инъикоси ҳолат ва имкониятҳои ҷисмонӣ: *шер* – **зӯр, тавоно, ҷасур**; *харгӯш* – **тарсончак**; *моҳӣ* – **шиновар**; *саг* – **ҳушёр ва чолок** ва ғайра;

2) намуди зоҳирӣ: *хук* – **фарбеҳ; бераҳм;** *зоғ* – **сиях**; *гови бешир* – **серҷоғ**; *уқоб* – **тезчашм**; *аспи қашқа* – **намоён;**

3) сифатҳои психологӣ: *хар* – **якрав**, **кундфаҳм**; *паша* – **безоркунанда;** *мург* – **маншаталаб** (ҷангара); *неши мор* – **бадсухан;**

4) ҷанбаи интеллектуалӣ: *моҳӣ* – **хомӯш**, *тутӣ* – **сергап**, *рӯбоҳ* – **зирак;** *гург* – **ботаҷриба.**

Бояд қайд кард, ки дар забони тоҷикӣ асосан вожаномҳои зоонимеро, ки ифодакунандаи ахлоқи шоисати инсонӣ мебошанд, нисбати одам истифода мебаранд. Чунончи: *шер, кабк, товус, шоҳин, гург* ва монанди инҳо. Аммо *хар, саг, мор, хук, гов, рӯбоҳ* ва монанди инҳоро ҳангоми эҳсосоту қаҳру ғазаб истифода мекунанд.

Зооморфизмҳо вобаста ба хислати ҳайвонот, паррандагон, ҳашарот ва хазандагон ба нутқ маънои иловагӣ бахшида, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) зооморфизмҳои ифодакунандаи хислатҳои мусбат;

2) зооморфизмҳои ифодакунандаи хислатҳои манфӣ;

3) зооморфизмҳои дорои хислатҳои духӯра.

Ҳангоми таҳлили низоми маънои зооморфизмҳои забони тоҷикӣ маълум мегардад, ки дар бештари мавридҳо хислати манфии одамон ба ҳайвонот нисбат дода мешавад. Баъзе зоонимҳо дар баробари ифодаи хосияти манфӣ, хосияти мусбии инсониро низ ифода мекунанд, ки дар ин маврид хислатҳои духӯраи онҳо инъикос мегарад.

Маъноҳои иловагӣ (коннотативӣ)-и зооморфизмҳои забони тоҷикиро метавон аз рӯи якчанд мисол нишон дод:

Саг – ҳайвони аҳлии маълум [204,172], номи ҳайвони хонагиест, ки ба муҳофизат кардани хонаву соҳибонаш аз бегонагон хизмат мекунад. Дар фарҳанги милии тоҷикон саг ҳайвони вафодор тавсиф мешавад. Хосияти мусбии ин ҳайвон дар муҳофиз будану вофодории он нисбати соҳибаш зоҳир мегардад. Дар урфият баъзан мегӯянд, ки *«дар вафодорӣ саг аз зан беҳтар аст».* Аммо дар баъзе мавридҳо барои нишон додани яке аз хислатҳои бади инсонӣ – тез қаҳр кардану ҷоғ задан зооними *саг* дар таркиби ибораи *«саг*

барин аллос задан», нисбат ба шахси *бадқаҳр, пурхашм* истифода мешавад. Инчунин, зооними «саг» дар таркиби калимаҳо ва ибораҳо аз ҷониби шоирони классикии тоҷик зиёд корбаст шуда, маъноҳои коннотативии гуногунро ифода менамояд. Чунончӣ: *саги аблаҚ* – шабу рӯз, гардиши рӯзгор; *саги остон* – хизматгори содиқ, мухлис, вафодор; *саги ҳарзамарз* – шахсе, ки аз дунболи кори беҳуда ва ношуданӣ меравад; *сагдил* – сахтдил, бераҳм, озордиҳанда; *сагзан* – тири майда, ки пайконашон бисёр борик ва тез аст; *сагсор* – сагмонанд, ҳарис, ҳариси дунёву мол; *сагҷон* – сахтҷон, тоқатовар ба сахтиҳо [204,172-173].

Гурба – ҷонвари хонагии ширхор аз гурӯҳи паланг, шер ва дигарҳо, пишак [203, 273]. Зоооними номбурда дар таркиби калимаҳо ва ибораҳои зерин истифода шуда, хусусиятҳои коннотативии зеринро ифода менамояд: *гурбагун, гурбасон, гурбалиқо, гурбачашм* – гурбамонанд, шахси дорои чашмони ба гурба монанд, яъне, бадчашм, баднигоҳ ва ғайра [203, 294], *гурба мондан* – фирефта шудан; *гурба аз бағал афкандан* –ҳилаву макр кардан; *гурба дар зиндон кардан* – хасисӣ кардан; *гурба аз ангун* – макру ҳилла кардан [203, 294]. Зооними гурба бештар бо зооними *муш* дар забони тоҷикӣ дар якҷоягӣ корбаст шуда, барои ифодаи маънои «зиддият» дар шакли *«мушу гурба барин будан»* ифода мегардад.

Гов – ҳайвони хонагии маъруф [203, 271] буда, истифодаи зооними гов дар забони тоҷикӣ дар таркиби калимаҳо ва ибораҳои гуногун ба назар мерасад ва тавассути онҳо хусусиятҳои коннотативии зерин ифода гардидаанд: *гови зарин* – офтоб; *гови сипеҳр* – бурҷи Савр, зарфи шаробест, ки ба шакли гов сохта шудааст; *гови симин* – паҳлавон, бузург, калон, нодон, аблаҳ, аҳмаҚ; *говгун* – вақти торикшавӣ; *говдил* – бехирад, аблаҳ; *говзӯр* – пурзӯр, пурқувват; *говпайкар* – ба шакли гов, говшакл; *говтоз* – шахси лофзан, зӯрмандӣ кардан; *говчашм* – чашмкалон [203, 272].

Гург – ҳайвони дарранда аз ҷинси саг [203, 294]. Аз рӯи хусусияти биологии ҳайвони номбурда зооними *гург,* ҳамчун воҳиди таркибии

калимаҳои мураккаби дигар хизмат намуда, барои ифодаи хусусияти коннотативӣ хизмат мекунанд: *гургбанд* – асир, гирифтор; *гургдав* – тездав; *гургмаст* – озордиҳанда, ҷафокор; *гургошноӣ* – ошноӣ аз макру ҳилла; *гурграбоӣ* – ғоратгарӣ, зулму тааддид [203, 294]. Ҳамчунин ба маънои шахси пуртаҷрибаю кордида дар ибораи «*гурги борондида*» корбаст мешавад.

Мор – хазандаи маъруф, ки навъҳои гуногун дорад ва ба заҳрдор ва безаҳр ҷудо мешавад [203, 701]. Дар забони тоҷикӣ худи калимаи «мор»-ро дар нисбати касе истифода намоянд, он ишора ба хосияти коннотативии манфии ин зооним – *«нешзан, бадгӯй, бадсухан, кушанда, маккор»* ишора мекунад. Дар адабиёти бадеӣ зооморфизми *мор* бештар дар таркибҳои бадеӣ истифода шуда, хусусияти киноямезро ифода менамояд: *мори зарандуд*– киноя аз қалам, *мори сиёҳ* – киноя аз кокул, гесӯ, мила [203, 701], *морбача* – бадзот, палид; *моргазида* – бисёр эҳтиёткор [208, 815-816].

Шер – ҳайвони қавиҷусса ва дарранда аст, ки рангаш зард, дорои бозу ва чанголи қавӣ буда, нари он ёл дорад, дар бешаҳо ва найзорҳои Африқо ва Осиё зиндагӣ ба сар мебарад [204,580]. Хосияти коннотативии зооморфизми шер: *ҷасорат*, *қавиҷусса* барои ифодаи хислатҳои инсонӣ аз қабили: «*далерӣ, шуҷоат, тавоноӣ, паҳлавонӣ*» истифода шуда, шаклҳои зерини коннотативиро ба вуҷуд овардааст: *шерзӯр, шертан*, *шермард*, *шергир*, *шербозу*, *шерафган*, *шердил* ва ғайра [203, 581].

Хар/маркаб – чорпои боркаш, ҳимор [203, 462]. Зооними номбурда бештар барои ифодаи хосиятҳои коннотативии *якрав, аблаҳ, беақл ва меҳнаткаш* истифода шуда, дар таркибҳои зерин мушоҳида мегардад: *харвор* (чун ягон кори аблаҳона кардан), *харкалла* – нодон, бефаҳм, *харкор* – пуркор, меҳнаткаш, *харизоҷ* – одами якраҳа, инодкор, *хармурд кардан* – касеро чандкаса кӯфтан (задан), *хархона* – ҷойи ҷамъомади аблаҳон ва ғайра.

Фил – шакли арабишудаи *пил* буда, номи ҳайвони азимҷуссаи хартумдор [204,60], ки ҷиҳати азимҷусса будани ин ҳайвон, хосияти коннотатсионии он

ба одами *азимҷусса*, *бузбала*, *паҳлавон* нисбат дода мешавад. Чунончӣ: *фили жаён*, *филмард* [204, 432].

Рӯбоҳ – ҳайвони ширхор аз ҷинси саг, пӯсти ӯ бештар зард ва сурх буда, думи калони пахмоқ дорад [204,156]. Коннотатсияи хислати маккорӣ ва ҳиллабозии зоонимии *рӯбоҳ* ба шахси *маккору ҳиллагар* нисбат дода мешавад: *рӯбаҳбозӣ кардан* – ҳиллагарӣ кардан, *рубаҳӣ* – маккорӣ; *рӯбаҳмиҷоз, рӯбоҳсифат, рӯбоҳтабиат* – одами маккор, ҳиллагар, фиребгар.

Оҳу – ҳайвони гиёҳхури подарози тездав, ки бо зебоии чашм ва хушрафторӣ машҳур аст [203, 950]. Хосияти коннотатсионии зооморфизми оҳу дар калима ва ибораҳои гуногун ба назар мерасад: *оҳучашм* – шахси дорои чашми зебо; *оҳуи мардумшикор* – маъшуқа; *оҳуи зарин* – офтоб, *оҳу гузашт*– фурсат аз даст рафт; *оҳуи ланг гирифтан* – забунгирӣ кардан; *оҳуманд* – айбдор, нуқсондор; *оҳудил* – тарсончак, буздил; *оҳупарастӣ* – дӯстдошта [203, 951].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки хосияти коннотативии зооморфизмҳо дар забони тоҷикӣ ба таври гуногун ифода гардида, баъзе омилҳои коннотативӣ дар зооморфизмҳои забони англисӣ низ ба назар мерасанд.

Дар забони англисӣ хусусияти коннотативии зооморфизмҳо ба таври зерин зоҳир мешавад:

Зоонимии *sheep\гӯсфанд* – номи ҳайвони хонагиест, ки дар забони англисӣ маънои коннотативии духӯра дорад: ҳам манфӣ ва ҳам мусбат.

Гӯсфанд ҳайвони хонагие, ки хосияти фармонбардорӣ ва итоат карданро дорад. Ҳаминро ба назар гирифта, хусусияти коннотатсионии *sheep\гӯсфанд* барои ифодаи хосияти одами беирода дар матн бо истифодаи пайвандакҳои монандии «*like, as*» зиёд истифода мешавад, ки дар ин маврид зоонимии *sheep\гӯсфанд* ба маънои манфӣ ифода мегардад. Дар контексти баъзе матнҳои динӣ рамзи фармонбардорӣ ва хомӯшии *sheep\гӯсфанд* маънои коннотатсионии мусбатро ифода намудааст.

Барои нишон додани хосияти рамзии зооморфизмҳо бештари вақт феълҳо истифода мешаванд, ки хосияти маҷозии онро пурқувват мекунад: *In this case you should pull* ***a rabbit out of the hat*** *otherwise you can not to persuade him*. «Дар ин маврид ту бояд харгӯшро аз сарпӯш берун орӣ (ҳамаашро ошкор созӣ) дар сурати акс ту ӯро бовар кунонидан наметавонӣ». Дар матни боло «*харгӯшро аз сарпӯш берун овардан*» маънои ошкор сохтани симои шахс мебошад. Маънои конотативӣ дар он зоҳир мешавад, ки *харгӯш* ҳайвони тарсончак буда, тез худро пинҳон мекунад. Яъне, ҳамин гуна *шахсони тарсончак* ҳастанд, ки аз корҳои мушкил худро пинҳон мекунанд, бинобар ин чунин шахсонро ошкор бояд кард.

Таҳқиқи зооморфизмҳои забони англисӣ нишон медиҳанд, ки бештари онҳо хосияти манфии коннотатсионӣ дошта, барои пурзӯр кардани семантикаи манфии зоонимҳо хизмат мекунанд, ки асоси пурқувват сохтани семантикаи номбурда сифатҳо ва зарфҳо шуда метавонанд:

When he saw his wife's dance in the wedding he shouted: "Silly goose" I don't like your dance «Вақте ки ӯ рақси занашро дар тӯй медид, ӯ дод зада гуфт: эй **«ғози бефаҳм»** ин рақси ту ба ман маъқул нест». Дар ин ҷо занро ба **ғоз**, ки бештар ба маънои *беақлу бефаҳм* истифода мекунанд, монанд кардаанд.

Everyone was surprised how it is possible that "the old goat is having brain changes" «Ҳамагон ҳайрон шуда монданд, чӣ хел «дар майнаи **модабузи пир** андешаҳои нав» пайдо шудаанд». Дар ҷумлаи боло занро ба *модабуз* монанд мекунанд, ки коннотатсияи "одами сусту нотавон, азкормонда, куҳансол" мебошад.

Мисолҳои дигари ифодаи хосияти коннотативии зооморфизмҳо дар забони англисӣ чунинанд:

As blind as a bat «*таҳтул*. кӯр ҳамчун кӯршапарак»: *He did not see nothing around he was* ***as blind as a bat*** [212] «Вай ҳамчун **кӯршапарак** дар гирду атрофаш ягон чизро намедид» (*коннотатсияи:* ғофилу бехабар);

As gentle as a lamb “*таҳтул*: мулоим, ором ҳамчун баррача”: *Everyone said that he is* ***as gentle as a lamb*** [212] «Ҳамагон мегуфтанд, ки вай ба монанди **баррача** мулоим аст» (*коннотатсияи*: оромтабиат, сода);

As stubborn as a mule “*таҳтул*. якрав чун маркаб”: *He behaved himself* ***as stubborn as a mule*** [212] «Вай мисли маркаб (хар) якравӣ мекард» (*коннотатсияи*: якрав, гарданшах, гапнодаро);

As quiet as a mouse [*таҳтул*. ором ҳамчун муш]: *Rose was* ***as quiet as a mouse*** [212] «Роза мисли муш хомӯш (ором) буд» (*коннотатсияи:* беовоз, хомӯш, ором).

To roar like a lion [*таҳтул*: чун шер наъра задан]: *He was too angry that he* ***roared like a lion*** [212] «Ӯ чунон дар ғазаб буд, ки мисли шер наъра мезад» (*коннотатсияи*: ғазаболуд, бадхашм);

A copy cat [*таҳтул*. гурбаи тақлидгар]: *Why do you always wear the similar dress to mine? Are you* ***a copy cat***? [212] «Барои чӣ ту куртаи ба куртаи ман монандро доимо мепӯшӣ? Ту чӣ гурбаи тақлидгарӣ?» (*коннотатсияи*: тақлидгар);

The black sheep [*таҳтул*. «гӯсфанди сиёҳ»]: *Because of his physical differences they called him* ***the black sheep*** [212] «Бо сабаби норасогоии ҷисмонӣ ӯро «гӯсфанди сиёҳ» меномиданд» (*коннотатсияи*: фарққунанда);

Monkey tricks [*таҳтул*. «қилиқҳои маймунона»]: *With his* ***monkey tricks*** *nobody liked and respected him* [212] «Бо ин қилиқҳои маймунона ҳеҷ кас вайро дӯст намедошт ва ҳурмат ҳам намекард» (коннотатсияи: масхарабоз, шайтон);

Дар баробари ин, дар забони англисӣ бисёр ибораҳоеро во хӯрдан мумкин аст, ки бо истифодаи зооморфизмҳо дар таркибашон маъноҳои гуногуни иловагӣ (конноатсионӣ) ифода мегарданд. Чунончӣ: *a dark horse* (*таҳтул*. аспи сиёҳ) – фарққунанда.

Омилҳои асосии зиёд корбаст гардидани зооморфизмҳо ин, пеш аз ҳама, бо олами ҳайвонот дар наздикӣ зиндагӣ намудани инсон мебошад. Аз ин рӯ, хусусияти зоонимҳо ба инсон монанд карда мешаванд. Дувум, зооморфизмҳо

авзои инсониро хуб тавсиф намуда, ба воситаи онҳо нутқ ба дараҷаи муайяни прагматикӣ мерасад.

Маъноҳои иловагӣ (конотативӣ)-и зооморфизмҳоро метавон дар ҷадвали зерин бо назардошти муқоисаи бархе аз ҳайвонот чунин нишон дод:

Зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ в англисӣ	**Маънои конотативии зооморфизмҳо дар забони тоҷикӣ**	**Маънои конотативии зооморфизмҳо дар забони англисӣ**
Шер/Паланг Lion/Tiger	далер, ҷасур, нотарс	қувва, илҳом, рӯҳбаланд, бадвоҳима, нотарс
Харгӯш// Rabbit	тарсончак, чаққон	беҷуръат, тарсончак, чаққон
Моҳӣ // Fish	хомӯш	дилсард, бадбӯй
Акка // Magpie	хабаркаш, сиёҳ, танҳоӣ	сергап
Гов // Cow	паҳлавон, мубориз далер; бузург, калон, муътабар; бехирад, нодон, аблаҳ, ҷафокор, фарбеҳ	фарбеҳ, танбал
Мор // Snake	нешзан, маккор, кушанда, душман	душман, маккор, хиёнаткор
Хар // Donkey	якрав, аблаҳ; меҳнаткаш	якрав, аҳмақӣ
Гург // Wolf	таҷрибадор, душман, зарарасон	сохтакор, хатарнок
Саг // Dog	вафодор, ёрирасон, содиқ	вафодор, содиқ; бадбахт
Асп // Horse	канорачӯй, ҳавобаланд, чолок	озод, вафодор, пурқувва, пурхӯр
Гурба // Cat	эҳтиёткор, кунҷков, мағрур	бохусумат, мағрур, дарозумр
Барзагов // Ox	пуртоқат, боқувват, меҳнаташ	пуртоқат, боқувват, меҳнаткаш
Фил // Elephant	азимҷусса, бузбала, паҳлавон	азимҷусса, таҷрибадор, қавӣ
Рӯбоҳ // Fox	зирак, маккор	чолок, чобук, маккор
Хуг // Pig	ифлос, фарбеҳ	чашмгурусна
Муш // Mouse	дузд, дамдузд	беҷуръат, хомӯш, ором

Зоонимҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ имкон медиҳанд, ки метавон онҳоро бо мазмуни *мусбат*, *манфӣ* ва *духӯра* ба се гурӯҳ тақсим кард:

Дар забони тоҷикӣ:

мусбат	манфӣ	духӯра
гӯспанд	буз	саг
гурба	хар	гӯспанд
харгӯш	муш	моҳӣ
шер	хук	гӯсола
паланг	хирс	булбул
асп	гург	товус
барзагов	рӯбоҳ	хурӯс
кабк	мор	чӯҷа
шоҳин	маймун	гов
уқоб	зоғ	
	уштур	

Дар забони англисӣ:

мусбат	манфӣ	духӯра
dog	goose	duck
sheep (bible)	cock	greyhound
cat	sheep	chicken
rabbit	mouse	cow
elephant	goat	
horse	donkey	
	pig	
	wolf	
	snake	
	fox	

Таносуби маъноҳои иловагӣ (кононтативӣ)-и зоонимҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври зер мебошанд:

Дар забони тоҷикӣ:



Дар забони англисӣ:



Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми ифодаи маънои конотативии зооморфизмҳо маъноҳои мусбату манфӣ ифода мегарданд, ки ин калимаҳо

одатан хислату сифоти инсониро нишон медиҳанд. Аз ин лиҳоз, хусусиятҳои конотативии зооморфизмҳо бештар бо калимаҳои сифатӣ сурат меёбанд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи қисмати муайяни зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки байни ин ду забони омӯхташаванда дар ифодаи маънои иловагӣ (коннотативӣ) умумияти зиёде ба назар расида, дар забон номвожаҳои зиёди зооморфизмӣ корбаст гардидаанд ва ин гурӯҳи вожаҳо барои пуробуранг нишон додани хусусияти олами воқеӣ хизмат мекунанд. Дар рафти омӯзиш маълум гардид, ки зооморфизмҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ маънoҳои мусбат, манфӣ ва духӯраро ифода намуда, яке аз қисматҳои муҳимми лексикаи ин ду забон ба шумор мераванд.

Таҳқиқу омӯзиши хусусиятҳои лексикию семантикии зооморфизмҳо ва таснифи мавзуии онҳо нишон дод, ки зооморфизмҳо вожаҳои махсуси забонӣ буда, дар таркибашон номи ҳайвонот дарҷ гардидаанд. Бояд хотирнишон кард, ки зооморфизмҳо дар алоҳидагӣ ва дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ, зарбурмасалу мақоли халқӣ, нукоту ҳикояҳо зиёд корбаст гардида, вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд: а) зооморфизмҳо ҳамчун калимаҳои алоҳида номи реалии ҳайвонотро ифода мекунанд; б) зооморфизмҳо дар баробари номи реалии ҳайвонот маънoҳои маҷозиро тариқи монандкунии хислатҳои ҳайвон ба инсон ифода мекунанд; в) зооморфизмҳо – хосияти баҳодиҳии эҳсосотӣ ба инсон, рафтору кирдор ва намуди зоҳирии ӯро доранд.

Ҳамчунин, зооморфизмҳо дар низоми ду забони омӯхташаванда: забони тоҷикӣ ва англисӣ метавонанд ҳам дар шакли алоҳида: *pig–хук, cow– гов, hen–мурғ, lion–шер, fish– моҳӣ* ва ҳам дар шакли ҷузъи фразеологӣ низ истифода шаванд: дар забони англисӣ: *madasa (cut) snake* – девона, мадҳуш, *like a dog without tails* – лаззати зиёдро нишон додан; *the bird has flown* – шахсе, ки интизораш (ё кофта) будӣ, рафт; дар забони тоҷикӣ: *мурғи посухта, саги ду хона, аспи қашқа*; *зоғи ало; гови кавдан*; *гурги борондида*; *харгӯши тарсу*; *мори афъӣ* ва ғайра.

2.4. Вижагиҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисҳо

Зоонимҳо дар забоншиносӣ дар баробари номи аслии ҳайвонот, инчунин хусусиятҳои маҷозиро низ тавассути зооморфизмҳо ифода менамоянд, ки ба воситаи онҳо баҳогузории зооморфии инсон сурат меёбад. Баҳогузории бевоситаи зооморфӣ дар чаҳорчӯбаи инсонмарказӣ тавассути хусусиятҳои одам сурат ёфта, асоси он монанд кардани хислатҳои инсонӣ ба хосияти олами ҳайвонот мебошад. Заминаи монандкунии хислатҳои инсонӣ ба олами набототу ҳайвонот дар паремиологияи тотемистҳо ва бутпарастҳо олами воқеӣ дониста шуда, хосияти зоонимҳо нисбат ба фитонимҳо ба инсон наздиктар шуморида шудаанд. Аз ҷиҳати шакли зоҳирӣ ва хислатҳои ботиниашон зоонимҳо бештар ба инсон монандӣ дошта, онҳо дорои одатҳои мухталиф, хулқу атвори махсус буда, ба ҳар яки он тарзи ҳаёти мухталиф мансуб аст.

Хулқу хусусияти инсон ба воситаи маҷоз инъикос шуда, хусусияти миллии забонҳо ба воситаи образҳои баҳодиҳии хоси намояндагони ин гурӯҳи этникӣ нишон дода мешавад. Воситаи асосии ташаккули хусусиятҳои зооморфӣ дар тасвири забонии ҷаҳон метафора (маҷоз) дониста шуда, баъзе олимон онро равиши гуфтор донистаанд, ки барои номбар кардани ашё ва ё падидаи як синф хусусияти ашё ё падидаи синфи дигар хизмат мекунад. Зооморфизмҳо шакли маҷозии зоонимҳо ба шумор рафта, тавассути он хислати як ҳайвон барои тасвири хусусияти шахс истифода бурда мешавад. Боиси қайд аст, ки маҷоз (метафора) дар тасвири забонии ҷаҳон на танҳо барои гӯшрас кардани маълумот, балки барои таъсири мухталиф расонидан ва зоҳир намудани таассуроти махсус дар шунаванда истифода бурда мешавад. Аз ин ҷост, ки инсон ба воситаи ин образнокии фикр маълумоти ҳиссиро дар асоси рӯирост ё маҷозан истифода намудани зоонимҳо дар тасвири забонии худ сабт карда метавонад. Дар тасвири забонии ҷаҳон маҷоз раванди махсуси инъикос буда, ба образнокии зооморфӣ-ассотсиативӣ такя мекунад ва ба воситаи ҷаҳонфаҳмӣ ва дарки ҷаҳонии соҳибзабонон амалӣ мегардад.

Омӯзиши қабатҳои умумии зооморфизмҳоро ба назар гирифта, се гурӯҳи асосии зооморфизмҳо муайян карда шудаанд (ниг. зербоби 1.3.), ки ҳамчун тасвири забонии ҷаҳони соҳибзабонон сурат мегиранд:

– вожаҳои зооморфии универсалӣ барои ҳамаи забонҳо;

– вожаҳое, ки образҳои монандро инъикос мекунанд (ба воситаи зооморфизмҳои гуногун);

– вожаҳои зооморфии миллии махсус.

Гурӯҳи якуми зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ифодаи маъноҳоро ба воситаи образҳои зооморфии якхела ифода намуда, ин умумияти маъноҳо дар заминаи иқтибос шудани вожаву ибораҳо аз забонҳои дигар (дар забони англисӣ аз забонҳои лотиниву Мисри қадим; дар забони тоҷикӣ аз гурӯҳи забонҳои эронӣ) ба вуҷуд меояд. Асоси пайдошавии умумияти ду забони омӯхташаванда, ин дастрас будани нукоти муҳимми забонҳои дигар ва истифодаи ин нукот дар забони худӣ ба ҳайси вожаҳои фарҳангӣ дониста шудааст. Чунончи:

- дар забони тоҷикӣ: *оқибат гургзода гург шавад, гарчӣ бо одамӣ бузург шавад;* дар забони англисӣ *what the wolf is and the wolf;*

- дар забони тоҷикӣ: *мискин харак орзуи дум кард, ноёфта дум ду гӯш гум кард;* дар забони англисӣ: *the camel going to seek horn lost this ears*;

–дар забони тоҷикӣ: *бо як тир ду нахчир*; дар забони англисӣ: *to kill two birds with one stone* ва ғайра.

Гурӯҳи дуюми зооморфизмҳо дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисҳо образҳои монандро ба воситаи зооморфизмҳои гуногун ифода менамоянд, ки дар ин маврид хосияти этникии дар истифодаи зооморфизмҳои гуногуни ду забони омӯхташванда бо мувофиқати моҳият ва образ инъикос мегардад. Масалан, барои ифодаи мафҳумҳои зерин зооморфизмҳои гуногун дар таркиби ибораҳои зерин ифода мегарданд:

– мафҳуми «пурхурӣ» – дар забони англисӣ: *eat like a horse* «мисли асп хӯрдан»; дар забони тоҷикӣ: *хуг/гов барин хӯрдан;*

– мафҳуми «зери хатар мондани касе» – дар забони англисӣ: *throw someone to the dogs* «касро пеши саг партофтан»; дар забони тоҷикӣ: *мешро пеши гургон партофтан;*

– мафҳуми «ду корро якбора иҷро кардан»; дар забони англисӣ: *kill two birds with one stone* «ду гунҷишко бо як санг задан (куштан)»; дар забони тоҷикӣ: *бо як тир ду нишонро задан ё бо як тир ду нахчир.*

Гурӯҳи сеюми зооморфизмҳо дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисҳо маъноҳои ягонаи миллии махсусро ифода менамоянд, ки семантикаи миллию мадании онҳо бештар дар таркиби зарбулмасалу мақолҳо ва воҳидҳои фразеологии баромади этимологиашон аз матнҳои қадима сарчашма мегирад. Масалан, дар мақоли тоҷикии «*бузро ба пойи худаш меовезанд, гӯсфандро ба пойи худаш*», пеш аз ҳама, хусусияти миллии куштани бузу гӯсфанд маънидод мешавад. Дар фарҳанги тоҷикон вақте, ки буз ё гӯсфандро сар буриданд, барои пӯсти онро аз гӯшт ҷудо кардан онро аз пояш меовезанд. Бунёди мақоли мазкур низ аз ҳамин анъанаи миллӣ сарчашма мегирад.

Дар забони англисӣ ибораи фразеологии *white elephant* «фили сафед» - «ҳадяе, ки аз он чӣ тавр халос шуданашро намедонӣ, бори гарон». Дар байни англисзабонон ривояте аст, ки подшоҳи Сиём мехост яке аз тобеонашро камбағал кунад. Барои ин кор Сиём фили сафедашро ба ӯ туҳфа медиҳад. Нигаҳдории фил хеле гарон буд, ки тамоми дории мутеаш сарфи он мегардад. Бунёди ибораи фразеологии *white elephant* «фили сафед» аз ҳамин ривоят сарчашма мегирад.

Доираи корбурди зооморфизмҳо васеъ буда, онҳо ҳам дар нутқи гуфтугӯӣ ва ҳам дар нутқи хаттӣ зиёд истифода мешаванд. Барои пуробуранг нишон додани вазъияти эҳсосотии худ инсон доимо аз зоморифзмҳо истифода намуда, баъзе падидаи рафтору кирдор ва намуди зоҳириашонро бо ҳайвон дар қиёс нишон медиҳанд. Ин равиш бештар бо ифодаи ҷузъҳои зооморфӣ дар таркиби зарбулмасалу мақол ва ибораҳои фразеологӣ ифода ёфта, аз рӯи мазмуни онҳо ҳолатҳои гуногуни ҳаёти инсонӣ инъикос карда мешаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисҳо зооморфизмҳо мавқеи барҷаста дошта, дар таркиби ду забони омӯхташаванда: забони тоҷикӣ ва англисӣ онҳо бештар дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо ба назар мерасанд.

Ҳамин тариқ, зоомнимҳо дар забонҳои муқоисашаванда дар баробари номи аслии ҳайвонотро ифода намудан, инчунини хислатҳои инсонро ба таври маҷоз (метафора) ифода менамоянд, ки онҳоро мо метавонем зооморфизмҳо номем. Тавассути зооморфизмҳо ба хислатҳои инсонӣ баҳогузорӣ сурат меёбад. Монандкунии хислатҳои инсонӣ ба хосияти олами ҳайвонот аз тафаккури гузашта ва эътиқоди қадимӣ сарчашма гирифтааст, ки дар асоси он зарбулмасалу мақол ва воҳидҳои фразеологӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар баробари монандкунии хислатҳои инсонӣ ба зоҳири олами ҳайвонот, хусусиятҳои миллии забонҳо бо назардошти образҳои баҳодиҳии гурӯҳи мухталифи этникӣ сурат меёбад. Таҳқиқот нишон дод, ки воситаи асосии нишон додани хусусияти зооморфӣ – маҷоз (метафора) муайян гардида, тавассути он образнокии баҳодиҳӣ инъикос мегардад.

2.4.1. Ифодаи рамзҳои зооморфӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Воҳидҳои фразеологӣ қисмати махсуси лексикаи ҳар як забон ба шумор рафта, тавассути онҳо хусусиятҳои мухталифи миллию фарҳангии забон ифода мегарданд. Воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун падидаи семантикӣ ба забон зебоии махсус бахшида, монандиву фарқияти он аз рӯйи ҷанбаҳои миллию фарҳангӣ муайян мегарданд. Зооморфизмҳо ҳамчун воҳидҳои маъноию фарҳангӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ зиёд ба назар расида, асоси таъсири мутақобилаи забон ва семантикаи миллӣ ба шумор мераванд. Низоми мавзуии воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимии ду забон умумият ва фарқии сифатҳои зоҳирӣ ва ботинии инсон, рафтору кирдори ӯ, шароитҳои универсиалии ҳаёт: шуғл ва меҳнат, интихоб ва афзалият, фаъолият ва танбалӣ, муболиға ва таҷрибаро нишон медиҳад.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки сабабҳои асосии истифодаи воҳидҳои зоонимӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологии ду забони омӯхташаванда ин нишондиҳандаи таъсири мутақобилаи инсон бо табиат, бахусус бо олами ҳайвонот мебошад. Муносибати чандинасраи инсон бо олами воқеӣ дар забон низ инъикос гардида, ба ин муносибатҳо хосияти инсонмеҳварӣ мебахшад.

Зоонимҳо яке аз қисматҳои муҳимтарини забоншиносӣ ба шумор рафта, ба воситаи ин гурӯҳи лексикӣ раванди гузариши хусусияти зоонимҳо ба одам сурат меёбад. Ҷузъҳои зоонимӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ вазифаҳои меъёрию тасвирӣ, эҳсосотӣ ва услубиро ифода мекунанд.

Бояд зикр кард, ки дар ҳар як фарҳанги миллӣ низоми рамзҳо мавҷуд аст, ки ба «қобилияти шахс дар робита бо падидаҳои соҳаҳои гуногун, нишон додани хусусиятҳои асосии онҳо асос ёфтааст» [130, 90].

Байни калимаҳои таркибии воҳиди фразеологӣ ва рамзҳои фарҳангӣ робитае мавҷуд аст, ки он ба ақидаи М. Л. Ковшова: «ҳалқаи асосии тафсири фарҳангии он» мебошад, зеро «маҳз ҳамин тартиб рамзкушоии маънои фарҳангии воҳиди фразеологиро, ки ҳамчун тафсиркунандаи аломати фразеологӣ хизмат мекунанд, муайян мекунад, коннотатсияи фарҳангии воҳиди фразеологиро барқарор мекунад ва нақши онро ҳамчун нишонаи фарҳанг ташаккул медиҳад» [80, 65]. Рамзҳои гуногуни фарҳангӣ (соматикӣ, зооморфӣ, замонӣ, фазоӣ, табиӣ, равонӣ, ғизоӣ, ашёӣ, рангӣ ва ғ.) мавҷуданд, ки дар байни онҳо рамзи зооморфии фарҳангӣ фарқ мекунад. Забоншиносон ин рамзро ҳамчун «маҷмуи ақидаҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ муайяншуда дар бораи хосиятҳо, хусусиятҳо ё хислату рафтори ҳайвонот медонанд, ки ҳамчун манбаи фаҳмиши инсон дар бораи ҷаҳон амал мекунанд ва ба ғайр аз хосиятҳои табиии худ, барои фарҳанг аҳаммияти функционалӣ низ доранд» [90, 296].

Бинобар ин, яке аз рамзҳои ҷолибтарин, ки дар тасвири фразеологии ҷаҳон сабт шудааст, ин рамзи зооморфии фарҳангӣ ба шумор меравад. Зеро «он дорои маводи ғановатманди лингвофарҳангӣ буда, на танҳо як қисми

муҳимми шуури забоншиносии миллиро ташкил медиҳад, балки хусусиятҳои хеле аслии онро низ дар бар мегирад» [49, 98-99].

Боиси қайд аст, ки зооморфизмҳо дар таркиби ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ зиёдтар корбаст шудааст, зиёд корбаст шуда, рамзҳои гуногунро ифода намудаанд. Ҳар як ҳайвон дар забони тоҷикӣ рамзҳои ба худ хос дошта, онҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ баръало нишон дода мешаванд.

Дар забони англисӣ воҳидҳои фразеологӣ маъмулан ибораҳои аслии англисӣ мебошанд. Аз ин рӯ, воҳидҳои фразеологии зооморфии англисӣ бо воқеият, ривоятҳо ва далелҳои таърихӣ, инчунин бо урфу одатҳо ва эътиқоди мардуми англис алоқаманд мебошанд.

Зооморфизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хислату рафтори инсон, намуди зоҳирӣ, фаъолияти касбӣ, муносибат ба оила ва фарзандонро тавсиф мекунанд. Бахусус, хислатҳои мусбии инсон, ба монанди мустақилият, рақобатпазирӣ, маҳкум кардани қаллобӣ ва бевиҷдонӣ мавзуи асосии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошанд, ки аксарияти онҳо ҳамчун рамз тавассути зооморфизмҳо ифода меёбанд. Чунин навъи зооморфизмҳоро дар таркиби воҳидҳои фразеологии зер дида мебароем. Дар робита ба таснифоти гурӯҳҳои мавзуӣ дар зер зоонимҳо таҳлил мешаванд:

А) Зоонимҳои ифодакунандаи номи ҳайвоноти хонагӣ

Зооними *саг.* Саг дар фарҳанги миллии тоҷикон ҳамчун ҳайвони вафодор тавсиф карда мешавад ва онро ҳамчун рамзи ***вафодорӣ*** дар бештар маврид истифода мебаранд. Вафодории сагро, пеш аз ҳама дар фармонбардорию итоаткории ӯ медонанд. Аз ин ҷост, ки дар забони тоҷикӣ ибораи ***саги даргоҳи*** *касе* ***будан***-ро нисбати шахсоне истифода мебаранд, ки ҳамеша содиқу вафодоранд. Ибораи ***саги даргоҳи*** *касе* ***будан*** маънои “ғуломи ҳалқабаргӯши (мутеъ ва фармонбардори) касе будан” [209, 190]-ро ифода

мекунад. Ба ҳамин монанд ибораи *ба* касе *саг барин хизмат кардан* низ дар забони тоҷикӣ истифода мешавад.

Аммо баъзан ин вожаи зоонимӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ маъноҳои дигари рамзиро низ ифода менамояд. Чунончи, саг азбаски яке аз ҳайвонҳои серҳаракат ҳаст ва ҳамеша дар давутоз қарор дошта, ҳангоми дамгирӣ забонашро бароварда тез тез нафас мегирад, ки аломати хасташавӣ мебошад. Бинобар ин, дар забони тоҷикӣ шахсонеро, ки бисёр кор мекунанд ва ҳаракати зиёд мекунанд, ба ҳаракати саг монанд карда, онро ҳамчун рамзи ***хастагиву мондашавӣ*** истифода мекунанд. Масъалан дар ибораи: *саг барин кӯфта шудан* [206, 12] ниҳоят хаставу монда гардидани инсон фаҳмида мешавад: *Аз чойхона* ***саг барин кӯфта шуда*** *омадаму худамро ба рӯйи бистар партофтам* [206, 12].

Дар фарҳанги англисзабонҳо зоонимии ***саг "dog"*** дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ифодакунандаи рамзҳои фарҳангии мусбати *ёрирасон, начотдиҳанда, дӯстдорӣ* ва манфии *худнамоӣ, ҷанги байнихудӣ, пошхӯрии чизе, корфармоӣ натавонистан, хасташавӣ* ва ғайра мебошад. Ҳамчун рамзи ***ёрирасон, начотдиҳанда*** ва ***мададрасон*** мо зооморфизми *dog "саг"*-ро дар ибораи зер дида метавонем:

- *hair of the dog* [*таҳтул.* мӯйи саг] – Дар забони муосири англисӣ идиомаи "*hair of the dog*"-ро ба маънои *миқдори ками машруботе, ки барои бартараф кардани ҳолати вазнини баъди шароби зиёд нӯшидан* истифода мебаранд. Дар ин ҷо мӯйи саг ҳамчун рамзи *ёрирасон* маънидод мешавад. Аммо дар фарҳанги мардуми англисзабон ибораи мазкур аслан ба эътиқод ишора мекунад, ки агар шумо чанд мӯйи саги девонаеро, ки одамро ба захм газида бошад, бимолед, ин даво оқибатҳои ғамангезро пешгирӣ мекунад. Дар фарҳанги тоҷикон низ чунин ақида вуҷуд дорад, ки агар саг касеро газад, дар ҷойи захм мӯйи сагро месӯзонанд, ки ин даво бошад. Бинобар ин, ибораи "*hair of the dog*" низ ба маънои даво, начотдиҳанда истифода шуда, мӯйи саг рамзи

начотдиҳандаву ёрирасонро ифода мекунад: *And I need* ***hair of the dog****, pronto* [210, 179]. «Ба ман даво зарур аст (*таҳтул*. Ба ман мӯйи саг зарур аст)».

Дар ибораи *put on the dog [таҳтул*. сагро либос пӯшонидан] зооморфизми *dog* ҳамчун рамзи *худнамоӣ* истифода шудааст. Яъне шахсоне тасвир мешаванд, ки бо сарват, бойигарӣ ва ё бо либосҳои зебояшон худро намоиш медиҳанд: *Company representatives always tried* ***to put themselves on the dog*** *and always pointed out people's mistake* [210, 82]. «Намояндагони ширкат ҳама вақт кӯшиши худнамоӣ карда, доимо хатогии мардумро ишора мекарданд».

Дар тасвири англисзабонон зооморфизми *dog* ҳамчун рамзи ***ҷанг ва якдигарбадбинӣ*** низ дар ибораҳои фразеологӣ (идиомаҳо) истифода шудааст. Чунончи, дар ибораи *dog eat dog [таҳтул*. саг сагро мехӯрад] – яъне муқовимати шаддидро нишон додан, якдигарро бад дидан шахсоне тасвир мешаванд, ки нисбати якдигар хусусмат доранд ва бо истифода аз ягон лаҳзаи ночиз бо ҳам дармеафтанд: *It was a terrible war everyone was opposed to each other and it looked like* ***dog eat dog*** [210, 80]. «Ин ҷанги бениҳоят шадид дар нисбати ҳамдигар буд, ки ба хӯрдани саг аз тарафи саг монандӣ дошт».

Ҳамчунин, зоними *dog* дар ибораҳои фразеологии забони англисӣ рамзи ***зиндагии талх, душвор***-ро низ ифода мекунад. Чунончи, дар ибораи *dog's life* [*таҳтул*. зиндагии сагона] зооморфизми *dog* рамзи зиндагии бадбахтонаи пур аз мушкилӣ ва муомилаи беадолатона буда, дар симои саг шахсоне таҷассум мешаванд, ки зиндаги пур аз азобу кулфат доранд: *His life with these people was like a* ***dog's life*** [210, 82]. «Зиндагии ӯ бо ин мардум ба зиндагии саг монанд буд».

Бояд қайд кард, ки ибораи *dog's life* дар забони англисӣ таърихи пайдоиши қадимӣ дорад ва чунин тасвир ба вуҷуд омадан дар тафаккури англисзабонҳо аз ҳаёти воқеии сагҳо даврони пеш аст. Агар дар нисбати имрӯз ҳамин ибораро муқоиса кунем, он ба ҳаёти сагон дигар мувофиқат намекунад, зеро зиндагии сагҳо дар ҷомеаи муосири англисҳо дигар мушкилие надорад.

Дар муқобили ибораи *dog's life* дар забони англисӣ ибораи *every dog has his (or its) day [маҳтул*. ҳар саг рӯзи худро дорад] низ мавҷуд аст, ки дар ин ибора зооморфизми *dog* ҳамчун рамзи ***хушбахтӣ, лаҳзаҳои беҳтарини ҳаёт*** таҷассум меёбад. Он симои шахсонеро ифода мекунад, ки дар баробари зиндагии мушкил доштан, инчунин лаҳзаҳои хушбахтӣ зиндагии худро низ доранд: *Every dog has his (or its) day [маҳтул*. ҳар саг рӯзи худро дорад] – яъне ҳар саг лаҳзаи хушбахтии худро дар ҳаёт дорад: *Everyone was happy with this ending and shouted after them:* ***every dog has his (or its) day*** [210, 82]. «Ҳамагон бо ин анҷом хушбахт буданд ва дод заданд: ҳар касро лаҳзаи хушбахтие дар пеш аст».

Дар ибораи *dog tired [маҳтул*. саг монда шуд] зооморфизми *dog* ҳамчун рамзи ***мондашавӣ ва хасташавии*** ифода меёбад. Айнан чунин ибораи фразеологӣ дар забони тоҷикӣ низ мавҷуд буд, ки дар боло онро шарҳ додем: *dog tired* – яъне бисёр монда шудан: *Tourists after passing through this valley were* ***dog tired*** [210, 82]. «Саёҳон баъди сайри ин дара монанди саг монда шуда буданд».

Зооними *dog*, ҳамчунин дар ибораи *not a dog's chance [маҳтул*. имконияти сагро надоштан] истифода шуда, рамзи ***имконнопазириро*** ифода мекунад: *not a dog's chance* – яъне тамоман имконият надоштан: *They had* ***not a dog chance*** *to resolve these problems because every person had his own idea* [210, 82]. «Онҳо ягон имконияти бартараф кардани мушкилотро надоштанд, чунки ҳар як аз онҳо нуқтаи назари худро доштанд». Дар забони тоҷикӣ низ ҳамчун рамзи имконнопазирӣ истифода мешавад, ки дар боло зикр гардид.

Зооними *гурба.* Ин номвожаи зоонимӣ низ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ маъноҳои гуногуни рамзии зооморфиро ифода менамояд. Аз ҷумла, гурба ҳамчун рамзи ***меҳру муҳаббат*** истифода мешавад. Яъне гурба нисбат ба фарзандони худ бисёр ғамхор буда, то калон шуданашон онҳоро нигоҳбинӣ мекунад. Маҳз ҳамин ғамхориву нигабонии гурба дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ҳамчун рамзи меҳру муҳаббат ифода меёбад:

Гурба барин газида (лесида) калон кардан – касеро бо эҳтиёт, ғамхорӣ, меҳру муҳаббат парварида ба воя расонидан: *Падару модар ӯро* ***гурба барин газида*** *калон кардааанд* [205, 241].

Гурба (-и сиёҳ) ҳамчунин рамзи ***муносибат***и байни одамон низ истифода мешавад. Дар тафаккури мардуми тоҷик боварие акс бастааст, ки агар гурбаи сиёҳ аз сари роҳи касе банохост гузарад, ба сари ҳамон шахс балое меояд. Бинобар ин, аз роҳи худ бояд чанд қадам ба қафо баргардад. Ё ин ки агар аз байни ду шахси бо ҳам бисёр наздик (шинос) гурбаи сиёҳ гузарад, муносибати онҳо гӯё канда мешавад ва бо ҳам қаҳрӣ мешаванд. Дар робита ба ин боварӣ ибораи фразеологии ***аз байн гурбаи ало (сиёҳ) гузаштан*** дар забони тоҷикӣ маъмул шудааст, ки маънои “миёни ду кас хунукӣ афтодан” [205, 58], “вайрон шудани муносибат, қаҳрӣ шудан” [208, 347]-ро дорад: *Чӣ шуд? Магар аз байнатон гурбаи ало гузашт?* [205, 58].

Ибораи фразеологии ***ба гурбаи касе пишт гуфта натавонистан*** низ дар забони тоҷикӣ маъмул аст, ки “ба ҳеҷ кори касе эроде расонида натавонистан, касеро сарзаниш карда натавонистан” тафсир мешавад. Дар ин ибора зооморфизми *гурба* рамзи ***тарсӯ***-ро ифода мекунад: *Гумон мекунӣ, ки Қаҳрамони меҳнат шудӣ, дигар* ***гурбаи туро пишт гуфта наметавонанд*** [205, 242].

Дар забони англисӣ зооними **гурба “cat”** дар таркиби идиомаҳо рамзи ***дақиққорӣ, кунҷковӣ, мароқ, ҳавобаландӣ, худписандӣ, хусумат, хиёнат, таҳлуқа ва хотирпарешонӣ*** ва амсоли инҳоро ифода менамояд.

Дар байни англисзабонҳо ибораи *bell the cat [маҳтул.* зангӯлаи гурба] хеле машҳур аст, ки дар ин ибора зооморфизми *cat “гурба”* рамзи ***дақиққорӣ***-ро дорад. Ибораи *bell the cat* «зангӯлаи гурба» маънои ба гардани гурба овехтани зангӯларо дошта, он барои огоҳ кардани каламушҳо, ҳангоми ҳамлаи гурба ба онҳо гӯё истифода мешудааст. Ибораи *bell the cat* "зангӯлаи гурба" гӯё аз афсонаи "Мушҳо дар шӯро"-и Эзоп гирифта шудааст. Маънои ибораи *bell the cat* ба уҳда гирифтани кореро дорад, ки иҷрои он душвор аст. Ибораи

мазкур дар Фарҳанги идиомаҳои Оксфорд (Oxford dictionary of Idioms) чунин шарҳ дода шудааст: «кӯшиш кардан ё розӣ шудан барои вазифаи бениҳоят душворро иҷро кардан; дар кори хатарнок масъулиятро ба дӯш гирифтан; дар кори хатарнок ташаббус нишон додан; кори имконнопазирро иҷро кардан; барои дигарон таваккал кардан; ҷуръат кардан, таваккал кардан; худро дар хатар гузоштан: *When he saw the complexity of the whole situation, he* ***bellt the cat*** (Вақте ки ӯ мушкилии тамоми вазъиятро дид, ӯ таъдиди хатарро бар дӯши худ гирифт)» [210, 21].

A dead cat bounce [маҳтул. паридани гурбаи мурда] ибораи фразеологие дар забони англисӣ мебошад, ки чун сленг истифода мешавад. Дар ибораи фразеологии мазкур зооморфизми *cat* "гурба" ҳамчун рамзи *махсара кардан, мазоҳ кардан* корбаст шуда, ба маънои "бениҳоят хандаовар" истифода мешавад: *Students were in a position that even* ***a dead cat bounced*** [210, 21]. «Донишҷӯён дар вазъияте монданд, ки *гурбаро ҳам хандааш омад*». Бояд зикр кард, ки ибораи *a dead cat bounce* ҳамчун сленг маънои "барқароршавии муваққатӣ аз бӯҳрони молиявӣ"-ро дорад.

Ҳамчунин, зооними *cat* "гурба" дар тасвири англисҳо рамзҳои *хиёнаткорӣ, ноосудагӣ, таҳлука, имконият надоштан* ва монанди инҳоро низ ифода мекунанд. Чунончи: *turn cat in pan* [*маҳтул*. гурбаро дар тобадон тоб додан] – яъне хиёнаткор будан: *The soldiers' monevre was so interesting that they* ***turned cat in pan*** [210, 21]. «Амалиёти ҳафтсарон чунон аҷоиб буд, ки хиёнати онҳо ба назар мерасид».

Дар ибораи фразеологии *no room to swing a cat* [*маҳтул*. ҷой барои ҷунбонидани гурба набудан] зооморфизми **cat "гурба"** ба маънои "ҷой набудан» ифода ёфта, ҳамчун рамзи «маҳдудияти имконият» дарк мешавад: *There were so many people that* ***no room to swing a cat*** [210, 21]. «Дар ҳамон ҷо одам чунон зиёд буд, ки ҷойи пой гузоштан набуд».

Бояд зикр кард, ки дар мавриди якҷоя истифода шудани зоонимҳои *сагу гурба* зооморфизмҳои сагу гурба дар ибораҳои фразеологӣ рамзи *муносибати байни инсонҳо*ро ифода мекунад. Чунончи:

- *rain cats and dogs [маҳтул*. борони гурбаву саг] – яъне, борони шадид бо раду барқ ва шамол ба сари сагу гурба меборад. Ин ибораи фразеологӣ дар замоне гуфта мешавад, ки борони сахт меборад. Ҳангоми боронҳои шадид ҳайвонҳо баъзан лағжида меафтиданд ва британиёиҳо борони шадидро бо гурбаҳо ва сагҳои афтода алоқаманд мекардан, аз ин рӯ ифодаи борони сагҳо ва гурбаҳо ба вуҷуд омадааст. Вале дар ин ҷо зооними *сагу гурба* ҳамчун рамзи *ҷангу хархаша, маҳалу фарёд* ва монанди инҳоро ифода мекунад: *It is* ***raining cats and dogs*** *out there* [210, 21]. «Дар берун борони шадид борида истодааст».

Дар ибораи *fight like cat and dog* [*маҳтул*. мисли сагу гурба ҷанг кардан] – яъне хусумати беандоза доштан, доим ҷанҷолу ҳақорат доштан, дар ҷанҷолҳои доимӣ зиндагӣ кардан, ҳамеша бо ҳам ихтилоф кардан ифода меёбад: *Their relationship had knee-deep at work and they* ***fight like cat and dog*** *with each other* [210, 21]. «Муносибати онҳо тамоман вайрон буд, онҳо монанди *сагу гурба меҷангиданд*».

Зооними *асп.* Асп – номи ҳайвонест, ки бештар ба кашидани одам ва бор вобаста шуда, хусусияти зооморфии он дар ифодаи маънои гуногуни маҷозӣ ба назар мерасад. Ин номвожаи зоонимӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ маъноҳои гуногунро ифода намуда, мувофиқи маънои матн маънои рамзии он нишон дода мешаванд. Пеш аз ҳама, асп дар тасвири забонии тоҷикон рамзи ***бахт*** (***омад кардани ё накардани бахт)*** маънидод мешавад:

Аспи бахти касе *ба ҳар ду по лангидан* – ҳеҷ барор накардани кор; *Ҷуръат кард, аммо чунон ки мегӯянд, аспи бахташ ба ҳар ду по лангидааст* [205, 37].

Дар баъзе маврид аспро ҳамчун рамзи ***дарку фаҳмиш*** маънидод мекунанд: *Аспи андеша рондан (дар бораи чизе фикр кардан)* [203, 93]

Ҳамчунин, дар забони тоҷикӣ асп ҳамчун рамзи ***худнамоӣ*** ва ***худпарастӣ*** (ба маънои хислати манфӣ) низ истифода мешавад, ки ба ин маъно онро дар ибораи ***аспи қашқа*** мушоҳида мекунем. Зикр бояд кард, ки дар байни тамоми ҳайвонҳо баъзан ҳайвонеро вохӯрдан мумкин аст, ки холи сафед ё сиёҳи табиӣ дар пешонаашон доранд. Чунин ҳайвонҳоро қашқа меноманд, ки бо ҳамин холи сафед ё сиёҳашон аз дигарҳо фарқ мекунанд. **Аспи қашқа** асосан аспи дар пешонааш холи сиёҳ дошта [203, 679]-ро мегӯянд.

Дар ибораи ***аспи кашқа*** шахсе ифода меёбад, ки бисёр худнамою худпараст (дар мавриди манфӣ) буда, ба ҳама маълум аст: *Ин шахс ҳамчун* ***аспи қашқа*** *дар ҳама ҷо маълум аст* [205, 39].

Зооморфизми *асп* дар ибораи ***ба аспи ҷаҳл савор шудан*** маънои “дар хашму ғазаб будан, оташин шудан, якраҳагӣ исрор кардан”-ро дорад: *Ҳошимҷон ҳошимҷони аввала набуд. Ӯ ба* ***аспи ҷаҳл*** *савор шудагӣ барин* [205, 39]. Дар ин ибораи фразеологӣ асп рамзи ***қаҳру ғазаб***-ро ифода мекунад.

Зооними асп “***horse”*** дар фарҳанги англисзабонон рамзи *дӯстӣ, интихоб, эҳтиромy ихлос*, ҳамчунин рамзи *пурхӯрӣ* буда, хусусиятҳои рамзии он дар ибораҳои фразеологӣ барҷаста намудор мешавад.

Яке аз рамзҳои асосии аспҳо ин бо ҳам якҷоя хӯрдани хӯрок ва гала-гала гаштани онҳо мебошад. Маҳз ҳамин хусусияти аспҳо дар ибораи фразеологии забони англисӣ *to hitch horses together(таҳтул.* аспҳоро якҷоя бастан) [210], ифода меёбад, ки маънои “якҷоя ба таври дӯстона ё ба манфиати тарафайн кор ё муошират кардан; ба ҳамдигар мувофиқ омадан, ба ҳамдигар муросо кардан, ба хам наздик шудан”-ро дорад.

Дар фарҳанги англисҳо ба масъалаи истеъмоли хӯрок таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Аз ин рӯ, агар касе бисёртар аз меъёр хӯрок истеъмол намояд, ӯро ба асп монанд мекунанд. Яъне, яке аз хусусиятҳои *асп* ин *пурхӯрӣ* мебошад. Дар робита ба ҳамин дар забони англисӣ ибораи фразеологии (идиомаи) *to eat like a horse* [210] *(таҳтул.* ба мисли асп хӯрдан) маълум аст, ки дар он зооморфизми *асп* ҳамчун рамзи пурхӯрӣ истифода мешавад. Худи англисҳо

чунин пурхӯриро маҳкум мекунанд: *My daughter is super skinny but you'd never believe she eats like a horse* “Духтари ман хеле лоғар аст, аммо шумо ҳеҷ гоҳ бовар намекунед, ки вай мисли асп мехӯрад.”; *If you don’t stop eating like a horse you’re going to gain a lot of weight this winter* “Агар шумо мисли асп хӯрданро бас накунед, дар ин зимистон вазни зиёд хоҳед гирифт” [237].

Мардуми англис интихобро дар зиндагӣ бисёр муҳим меҳисобанд, ки ин ҷузъи фарҳанги онҳо аст. Бинобар ин, бисёр дақиққор дар интихоб мебошанд. Агар касе дар ягон кор муваффақ нашавад, мегӯянд, ки интихоби нодуруст кардааст. Азбаски асп ҳайвони бисёр зарурӣ дар зиндагии рӯзмарраи одам ҳаст, англисиҳо ба интихоби асп бисёр диққати ҷиддӣ медиҳанд ва он рамзи *интихоб* барои англисҳо маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ онҳо интихобро дар зиндагӣ ба интихоби асп монанд мекунанд. Дар робита ба ҳамин дар забони англисӣ ибораи фразеологии (идиомаи) *to back the wrong horse* (*маҳтул*. интихоб кардани аспи ноқобил) [210] ба вуҷуд омадааст, ки дар он мавқеи асосиро зооморфизми “асп” ишғол мекунад ва маънои “интихоби нодуруст кардан, ҳисоби нодуруст кардан, хато кардан, дастгирӣ кардани одам ё кӯшише, ки ба муваффақият ноил намешавад”-ро ифода мекунад.

Номи ҳайвоноти ваҳшӣ низ барои ифодаи рамзҳои зооморфӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ зиёд ба назар расида, маъмултарин зооморфизмҳо ин зоонимҳои *wolf “ гург”, tiger “паланг”, lion “шер”, elephant “фил”* ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

Зооними *гов*. Рамзи ***гов*** дар тасвири тоҷикон дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ таҷассум ёфта, он рамзҳои мусбати *давлатманд шудан, калонию бузургӣ, хурсандӣ* ва манфии *беақлӣ, баднафсӣ, нофармонӣ, хаёли хом, ҳавобаландӣ* ва *хешпарастӣ*-ро ифода мекунад.

Дар байни мардуми тоҷик ибораи фразеологии ***гов бар ганҷ рондан*** маъмул аст, ки онро дар мавриди *давлатманд* ва *молдор*, яъне соҳиби молу пул шудан мегӯянд. Ин ибора бар матни афсонаи халқи тоҷик, ки гӯё деҳқоне ҳангоми шудгор ганҷ ёфтааст, асос меёбад [208, 327].

Ҳамчунин, гов рамзи *калонию бузургиро* низ ифода мекунад. Дар ибораи *аз гов ғадуд* ҳамин рамзи гов баръало ба назар мерасад. Чуночи, *аз гов ғадуд,* яъне аз чизи калон ва бузург як қисми ночиз, аз ҳиссаи калон андаке: *... аз ин ошу нон ҳам саҳми калонро бандибонон хӯрда,* ***«аз гов ғадуде»*** *ба худи бандиён медоданд, ки инҳо ин як луқмаро бо бандиёни бекас бо ҳам медиҳанд* [205, 243].

Зооморфизмҳои *гов ва гӯслола* ҳамчун рамзи ***хурсандӣ*** дар ибораи *гови касе гӯсола зоидан* ифода меёбанд:

Гови касе гӯсола зоидан – бахт ба касе рӯ овардан, аз чизе хурсанд будан [205, 229]: *Ҳамон рӯз* ***говашон гӯсола зоида будааст****–мӣ, ба ман дилаш сӯхта ва бо раҳму шафқат сар чунбонда гуфт*.

Маврид ба зикр аст, ки дар аксар маврид *гов* ҳамчун рамзи ***баднафсӣ, нофармонӣ, беҳудакорӣ*** ва ***беақлӣ*** дар миёни мардуми тоҷик маъмул аст. Аз ин рӯ, дар ибораҳои фразеологи забони тоҷикӣ дар симои *гов* одамони *баднафс, нофармон* ва *беақл* таҷассум меёбанд.

Гов барин хурдан – баднафсӣ кардан, пурхурӣ кардан, аз андоза зиёд хурдан: *Дар вақти хӯрок* ***гов барин мехурӣ****, кор фармоям, хари ланг* [205, 228].

Гови бешохбанд шудан – нофармон, бетартиб, беинтизом, ноитоаткор: *Ин хел бошад, ана ҳамон ҳаромӣ аз роҳ мебарорад, ки* ***гови бешохбанд*** *шуда рафтаӣ* [205, 229].

Гови нар дӯшидан – кори беҳуда кардан [208, 327];

Гови худою хари Мустафо – одами нодон, бефаросат, беақл: *Ту бошӣ гови Худою хари Мустафо барин дар кӯҳу дашт мегардию намедонӣ, ки аз олам чӣ мегузарад* [205, 229].

Гов дар хирман кардан – кори касеро расво (табоҳ) кардан [208, 327].

Дар забони англисӣ зооними *гов* “cow” бештар дар зарбулмасалу мақолҳо истифода мешаванд, ки дар фасли баъдӣ тавзеҳ мешаванд.

Аммо ибораҳои фразеологиии *cash cow* «гови душоӣ» (ҷойи даромад (-и пулӣ)), *sacred cow* «гови муқаддас» (шахси дастнорас), *cow college* «коллеҷи аграрӣ» ва мақолҳои *awkward as a cow on a crutch* «гови шохзан» (одами бад,

зишт), *the tune the old cow died of* «оҳанге, ки аз он гови пир мурдаст» дар забони англисӣ вомехӯрад, ки бааъзан чун сленг низ истифода мешаванд.

Зикр бояд кард, ки ибораи фразеологии *sacred cow* «гови муқаддас» дар фарҳанги англисзабонон мавҷуд набуда, балки аз фарҳанги ҳиндуҳо гирифта шудааст ва забони англисӣ дар шакли ибораи фразеологӣ мариди истифода қарор дорад. Ибораи мазкур ба маънои “шахсе, ки танқид карда намешавад” корбурд мешавад.

Зооними *хар.* Ин номвожаи зоонимӣ низ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ рамзҳои гуногунро ифода мекунад. Аз ҷумла, рамзи *беақлӣ, халосӣ аз коре, ба касе кордор шудан/нашудан, хасисӣ, манфиатҷӯӣ, беобрӯӣ, бадномӣ, шармандагӣ*:

Чунончи, барои халосӣ аз коре дар забони тоҷикӣ ибораи фразеологии *хари касе аз лой гузаштан*, ки маънои “ба иҷро расидани кори касе, итмом ёфтани кори касе, осон шудани мушкили касе, ба орзую мақсади худ расидани касе” [205, 252]-ро ифода мекунад, истифода мегардад. Дар ин ҷо зооними *хар* ҳамчун рамзи *омад кардани коре* корбаст мегардад: *Аммо чун «хари Абдувосит аз лой гузашт» вай тамоми ваъдаҳояшро бароварда ба бод сар дод.*

Ҳамчунин, зооморфизми *хар* рамзи *ба касе кордор шудан/нашудан*-ро низ ифода намуда, он дар ибораи фразеологии *хари касеро иш гуфтан* “ба кори касе халал расонидан, монеъ шудан, ба касе кордор шудан” ифода меёбад: *Ману ту чи кор кардем? «Хари киро иш, пишаки киро пиш ва саги киро тур гуфтем?»* [205, 253].

Дар ибораи фразеологии *хари кӯру оғили танг* зооними *хар* рамзи ***хасисӣ, молу чиздӯстдориро*** ифода мекунад:

Хари кӯру оғили танг – ба ҷои танг чизҳои нодаркорро ҷой дода боз ҳам тангтар кардан: *«Хари кӯру оғили танг» гуфтагӣ барин дар хоначаи хурди мо ин қадар чиз барои чӣ лозим? – гуфт Умарҷон* [205, 253].

Ҳамчунин, зооними мазкур ҳамчун рамзи *беақлӣ* ва *беобрӯӣ* дар ибораҳои фразеологӣ зиёд корбаст мегардад:

Гови худою хари Мустафо – одами нодон, беақл;

Хари худро ҳай кардан – аз маърака берун шудан: *Беҳтар ки худат аз ин ҷо харата ҳай кун* [206, 255].

Зооними *уштур*. Ин номвожаи зоонимӣ ҳам дар таркиби ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ рамзҳои ***азимҷуссаги***ро нишон медиҳад. Чунончи, дар ибораи *уштурро бо кафлес об додан*, ки маънои “ба миқдори ками чизе касеро қонеъ кунониданӣ шудан, кори бефоида кардан”-ро дорад, асосан рамзи бузургҷуссагии уштурро ифода менамояд. Бо кафлез об додани як ҳайвони бузургҷуссае чун уштур кори беҳудааст, зеро бо он аз об сер нахоҳад шуд. Дар ин ибораи фразеологӣ ҳарчанд таваҷҷуҳ ба кори беҳуда кардани одамон ҳаст, аммо уштур рамзи бузургию азиҷуссагиро ифода мекунад. *Уштурро бо кафлез об додан мумкин нест. Ободии дашт об талаб мекард – оби фаровон!* [206, 221]

Зооморфизми уштур ҳамчун рамзи ***баҳонаю таъхиркорӣ* ва танбалӣ** дар ибораи *уштур ба элак лангидагӣ барин* ифода меёбад. Дар ин ибора дар симои *уштур* шахсони *баҳонаҷӯй* ва *танбал* тасвир ёфтаанд, ки дар иҷрои ҳар кор аз ҳисси танбалӣ баҳонае пеш меоваранд. Ибораи *уштур ба элак лангидагӣ барин* маънои “уштур ҳамаро бардоштасту ба элак лангидаст” [206, 220]-ро дорад: *Уштур ба элак лангидагӣ барин гӯё барои қишлоқи мо маблаг нарасида монда бошад* [206, 220].

Зооними *mouse «муш».* Дар забони тоҷикӣ ибораи фразеологии *муши мурда* бештар мавриди истифода қарор дорад, ки рамзи *хомӯширо* ифода намуда, маънои “одами бадкирдори дар зоҳир худро орому бечора нишондиҳанда” [206, 221]-ро дорад. Дар забони англисӣ хусусиятҳои рамзии ***mouse «муш»*** *оҳиста амал кардан, бисёр кашондану ҷамъ кардан, дуздидан, итоаткор (ором) будан, руҳафтода будан* ва монанди инҳо буда, дар таркиби ибораҳои зерини забони англисӣ ин ифода гардидааст:

- *poor as a church mouse (or as church mice)* [*маҳтул*. камбағал мисли муши калисо] – яъне бисёр бенаво будан: *He had nothing at home he was* ***poor as a church mouse*** [210, 225]. «Вай монанди муши калисо дар хонаашон ягон чизи хурданӣ надошт».

- *quiet as a mouse (or lamb)* [*маҳтул*. хомӯш ҳамчун муш] – яъне итоаткор, фармонбардор, гапдаро: *From the quality of being* ***quiet like a mouse*** *helped them achieve success in many things* [210, 233]. «Фармонбардории ӯ барои пешравиашон ёрӣ мерасонд».

- *play cat and mouse with [маҳтул*. мушу гурбабозӣ кардан] – яъне иғво ва фитна кардан: *Stop playing cat and mouse, because it is not fair towards your children* [210, 48]. «Мушу гурбабозиро бас кунед, ки ин дар нисбати фарзандонатон кори хуб нест».

Дар ибораҳои болозикр зооморфизми ***mouse «муш»*** нишон медиҳад, ки дар тасвири забонии мардуми англисзабон низ он ҳамчун ҳайвони дузд, бенаво, иғвоангез ва монанди инҳо ифода ёфта, дар симои ***mouse «муш»*** шахсони дорои хислатҳои дузду иғвогар таҷассум меёбанд.

Б) Зоонимҳои ифодакунандаи номи ҳайвоноти ваҳшӣ:

Зооними *шер*. Ин номвожаи зоонимӣ дар забони тоҷикӣ мақоми махсус дорад ва он дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ низ истифода гардида, рамзҳои фарҳангии мусбати ***далерӣ, қаҳрамонӣ, нотарсӣ*** ва манфии ***мағрурӣ, калонгири***ро ифода мекунад. Чунончи, дар ибораҳои зер ҳамин рамзҳо баръало ба назар мерасанд:

Шердил кардан – ба касе шуҷоат илқоъ намудан;

Шери касе будан – далеру ҷасур будан; *Боракалло, шери бобо*! [205, 25].

Бо думи шер бозӣ кардан – худписандона, кореро анҷом додан; муқобилат нишон додан бо қувваи нобаробар;

Хонаашери майдонғариб – ҳар касе, ки даъвои зӯру бозу дар назди атрофиёни худаш мекунад.

Номвожаҳои зоонимии ***lion “шер”*** **ва** ***tiger “паланг”*** дар забони англисӣ дорои хусусиятҳои рамзии *қувваи бузург, тавоноӣ, қудрат, воҳимаангезӣ, нотарсӣ* ва монади инҳо мебошанд. Ҳамин рамзҳоро дар воҳидҳои фразеологии англисӣ муқобилмаънои онҳо шарҳ медиҳанд. Чунончи, дар воҳиди фразеологии *a mouse may help a lion* “*таҳтул.* муш метавонад ба шер кумак кунад” шер, ки шоҳи ҳайвонот ҳисобида мешавад, бо вуҷуди қувваю қудрати бузург доштанаш, аз муш, ки ҳайвони заифу беқудрат аст, кумак мехоҳад.

Шер дар фарҳанги анлисҳо рамзи *қудрату тавоноӣ* аст. Дар ибораҳои фразеологии *in the lion's mouth* [210, 174] *[таҳтул.* дар даҳони шер], *a lion in the way* [210, 174] *[таҳтул.* шер дар роҳ], *the lion's share* [210, 174]*[таҳтул.* ҳиссаи шер] ва ғайраҳо маҳз ҳамин қудрати шер нишон дода мешавад. Албатта, дар симои шер ҳамеша шахсони бозӯру қувва ва қудратманду тавоно таҷассум мешаванд. Аз ин рӯ, дар воҳидҳои фразеологии боло шер тасвир ёфта, таъкид ба дигарон меравад, ки худро набояд зери хавфу хатар андохт: *Don’t go there, that place is* ***the lion's mouth*** [210, 175]. «Ба он ҷой наравед, ки он ҷо ҷойи хатарнок аст».

Дар фарҳанги англисҳо тасвири паланг дар воҳидҳои фразеологӣ камтар ба назар мерасад. Чунин ҳолат хоси забони тоҷикӣ низ мебошад. Дар ҳар ду забон зоонимии шер бештар ифтифода мешавад, зеро дар тафаккури онҳо *шер* подшоҳи ҳақиқии тамоми ҳайвонот аст ва ҳамеша дар воҳидҳои фразеологӣ маънои мусбатро дорад. Новобаста аз ин, дар воҳидҳои фразеологии забони англисӣ дар симои паланг шахсони *бераҳму шавқат* ифода меёбанд. Чунончи, дар воҳиди фразеологии *have a tiger by the tail [таҳтул.* палангро аз думаш қапидан], пеш аз ҳама ба бераҳмии паланг ишора мешавад ва дар баробри ин таъкид мешавад, ки инсон ба ҳар кори хатарнок набояд таваккал кунад: *Opponents brutally black mailed him as they* ***had a tiger by the tail*** [210, 293]. «Рақибон ӯро сахт таъқиб мекарданд, чуноне ки палагро аз думаш қапидаанд». Муодили ҳамин ибораи фразеологӣ дар забони тоҷикӣ “*бо думи шер бозӣ*

кардан” мебошад. Тафовут дар истифодаи зоонимҳо мебошад, яъне дар забони англисӣ агар *паланг* ифода ёфта бошад, дар забони тоҷикӣ *шер* тасвир мешавад.

Зооними *гург*. Рамзи ***гург*** низ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ хеле барҷаста аст. Онро мардуми тоҷик ба маънои мусбат ҳамчун рамзи шахси ***таҷрибаандӯхта*** ва ба маънои манфӣ рамзи ***бадӣ*** ва ***душманӣ*** тасвир мекунанд:

Рамзи таҷрибаомӯзӣ ба маънои мусбат дар ибораи рехтаи ***гурги борондида*** *“*одами гарму сардии ҳаётро чашида, пуртаҷриба, кордида, пухта” ифода меёбад: *Абдулло, ки гурги борондида буд, табассум карда монд* [205, 242].

Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” ибораи **гурги борондида** ба маънои “одами озмудакор, ки барои ҳар эҳтимол пешакӣ чора мебинад ва аз ҳар таҳлука худро халос мекунад; шахси гармию сардии рӯзгорро чашида ва маккор” [208, 347] тафсир ёфта, дар ин ҷо он ҳамчун рамзи *маккорӣ* (ба маънои манфӣ) ифода ёфтааст.

Дар ибораи рехтаи ***гурги хонадон*** зооморфизми *гург* рамзи бадӣ ва душманиро ифода намуда, маънои “каси бегонае, ки аз сирри хонадон бохабар аст; густохӣ кардан дар хонадони каси дигар”-ро дорад: *Ман дар он ҷо на меҳмон, балки як аъзои оилаи мутаваллӣ барин шуда мондам… кӯтоҳ карда гӯем, ман он ҷо «**гурги хонадон**» шуда будам…*[205, 243].

Ҳамчунин, дар ибораҳои зери забони тоҷикӣ низ зооморфизми *гург* ҳамчун рамзи *душманӣ* ва *бадӣ* ифода ёфта, дар мисоли он шахсоне таҷассум мешаванд, ки худро дӯсту ғамхори кас вонамуд карда, аммо воқеан бар хилофи гуфтаашон амал мекунанд:

Гург дар ҷомаи меш – душмане, ки зоҳири худро дигар кардааст [205, 242].

Гург шудан – заррарасон шудан [205, 243]: *Дар он вақт роҳи халосии аз вай ба даруни он даромада **гург шудан** ва роҳ надодан аст.*

Гурги дупо – дузд, ғоратгар [208, 347].

Бояд қайд кард, ки зооними *гург "wolf"* дар фарҳанги мардуми англис рамзи *маккорӣ, тамаҷӯӣ, душманӣ* ва монанди инҳоро ифода мекунад. Аз ин рӯ, дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ зооними *wolf "гург"* дар забони англисӣ бештар рамзи манфро ифода намуда, вобаста ба мавқеи истифодабариаш он маънои мушаххаси рамзиро ифода мекунад. Чунончи, ибораи фразеологии *to throw to the wolves* "*таҳтул.* ба гургон партофтан" маънои "қурбонӣ кардани касе барои нақот ё нафъи худ ё гурӯҳи худ аст".

Ибораи *cry wolf* [*таҳтул.* нола (уллос)-и гург] дар забони англисӣ ҳамзамон ҳамчун идиома низ истифода шуда, маънои "додани ҳушдори бардурӯғ" аст. Дар тасаввури англисҳо *гиря кардани гург* хеле зишт ва бад аст. Ҳатто дар афсонаҳои англисӣ *wolf* ! «гург!» гуфта ба чизи бад ва зишт ишора мекунанд. Аз ин рӯ, ибораи *cry wolf* бештар ба маънои "сохтакорӣ кардан, амали маснуъ кардан" марбут мешавад: *His action towords him was like* ***crying wolf*** [210, 316]. «Амали ӯ чунон сохтакорӣ буд, ки ба гиряи гург монандӣ дошт».

Зооними *рӯбоҳ*. Рамзи зооморфии *рӯбоҳ* дар забони тоҷикӣ ***ҳилаю маккорӣ*** буда, дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ низ ҳамин маънои семантикиро ифода мекунад:

рӯбоҳбозӣ кардан – ҳилагарӣ кардан, маккорӣ кардан;

рӯбоҳбозӣ ба кор бурдан: *Чаро Шумо дар ҳама кор рӯбоҳбозӣ мекунед?* [206, 913].

Зооними *оҳу.* Дар забони тоҷикӣ хосияти рамзии зооними *оҳу* зиёд ба назар расида, тавассути он бештар ифодаи каломи бадеъ сурат меёбад. Чунончи, рамзи ***чашми маъшуқа:***

Оҳуи мардумшикор [203, 950];

- рамзи ***офтоб:***

Оҳуи заррин [203, 950];

- рамзи ***забунгирӣ кардан:***

Оҳуи ланг гирифтан [203, 950] ;

- рамзи ***тез давидан***

Ба оҳу савор шудан [203, 950] .

В) Зоонимҳои ифодакунандаи номи паррандаҳо:

Зооними тӯтӣ. Рамзи зооморфии номвожаи *тутӣ – сергапӣ, хушгапӣ, бисёр гап задан* ва *тақлидкорӣ* аст. Аз ин рӯ дар забони тоҷикӣ, хусусан дар адабиёти классикии тоҷик ибораҳои *тӯтии шаккархо, тӯтии шаккаршикан, тӯтии табъ, тӯтии хушнуктадон, тӯтии гӯё, тӯтии хушкалом, тӯтии ғаммоз* ва ғайра мавҷуданд, ки рамзи ***сухандониву тақлидкории*** инсонро нишон медиҳанд. Чунончи, дар ибораи *тӯтии хушхон* шахсе тасвир мешавад, ки бисёр сергапӣ мекунад: *Ӯ гарчи дар лаҳзаҳои ғамгинаш дамдузд, хаппак ва одамгурез бошад ҳам, вале дар вақтҳои кайфчоқиаш чунон* ***тӯтии*** *хушхон мешуд, ки гумон мекардед, аз забонаш шаҳду шакар мерезад* [206, 210].

Тӯтӣ “***parrot”*** дар фарҳанги англисзабонон рамзи *рӯҳафтодагӣ, суханпардозию ширинкориро* дорад, ки дар фарҳанги тоҷикон он ҳамчун рамзи руҳафтодагӣ ифода намеёбад. Чунончи, дар ибораи англисии *as sick as a parrot [таҳтул*. бемор ҳамчун тӯтӣ] зооморфизми ***parrot “тӯтӣ»*** ифодакунандаи рамзи *руҳафтодагиву хастагӣ* тасвир мешавад. Асосан ин ибораи фразеологӣ дар байни мухлисони футбол бештар паҳн шуда буд ва дар солҳои 1970 ба як ҷузъи луғати шореҳон, мураббиён ва бозингарони футбол табдил ёфта буд. Агар даста мағлуб мешуд, мураббӣ худро *as sick as a parrot* «мисли тӯтии бемор» ҳис мекард, яъне бисёр руҳафтода ва ғамгин мешуд. *The team lost the final match. They were as sick as parrots after all their hard work* [210, 263].

Зооними товус. Товус дар тасаввури мардуми тоҷик ҳамчун парандаи зебо ва хушхиром буда, рамзи *зебоӣ* ва *нозу карашма* дониста мешавад. Чунончи дар воҳидҳои фразеологии зер ҳамин маъноро ифода мекунанд:

Оинаи товус – киноя аз нақшҳои пару боли товус, ки рамзи зебоианд;

Товуси хушхиром – киноя аз духтаре, ки бо ноз роҳ меравад;

Чун пари товус – ранг ба ранг, пурнақшунигор;

Чун товуси маст – бисёр зебо*:* Чун зоҳид духтарро бидид, ҳайрон монд, ки он духтар чун *товуси маст* дар болои тахт саҳеҳулаъзо нишаста буд [204, 225].

Зикр бояд кард, ки товус дар тасвири динии мардуми тоҷик парандаи гунҳгор аст, ки гӯё тибқи ривоятҳои динӣ барои ба биҳишт ворид шудани шайтон кумак кард. Барои ин гуноҳаш гӯё пояш месӯзад. Аз ин рӯ, дар забони тоҷикӣ нисбати товус ибораи *мурғи посӯхта* низ истифода мешавад.

Зооними кабк. Кабк дар тасвири мардуми тоҷик парандаи зебо ва хушовозу хушхон буда, рамзи *нозу карашма* ва *сурудхон* тасвир мешавад. Бояд зикр кард, ки дар тасвири мардуми тоҷик дар размзи кабку товус танҳо ҷинси зан таҷассум мешавад:

Кабки хушхон, кабки хушовоз – ҳофиз, сарояндаи хуб;

Кабки хушхиром – бо нозу карашма роҳ рафтан;

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон доданд, ки ифодаи рамзҳои зооморфӣ дар забони тоҷикӣ хеле назаррас буда, ба воситаи онҳо хусусиятҳои гуногуни коннотативӣ ифода мегарданд. Хусусияти табиии зоонимҳо имконият медиҳад, ки ин номвожаҳо дар матн кадом рамзҳоро ифода намоянд. Гурӯҳи калони зоонимҳоро номи ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ ташкил медиҳанд, ки бештари вақт барои ифодаи тобишҳои гуногуни маъноӣ маҳз ин гурӯҳи зоонимҳо хизмат мекунанд.

Г) Зоонимҳои ифодакунандаи номи ҳашарот ва хазандаҳо:

Зооними *мӯрча* (мӯр). Ин номвожаи зоонимӣ ҳамчун ҷонвари миқдоран зиёд дар воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, рамзи ***иттифоқу ғолибият***ро дорад. Дар адабиёти калассики тоҷик, ибораи ***иттифоқи мӯрчагон*** хеле машҳур буда, ба маънои *ҳамбастагӣ, ҳамдилии* мардум корбаст мешавад.

Мӯрчагон, гар бикунанд иттифоқ,
Шери жаёнро бикананд пӯст. [203, 48].

Дар иттиҳоду ҳамбастагӣ мӯрчагон метавонанд, шерро, ки ҳайвони хеле азимҷусса буда, аз мӯрча чандин ҳазор маротиба калон аст, зери по кунанд. Дар ин ҷо дар тасвири забонии мардуми тоҷик дар симои мӯрча инсонҳои меҳнаткаш таҷассум ёфтааст ва таъкид меравад, ки онҳо метавонанд, аз ҳама гуна мушкилии зиндагӣ бароянд, агар сарҷамъ ва иттиҳод бошанд.

Ҳамчунин, зооними мӯрча рамзи ***меҳнаткашро*** дошта, *Чун мӯрча меҳнат кардан*.

Мӯрча баъзан ба маънои манфӣ корбаст шуда, рамзи ***зиёдӣ ва афзуни***ро ифода мекунад. Чунончи, дар таркиби *«мӯру малах»* ба маънои аз ҳад зиёд, ҳарисона ба чизе часпидани одами бисёреро нишон медиҳад:

Аз болои кӯҳ босмачиён мӯру малах барин, ба мурдани худ нигоҳ накарда, фаромада меомаданд [205, 669].

Дар ибораи *мӯрча нагазидан* зооморфизми мӯрча ҳамчун ҳашароти безарар тасвир ёфта, газидани он ба кас танҳо каме бероҳатӣ меовараду халос. Бинобар ин, *газидани мӯрча* дар ин ибора ҳамчун рамзи ***безарар*** ва рамзи ***мушкилии зиндагиро надидагӣ*** ифода ёфтааст. Маънои ибораи мазкур “мушкилӣ надидан, азобу уқубат, осеберо аз сар нагузаронидан, ба таҳлука наафтодан, бетаҷриба, хом будан” [205, 669]-ро ифода мекунад: *Ука, бисёр калонгирӣ накунед! – гуфт Шокир ба Аҳмад. Ҳоло бадани шуморо мӯрча нагазидааст* [205, 669].

Бояд қайд кард, ки мӯрча дар тасвири мардуми тоҷик рамзи ***беқадрӣ ва беиззату эҳтироми***ро низ дорад. Чунончи, ибораи ***аз мӯр камтар*** маънои *хеле беқадр ва ночиз* [208, 870]-ро ифода мекунад.

Зооними *паша*. Дар забони тоҷикӣ бештар *рамзи дахолат кардан, дилбазанӣ, пастфиртатӣ, беҳудакорӣ ва муҳоботро* дошта, он дар таркиби ибораҳои зиёди фразеологӣ корбаст шудааст. Дар ибораи ***пашаи оши касон*** зооморфизми паша ҳамчун рамзи ***дахолаткунанда*** ифода ёфта маънои “ба кори дигарон ноҷо мудохила кардан” дорад. Гунаи дигари ин ибора: *ба оши касе пашша шудан* маънои “ба касе халал расонидан”-ро ифода мекунад.

Дар ибораҳои ***пашаи шилқин*** (безор кардан), ***паша шудан*** (халал расонидан)**, *паша пар намезанад*** (оромӣ ҳукмрон) зооморфизми *паша* рамзи каси *безоркунанда, дилбазан*ро ифода намуда, ба шахсе муносиб дониста мешаванд, ки гирди касе гашта, ӯро безор мекунад: *– Аҳа, элак баҳона – дидор ғанимат… майлаш, иҷозат, бигузоред, дигарон фаҳмида* ***паша нашаванд*** [206, 818]. *Гирду атроф чунон оромӣ ҳукфармо буд, ки ҳатто* ***паша пар намезад*** [206, 818].

Дар забони тоҷикӣ ибораҳои фразеологии *пашаро озор надодан* ва *пашаи гирди лаби худро киш нагуфтан* ҳам зооморфизми ***паша*** ҳамчун рамзи **чизи безоркунанда** ифода ёфта, дар он ба як маъно шахсон бисёр *ҳалиму хоксор* ва ба маънои дигар шахсони *беғам, бепарво, танбал* таҷассум меёбанд, ки бисёр беозор буда, ҳатто пашаро, ки ҳамаро безор мекунанд, озор намедиҳанд: *Пашаи гирди лабонашро «киш» намегӯяд ва ғами хонасозиро намедонад*[206, 818].

Як хислати аҷиби паша дар он аст, ки вақти пар задан овоз надорад. Бинобар ин, баъзан шахсонеро, ки аз ҳамаи чиз огоҳанд ва ё бисер кунҷукованд, дар ибораи **аз пар задани паша хабардор будан** таҷассум мекунанд.

Дар ибораи **аз пашша фил сохтан** бошад касоне тасвир мешаванд, ки чизеро аз будаш зиёд карда нишон медиҳанд, яъне, муобот мекунанд ва воҳима меандозанд: *Ӯ оқсаққоли мо буда тарафи моро гирифтанаш лозим бошад ҳам, ба амлокдор ҷосусӣ мекунад,* ***пашаро фил****, ҳаббаро қубба карда нишон дода, хонаамонро месӯзонад* [206, 819]; *Агар онҳо зарра барин муваффақият пайдо кунанд, аз паша фил месозанд* [206, 818].

Дар ибораи *паша газида* шахсоне тасвир мешаванд, ки беҳад нозукмизоҷ буда, аз чизи беҳуда ва ё аз андак нохушӣ меранҷанд: *Ӯ норозиёна ба кокулҳои дарози занаш нигоҳ карда, –боз кадом* ***пашаи боднок газид****? – гуфт* [205, 817].

Дар ибораи *бо паша манша кардан* шахсоне таҷассум мешаванд, ки кори бефоида ва бемаънӣ иҷро мекунанд [205, 818]: *Ҳама аз каллаи кӯрак ба кор мераванду мо бошем фақат бо пашшаҳо манша карда мешинем…*[206, 819].

Зооними *мор*. Дар забони тоҷикӣ бо зооними *мор* танҳо рамзҳои манфӣ ифода гардида, он дар таркиби воҳиди фразеологии «*морро аз хонааш баровардан*», ки маънии “бо сухани ширин морро аз хонааш баровардан” дорад, истифода мешавад. Дар ин ибора рамзи ***маккорӣ*** ифода гардида, шахсони бисёр маккору бадсигол дар симои он таҷассум меёбанд, ки ҳатто морро, ки як ҷонвари нешзананда ҳаст, метавонанд аз хонааш берун бароваранд: *Хуб одами усто ҳамон Абдулатиф-ако! Морро аз хонааш мебароранд* [205, 649].

Бояд қайд кард, ки ***мор*** дар тасаввури мифологии мардуми тоҷик ҳанӯз аз даврони қадим рамзи ***душманӣ*** маҳсуб меёфт. Мисоли онро метавонем дар достони “Коваи оҳангар”-и “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ мушоҳида намоем, ки дар он аз китфҳои Заҳҳок баромадани мор нишон ва ё рамзи душманӣ бар мардум мебошад. Аждаҳо дар тасаввури мардуми тоҷик мори ҳаҷман калон аст: “Аждаҳо, мори солхӯрдаи калони афсонавӣ, ки пар баровардааст ва аз даҳонаш оташ берун меояд” [203, 42]. Ҳамчунин, дар тасаввури динии мардуми тоҷик ***мор*** ҳамон ҷонварест, ба шайтон барои ворид шудан ба биҳишт роҳ нишон дод. Бинобар ин, дар тасаввури мардуми тоҷик мор ҳамеша рамзи ***бадию душманӣ*** таҷассум меёбад ва он дар ибораҳои фразеологӣ ҳамчун зооморфизми рамзи *манфӣ* ифода меёбад. Чунончи ибораҳои ***мори аҷал***, ***афъии вақт*** ба маъноҳои ***душмани зиндагӣ, душмани замон*** истифода мешаванд. Дар ибораи ***дар ҷайби худ мор парваридан*** маънои дар хонаи худ ва ё бо дасти худ барои худ душманро ба воя расонидан аст:

Бадаслро чӣ гуна касе тарбият кунад,

Дар ҷайби худ чӣ гуна касе мор парварад. [203, 126].

Зооними *мор* **“snake”** дар фарҳанги англисзабонон рамзи *бадандешӣ, хашмгинӣ, асабонӣ, девонагӣ* ва монанди инҳоро дорад ва дар ибораҳои

фразеологии забони англисӣ зооморфизми ***snake “мор”*** ба ҳамон маъноҳои рамзӣ ифода меёбад. Чунончи, дар ибораи фразеологии *a snake in the grass* [*таҳтул*. мор дар даруни алаф] зооморфизми ***snake “мор”*** ба маънои шахси бадандеш, бадсигол, фиребанда, боталбис истифода шудааст. Ин ибораи фразеологӣ ба маънои шахсоне, ки худро ҳамчун дӯсту ғамгусори кас вонамуд намуда, вале воқеан бадандешанд ва кори бадеро дар ҳаққи “дӯст” мекунанд, корбаст мешавад: *Beware of him – he's a real snake in the grass.* [210, 268]. « Аз ӯ эҳтиёт шавед - ӯ мори ҳақиқӣ дар рӯйи алаф аст».

Инчунин, зооморфизми ***snake “мор”*** ҳамчун рамзи ***хашмгинӣ*** дар ибораҳои фразеологии забони англисӣ истифода мешавад: *mad as a cut snake [таҳтул*. девона чун мори захмӣ (бурида)] – яъне асабонӣ ва хашмгин шудан: *Woman became* ***mad as a cut snake*** *when she saw her children bathing in the river* [210, 181]. «Вақте ки зан оббозии фарзандонашонро дар дарё дид, бисёр асабонӣ шуд».

Ҳамин тариқ, хангоми таҳқиқи рамзҳои зооморфӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологии ду забони омӯхташаванда самтҳои зерини мустаҳками маънои алоқаманд бо вожаҳои зоонимӣ ифода гардидаанд: *гург/wolf* рамзи ваҳшоний, қаҳру нафрат, таҷриба, пинҳонкорӣ, хунхорӣ; *рӯбоҳ / fox* рамзи дурӯғгӯй, дурӯягӣ, лаганбардорӣ; *шер / lion* рамзи далерӣ, ҷасурӣ, нотарсӣ; *мор/snake* рамзи бахилӣ, баддилӣ, лаганбардорӣ, дурӯягӣ, бераҳмӣ, золимӣ, бетараҳҳумӣ; *мӯр/ant* меҳнаткаш, афзунӣ, иттифоқ; *паша / fly* рамзи бақлӣ, беҳаёгӣ, бешармӣ; *саг /dog* рамзи додзанӣ, содиқ будан; *гурба /cat* рамзи тоқатфарсоӣ, тезбинӣ, хунукхӯрӣ, чолокӣ; *гов /cow* рамзи тамбалӣ, фарбеҳӣ; *маркаб / donkey* рамзи беақлӣ, тоқатфарсоӣ, қаноатмандӣ, меҳнаткашӣ.

Ҳамин тавр, муқобилгузории сифоти инсонӣ бо сифатҳои ҳайвон масъалаҳои инкишофи сохтори маънои рамзҳои фарҳангии зооморфии ду забони омӯхташавандаро дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ нишон дода, воридшавии ин гурӯҳи фразеологизмҳо ба забон алоқамандии таассуроти махсуси инсониро бо олами ҳайвонот инъикос менамоянд. Маҳз ҳамин

алоқамандии таассурот дар тасвири забонии тоҷикон ва англисҳо таҷассум меёбад.

2.4.2. Ифодаи зооморфизмҳо дар таркиби зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Дар баробари ифода ёфтани рамзҳои фарҳангии мардумони забонашон омӯхташаванда – забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар таркиби ибораҳои фразеологӣ, инчунин рамзҳои фарҳангӣ дар таркиби зарбулмасалу мақолҳои забонҳои таҳқиқшаванда хеле зиёд ба назар мерасад. Таҳлили зооморфизмҳо дар таркиби зарбулмасалу мақолҳои халқии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки қисмати асосии вожаҳои зооморфизмҳо бо образи ҳайвоноти хонагӣ алоқамандӣ доранд. Сабаби асосӣ дар он аст, ки ҳайвоноти хонагӣ нисбат ба ҳайвоноти ваҳшӣ бештар дар паҳлуи инсон зиндагӣ ба сар бурда, инсон дар корҳои хоҷагидорӣ аз онҳо зиёд истифода мекунад.

Забон дар ҳаёти инсонӣ воқеан нақши фаъолро мебозад, хусусан, тасвири равонии ҷаҳонро ифода мекунад, ба он ислоҳи муайян ворид мекунад ва ба фаҳмиш тобиши маъноиро зам мекунад. Тасвири ҷаҳон дар фаҳмиши забонии ҷаҳон дар баробари маҷмуи муайяни афкор, ки манзараи умумии ҷаҳонро инъикос мекунад, дар шуур низ пайдо мешавад. Тасвирҳои зеҳнию равонӣ дар забонҳо фарқ мекунад. Аз ин рӯ. раванди ифодаи забонӣ барои ҳама забонҳо яксон буда наметавонад. Тафовут дар тасвири зиабонии дунё, набудани номи баъзе ашё, анъана, падида ва ашёе, ки ба як миллат хос буда, дар миллатхои дигар шабех надорад, дар фаҳмиши забоншиносӣ душвориҳо ба амал меоварад.

Дар илми забоншиносӣ забон ва фарҳанг бо ҳам робитаи зич доранд ва ин далел касеро ба шубҳа намеоварад. Ҳар як забон бо фарҳанг робитаи зич дорад, ки ҷанбаи маънии онро ташкил медиҳад. Забон як лаҳза воқеияти мавҷударо инъикос мекунад, инчунин ҳолати гузаштаи худро сабт мекунад ва арзишҳои асосии онро байни одамон, байни наслҳо ва тавассути таърих интиқол медиҳад.

Зарбулмасалу мақолҳо, ки ҳамчун воҳиди фразеологизмҳо шинохта мешаванд, дар тӯли таърихи худ дар забон нақши бузургеро иҷро кардаанд. Онҳо тамоми таҷрибаи таърихии як халқи муайянро инъикос мекунанд, фаҳмиши одамони даврахои гуногунро дар бораи меҳнат, умуман дар бораи ҳаёти ҳарруза инъикос менамояд. Забони миллӣ бо мурури замон тағйир меёбад, аммо ҳамчун категорияи ичтимоию таърихӣ ҳеҷ гоҳ аҳамияти худро аз даст намедиҳад ва ин имкон медиҳад, ки яке аз хусусиятҳои асосии худ – моликияти ҳифз ва аз насл ба насл интиқоли мероси фарҳангию таърихиро нигоҳ дорад.

Хусусияти миллӣ дар инъикоси табиат, дарки зиндагӣ ва анъана, таъриху фарҳанги нотакрор, пеш аз ҳама дар таркиби воҳидҳои забонӣ, ки зарбулмасалу мақолҳоро дар бар мегирад, зоҳир мегардад.

Агар дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлили басомади таркиби зооморфизмҳоро гузаронем, наметавонем ба хусусиятҳои якхелаи корбурди онҳо эътибор надиҳем. Хусусиятҳои зооморфии ҳайвоноти хонагӣ дар зарбулмасалҳои забонҳои муқоисашавнда ба ҳам монанданд: ***саг (*** *A dog in the manger* «*таҳтул*. Саг дар охур”; *Barking dogs seldom bite* «Сагҳои аккосзананда кам мегазанд”); ***гурба*** (*A cat has nine lives* «Гурба нӯҳ ҷон дорад”; *To live cat – and dog life* “Мисли гурба ва саг зиндагӣ кунед”; *All cats are grey in the dark* «Ҳама гурбаҳо дар торикӣ хокистарӣ мешаванд”); ***асп*** (*Don’t swap horses when crossing a stream* «Ҳангоми гузаштан аз ҷӯй аспҳоро иваз накунед”; *It is a good horse that never stumbles* “Ин аспи хубест, ки ҳеҷ гоҳ пешпо намехӯрад”); ***гов/барзагов*** (*The bull must be taken by the horns* “Говро бояд аз шохаш гирифт”; *A curst cow has short horns* “Гови лаънатзада шохи кутоҳ дорад”); ***хукҳо*** (*To cast pearls before swine* “Ба пеши хукҳо марворид партофтан); ***гӯсфанд/барра*** (*As well be hanged for a sheep as for a lamb* «Фарқ надорад, ки барои чӣ овехта шавад, барои барра ё гӯсфанд”). Инчунин, номҳои ҳайвоноти ваҳшӣ ва ҷангалӣ низ такрор мешаванд: ***харгӯш*** (*If you run after two hares, you will catch none* «Агар аз паси ду харгӯш давед, ҳеҷ якеро

намегиред”); ***рӯбоҳ*** (*The fox is not taken twice in the same snare* «Рӯбоҳро дар як дом ду бор сайд карда наметавонед”); ***гург*** (*The wolf may change his coat but not his disposition* “Гург метавонад куртаашро иваз кунад, аммо табъи худро не”).

Бо вуҷуди ин, метавон қайд кард, ки дар забони тоҷикӣ ***гову гӯсола*** бештар дар байни ҳайвоноти хонагӣ истифода мешавад, инчунин ҳайвоноте, ки дар наздикии ҷойҳои истиқоматии тоҷикони қадим зиндагӣ мекарданд (масалан, ***гург***).

Захираи зарбулмасалу мақолҳои ҳар як халқ дар образҳои сершумори худ таърих, маданияти моддӣ ва маънавии ин ё он миллатро инъикос мекунанд. Зарбулмасалу мақолҳое, ки дар таркибашон зоонимҳо доранд, асосан дар бораи олами ҳайвонот, ки аз замонҳои қадим дар ҳаёти одамон мавҷуданд, нақл мекунанд.

Яке аз хусусиятҳои асосии фарққунандаи зарбулмасалу мақолҳо мазмуни эҳсосии ва тарзи ифодаи онҳо мебошад. Ҳангоми сухан дар бораи ҳар як падида одамон ҳамеша ба он баҳо медоданд. Ба шарофати тарзи ифодаи эҳосии худ зарбулмасалу мақолҳо аз ҷониби одамон ба осонӣ дарк ва фаҳмида мешаванд. Дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ миқдори зарбулмасалу мақолҳое, ки истинод ба олами ҳайвонот доранд, бартарӣ дорад. Бештари вақт номҳои ҳайвоноти хонагӣ истифода мешаванд, ки бо ин ё он роҳ аз ҷониби одамон дар ҳаёти ҳаррӯза истифода мешаванд.

Образҳои асосии ҳайвонотро дар зарбулмасалу мақоли ду забони омӯхташаванда, ки дар зооморфизмҳо инъикос меёбанд, метавон аз рӯи натиҷаҳои дастрасгардида чунин шарҳу эзоҳ дод:

Зооморфизми ***саг*** дар таркиби зарбулмасалу мақолҳои халқии забони тоҷикӣ назар ба забони англисӣ кам корбаст гардида, баъзеашон бо ҳамдигар умумияти маъноӣ дошта, баъзеашон фарқияти том доранд. Чунончи:

Саги хобидаро бедор накун.

Муодилҳои он дар забони англисӣ:

Let the sleeping dog lie [*маҳтул*. Саги хобидаро бедор накун]

Beware of a silent dog and still water [*таҳтул*. Аз саги хомӯш ва оби беҳаракат ҳазар кун];

Dumb dogs are dangerous [*таҳтул*. Сагҳои беақл хатарноканд].

Яке аз хосиятҳои *саг* ***аккас*** задан аст. Ин мафҳум дар таркиби зарбулсалҳои ду забони омӯхташаванда якхела истифода мешаванд:

Саг меҷакад (аккос мезанад), корвон мегузарад.

*The dog barks, but the caravan goes on "*Саг меҷакад корвон мегузарад";

The moon does not care if the dog barks at it "*таҳтул*. Моҳ парвое надорад, ки саг аккос мезанад";

One barking dog sets the whole street a barking "*таҳтул*. Як аккаси саг тамоми кӯчаро ноором мекунад";

Dog barks at the owner "*таҳтул*. Саг ба соҳибаш ҳам меҷакад".

Give a dog a bad name and hang it "Ба саг номи бад диҳед ва ба дор кашед".

Зоомофризми ***гурба*** дар зарбулмасалу мақолҳои ҳар ду забони омӯхташаванда низ зиёд корбаст шуда, баъзе умумият байни онҳо ба назар мерасад, аммо фарқият нисбатан зиёд аст. Дар фарҳанги ду миллат образи *гурба* мистикӣ буда, бештари вақт чобукиро ифода менамояд:

Гурба омаду думба рабуд [205, 241]

Send not the cat for lard "таҳтул. Гурбаро барои равғани чарбу нафиристед*";*

The cat shuts her eyes while it steals the cream; «Гурба ҳис мекунад, гӯшти чиро хӯрдааст».

Дар зарбулмасалу мақолҳои ду забон образи гурба бо муш ва ё саг ҳама вақт муқобил гузошта меашавад:

Гурбаро бозию мушро ҷонканӣ [205, 296]

When the cat's away, the mice will play; «Қарзи муш аз гурба гирифта мешавад».

Agree like cats and dogs. «Чун мушу сагу гурба зиндагӣ кардан».

Хусусияти дигари зооморфизми гурбаро дар масалҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавон чунин нишон дод:

A cat has nine lives «Гурба нуҳ зиндагӣ дорад».

Мақоли мазкури дар асоси як афсонаи англисӣ эҷод шудааст. Дар ин афсона нақл мешавад, ки гурбаи бадсиголе чанд маротиба ба фалокат ва марг дучор шудааст, аммо намурда шифо ёфтааст ва зиндагиашро боз идома додааст. Аз ин рӯ, дар фарҳанги мардуми англис, агар шахси бадрафтор аз ягон сахтию фалокат раҳо ёбад, дар нисбаташ чунин мақолро раҳо медонанд. Дар забони тоҷикӣ муодили он мақоли “Одами бад дер мемурад” мавҷуд аст, ки дар ин ҷо зооморфизм истифода намешавад.

Дар мақоли тоҷикии «Гурба беҳуда ба офтоб намебарояд» образи шахсоне, ки меҳнат мекунанд, то ба умеде, ки аз он дастранҷ гиранд, тасвир ёфтааст. Маънои «Гурба беҳуда ба офтоб намебарояд» ба иҷрои хизмати касе бояд чизе дод, ҳеҷ хизмат бе додани музде ё туҳфае намешавад [205, 241].

Дар мақоли *a cat may look at a king [маҳтул*. Гурба метавонад ба шоҳ нигоҳ кунад] асосан маънои «ғурур кардан, мағрур будан новобаста аз мансаб» ифода меёбад: *Interesting before he has different and now everything has changed for good reason, they say* ***a cat may look at a king*** [210, 21]. «Аҷоиб, пеш вақтҳо вай дигар буд ва имрӯз дигар шудааст. Беҳуда нагуфтаанд «гурба метавонад ба шоҳ нигоҳ кунад».

Аммо мақоли болозикр маънои дигар низ дорад. Яъне дар он сухан асосан аз қудрату шаҳомати одамон меравад, ки дар замонҳои пеш касе маҷоли ба онҳо нигоҳ кардан ё сухан гуфтан надошт. Бинбабар ин дар мақол ишора ба он мешавад, ки ҳатто ҳар шахси пастсифат метавонад ба шоҳ муроҷиат кунад. Дар мавриди маънои дақиқи ин зарбулмасал баҳсҳо вуҷуд дорад. Баъзе одамон баҳс мекунанд, ки ин маънои онро дорад, ки новобаста аз мақом, ба шахс ҳамеша иҷозат дода мешавад, ки ба дигараш муроҷиат кунад.

Дар забони тоҷикӣ мақоли дигаре мавҷуд аст, ки дар образи гурба шахсе тасвир мешавад, ки дар вақти тангдастӣ ва бисёр ноилоҷ будан ё ризқи худро

ёфтан маҷбур аст бо шер ҷанг кунад: «Гурбаи ноумедшуда ба шер ҷанг меандозад». Яъне, касе, ки умедашро аз ҷон канд, далер мегардад ва дар вақти тангдастӣ аз ҳама гуна имконият истифода мебарад. «*Гурбаи ноумедшуда ба шер ҷанг меандозад» гуфтаанд: вай медонад, ки имрӯз набошад, фардо ҳамаи молу мулкаш аз дасташ хоҳад рафт* [205, 241].

Зооморфизми *асп* низ дар баробари дигар ҳайвоноти хонагӣ дар таркиби зарбулмасалҳои тоҷикӣ ва англисӣ зиёд корбаст шудааст. Дар забони тоҷикӣ мақоли "*Аспи пешкашро ба дандонаш нигоҳ намекунанд*" вуҷуд дорад, ки намунаи онро мо дар шеъри зер мебинем:

... Чу уфтод ба дастат, магӯ, ки хунин аст,

Макун нигоҳ *ба дандони асби пешкашӣ* (Аҳмади Ахгар) [207, 125]

Дар забони англисӣ низ айнан ба ҳамин маъно мақоли зерин истифода мешавад, ки онҳо тарҷумаи якдигар нестанд: *Don't look a gift horse in the mouth* «Ба аспи туҳфакардашудагӣ ба даҳан (дандон) наменигаранд» [234]. Маънои мақолҳои мазкур: ба чизи ҳадяшуда ва муфт айбу эрод намегиранд.

Дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ *асп* мавқеи махсусро соҳиб аст. Маънoҳои дигари зооморфизми *аспро* дар зарбулмасалу мақолҳо чунин метавон нишон дод:

Аз асп фарояд аз узангу намефарояд. Дар ин зарбулмасал дар мисоли зооморфизми *асп* мансабу мартаба нишо дода шудааст, яъне, агар шахс аз мансабе ва ё мартабае фаромада бошад ҳам, боз аз калонигариаш намефарояд. Муодили ҳамин зарбулмасал дар забони англисӣ мақоли *Get off your high horse* [*таҳтул.* Аз аспи баланди худ фаромадан], ки маънои "рафтори худсарона, ҳавобаландиро бас кардан"-ро дорад,

Дар зарбулмасали *Ба аспи наґз як қамчин, ба аспи бад сад қамчин* зооморфизми *асп* ба одами *наґз, бофаҳм* ташбеҳ шудааст. Яъне аспе, ки хуб ром шудааст, барояш як қамчин кифоя мебошад, монанд аст ба шахсе, ки хуб тарбия ёфтааст ва барои ӯ як ишора ва ё як даҳан гап кофӣ мебошад. Вале барои одами тарбия надида ва ахлоқан бад сад бор таъкид кардан беҳуда аст.

Мақоли англисии *Never spur a willing horse* [*таҳтул.* Аспи давандаро ҳеҷ вақт намезананд] маънои зарбулмасали тоҷикии *Ба аспи нагз як қамчин*-ро дорад. Дар робита ба маънои ин мақол, касеро, ки алакай кори хуб дорад, маҷбур накунед, ки сахттар ё тезтар кор кунад.

Дар зарбулмасали англисии *While the grass grows, the horse starves* [*таҳтул.* То алаф месабзад, асп аз гуруснагӣ мемурад] зооморфизми асп ҳамчун рамзи *амалишавии орзуҳо* ифода ёфта, маънои "то орзуҳо амалӣ мешаванд, ки дигар муфид нестанд"-ро дорад. Дар забони тоҷикӣ ба ҳамин монанд мақоли *Бузак бузак намур, ки баҳор меояд* мавҷуд аст, ки дар он на зооморфизми *асп*, балки зооморфизми *буз* истифода шудааст. Зикр бояд кард, ки дар тасвири забонии мардуми тоҷик низ амалишавии орзуҳо дар иҷрои чизи мушкил таҷассум меёбад. Яъне, аз гуруснагӣ намурдани буз то оғози баҳор, то замони рӯйидани сабза амали ғайри имкон аст.

Зооморфизми *гӯсфанд* (барра) дар зарбулмасалу мақолҳои ду забон кам ба назар расида дар зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ дар образи *гӯсфанд* бештар шахсоне таҷассум мешаванд, ки бисёр ботамкину ором ва шикастанафсанд. Ҳавобаландиву манманӣ намекунанд, дар ҳама ҳолат якхел мемонанд ва тағйир намеёбанд. Чунончи: «*Фарбеҳиро танҳо гӯсфанд мебардорад*».

Бояд қайд кард, ки дар тасвири динии тоҷикон гӯсфандро Худованд барои қурбонӣ фиристодааст. Аз ин рӯ, дар тафаккури тоҷикон гӯсфанд ҳамеша дар образи мусбат ифода мегардад. Дар мақоли «*Пӯсти гӯсфанд пӯшида*» касе инъикос мегардад, ки худро одами бегуноҳ нишон медиҳад. Яъне, гӯсфанд ҳамин хусусияти бегуноҳиро дорад.

Дар забони англисӣ гӯсфанд инъикоскунандаи рамзҳои *танбалӣ, беқлию кундфаҳмӣ* мебошад:

A lazy sheep thinks its wool heavy [*таҳтул.* Барои гӯсфанди танбал пашми худаш вазнин аст] – яъне, барои одамони танбал ҳама чиз душвор аст.

If one sheep leaps over the ditch, all the rest will follow [*таҳтул,* Агар як гӯсфанд баа чоҳ ҷаҳад, ҳама боқимонда гӯсфандон аз паси он меҷаҳанд] – яъне, барои гӯсфанд, ки беақл аст, ҳамеша чӯпон бошад, ки онҳоро назора кунад.

Зооморфизми *хук* дар таркиби зарбулмасалу мақолҳои забони англисӣ кам ба назар расида, дар ҳар ду забони омӯхташуда зоомофризми номбурда маънои манфиро дорост. Он одатан нишондиҳандаи мафҳуми *ҳарисӣ, бетартибӣ, ҷоҳилӣ* ба шумор меравад. Чунончи, дар забони тоҷикӣ дар байте аз Носири Хусрав хук (гуроз) ҳамчун ҳайвони ҳарис тасвир шудааст, ки дар симои ӯ одам дар назар дошта шудааст:

Уламоро, ки ҳаме илм фурӯшанд, бубин,

Пару болаш чу уқобу ба **ҳарисӣ чу гуроз.**

(Носири Хисрав) [203, 296]

Дар забони англисӣ хук дар мақоли *Cast pearls before swine* [*таҳтул.* Марворидро дар пеши хуг партофтан] – яъне, сарф кардани вақти худ барои пешниҳоди чизи муфид ё арзишманд ба касе, ки қадр намекунад ё намефаҳмад, ифода меёбад. Ҳамчунин, дар забони англисӣ ба воситаи ин ҷузъи зооморфизмӣ зарурияти тафтиши ашё пеш аз хариди он низ инъикос мегардад: *Never buy a pig in a poke [таҳтул.* Ҳаргиз хукро дар халта нахаред] – яъне, ашёе, ки бидуни санҷиши пешакӣ харида шудааст ва аз ин рӯ аслият ё сифаташ номаълум аст.

Дар баробари ин образи хук дар масалҳои халқии англисӣ нишондиҳандаи ғайри имкон будани иҷрои амале мебошад:

When pigs fly [таҳтул. Вақте, ки хукҳо парвоз мекунанд] ё *Pigs might fly if they had wings* [*таҳтул.* Хукҳо шояд парвоз мекарданд, агар болашон мебуд] – яъне, ғайримкон будани иҷрои амал мебошанд. Дар чунин ҳолатҳо дар забони тоҷикӣ муодили он мақоли *То думи уштур ба хок расад,* ки маънои “ то дароз шуда ба рӯйи замин расидани думи кутоҳи уштур”-ро дошта, иҷрои амали ғайри имконро дорад.

Таҳлили муқоисавии зарбулмасалҳои ду забони омӯхташаванда нишон дод, ки истифодаи образи мурғ дар онҳо кам ба назар расида, дар забони англисӣ ба воситаи ин зооморфизм муносибати фарзандон бо волидайн нишон дода шудааст: *Even one chick makes a hen busy* [*таҳтул.* Ҳатто як чӯҷа мурғро маҷбур мекунад, машғули кор бошад] – яъне, барои нигоҳубини як кӯдак зарур аст, ки ба дигар кор набояд машғул шуд:

A black hen lays a white egg [*таҳтул.* Мурғи сиёҳ тухми сафед мегузорад] – яъне, ҳама чиз имконпазир аст, новобаста аз он ки он чи қадар аҷиб метобад.

Дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ образи *мурғ* бештар мусбат ифода ёфта, шахсони хушиқболу баландтолеъ, бодавлату соҳибэҳтиромро дар ин образ тасвир мекунанд. Чунончи:

-*Мурғи давлат ба сараш нишастааст;*

-*Мурғи давлат аз сари касе парида рафтан;*

-*Мурғи дили касеро куштан*.

Дар баробари ҷузъи зоонимии *мурғ* дарзарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷузъи *хурӯс* низ зиёд корбаст шуда, дар мақолҳои тоҷикӣ образи хурӯс асосан рамзи шахсони *саҳархез* ва *ростқавл* мебошад. Чунончи: *Хурӯс дар ҳамаҷо баробар ҷеғ мезанад*, яъне одами ростқал дар ҳамагуна вазъият дуруғ гуфта наметавонад.

Дар образи хурӯс мардию мардигарӣ низ таҷассум меёбад: *Як рӯз бошу хурӯс бош!*

Дар зарбулмасали *Кабки касе бонги хурӯс баровардан* ибораи *бонги хурӯс* омади корро низ ифода мекунад, ки маънои “кори касе омад кардан”-ро дорад.

Дар забони англисӣ образи зооморфизми *хурӯс* нишондиҳандаи рамзи *маншаталабӣ* ва *ҷангу ҷидол* мебошад:

That cock will not fight “*таҳтул.* Ин хурӯс ҷанг намекунад” – яъне, фикр ё нақшае, ки муваффақ нахоҳад шуд. Таърихан халқи англис хурӯсро бештар дар ҷангҳои хурӯсон истифода намуда, ин хосият бештар дар таркиби

масалҳои халқӣ низ нишон дода мешавад. Инчунин, дар бисёр зарбулмасалҳо диққати махсус ба дигар хосияти хурӯс – додзании ӯ дода шудааст:

As the old cock crows, so does the young “*таҳтул.* Чӣ тавре ки хурӯси пир дод занад, ҷавонаш ҳам ҳамон тавр дод мезанад” – яъне, фарзандон майл доранд, ки ба падару модарашон пайравӣ кунанд. Дар забони тоҷикӣ муодили ин мақоли *Бача чӣ гуна? – Оча намуна* истифода мешавад, аммо дар ин мақол зооморфизм истифода нашуда танҳо аз нигоҳи манъо ба ҳам наздиканд.

Тақдирпарастӣ ва *ҷасурӣ* низ ба воситаи зооморфизми *хурӯс* дар мақолҳои англисӣ нишон дода мешаванд. Чунончи:

Let the cock crow or not, the day will come “*таҳтул.* Хурӯс дод занад назанад ҳам, субҳ медамад”– яъне коре, ки бояд шавад, ҳатман мешавад.

A cock is bold on his own dunghill “таҳтул. Хурӯс дар болои поруи худ далер аст” – яъне, ҳама метавонанд дар муҳити амн ва ошно шуҷоати худро нишон диҳанд. Дар забони тоҷикӣ муодили он чунин аст: *Саг дар назди хонаи худ зӯр аст*. Яъне вақте, ки аз назди хонаи соҳибаш дур равад, аккас намекунад.

Ҷузъи зооморфизмии *гов* ва *гӯсола* дар зарбулмасалҳои тоҷикӣ ва англисӣ зиёд ба назар нарасида, аз рӯи мафҳумашон қариб ки ба ҳамдигар мувофиқат намекунанд. Дар мақолҳои тоҷикӣ дар образи мусбати гов рамзи шахсони *меҳнаткаш* ва дар образи манфии гов рамзи *камақлӣ, пурхӯрӣ, ифлосӣ, такаббурӣ* ва монанди инҳо ифода меёбанд. Чунончи:

Гови ало магар яктост? (яъне одамони беақл бисёр);

Гов барин хурдан (одами пурхӯр);

Гови Худою хари Мутафо(беақлӣ);

Гови бешир овози баланд дорад (такаббурӣ кардан);

Гови пир кунҷора хоб мебинад (хаёли хом кардан) [205, 229];

Гӯсола аз болои (сари) мех мепарад (калонгарӣ, ҳавобаландӣ кардан*);*

Гӯсола бо гӯсола – ошноёни садсола (хешпарастӣ) [205, 255].

Дар зарбулмасалҳои англисӣ ин ҳайвони хонагӣ бо мафҳуми *бераҳмӣ, зарурият ва нармӣ* алоқамандии маъноӣ пайдо намудааст:

The old cow thinks she was never a calf "*таҳтул.* Гови пир фикр мекунад, ки ӯ ҳеҷ вақт гӯсола набудааст" (бераҳмӣ);

If you agree to carry a calf, they will make you to carry the cow [*таҳтул.* Агар ту гӯсоларо кашондан розӣ шавӣ, онҳо туро ба говкашӣ маҷбур мекунанд] – яъне, агар ба иҷрои коре розӣ шавед, онҳо эҳтимол аз шумо чизи бештар талаб мекунанд.

Дар зарбулмасалҳои забони англисӣ зооморфизми *гов* ҳама вақт бо зооморфизми *гӯсола* муқобил гузошта мешавад:

A good cow may have an evil calf [*таҳтул.* Гови хуб ҳам гӯсолаи бад дорад] – яъне, аз падару модари хуб фарзанди бад ҳам таваллуд мешавад.

Зооморфизми *қоз* (goose) низ дар таркиби зарбулмасалҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ кам истифода шуда, моҳияти онҳо баъзан мувофиқат намекунанд. Образи қоз (ғоз) дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ хеле кам ифода ёфта, бештар маънои "нигоҳдории сир"-ро ифода мекунад. Дар мақоли «*Пойи қоз чандто*» (гунаи дигари он «*Пойи мурғ чандто*») огоҳӣ аз нигоҳ доштани сир (*титу ғози касе (чизе)-ро баровардан*, яъне сири касеро ошкор кардан) ифода меёбад.

Дар забони англисӣ замонҳои қадим *қоз* рамзи садоқати оилавӣ дониста шуда, рафта-рафта он ифодакунандаи мафҳуми *танбалӣ, бефаҳмӣ* ва *ваҳшиёнат* шудаст:

Geese with geese women with women [*таҳтул.* Қозҳо бо қозҳо, занҳо бо занҳо]*;*

Feather by feather a goose is plucked [*таҳтул.* Пар бо пар печидани қоз] (муодили тоҷикии он: *Кабутар бо кабутар боз бо боз);*

A wild goose never laid a tame egg [*таҳтул.* Қози ваҳшӣ ҳеҷ вақт чӯҷаи дастӣ намекунад] – яъне чизе худ ба худ аз он чизе, ки қаблан буд, фарқ нахоҳад кард;

Every man thinks his own geese swans [*таҳтул.* Ҳар як мард фикр мекунад, ки қози ӯ хуб аст] – яъне, рӯйбинӣ кардан.

Яке аз образҳои маъмули зарбулмасалҳои тоҷикӣ ва англисӣ *хар* буда, мавқеи корбурдашон дар ду забони омӯхташуда зиёд аст. Дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ дар мисоли *хар* хислатҳои *беақлӣ, аблаҳӣ, зоҳирпарастӣ, ҷазодиҳӣ* ва *меҳнаткаш* дида мешавад:

Хари лӯлиро об деҳу пулашро гир – қатъи назар аз кӣ, чӣ будани касе кори ӯро иҷро куну муздатро гир, ҳар чӣ коре бошад, аз он агар фоидае рӯяд, фақат манфиати худро донӣ бас аст [205, 253]*;*

Ба хар муносиб ҳангос, ба хурӯс муносиб овоз – ҳар кас мувофиқи ҳиммат ва қобилияташ кор мекунад, рафтор мекунад [206, 254]*;*

Хар ҳамон хар полонаш (туқумаш) дигар – зоҳиран дигар шуда бошад ҳам, ботинан, мазмунан боз худи ҳамон пештара аст [206, 255]*;*

Гӯшти хар, дандони саг – ба каси бад ҷазои бад, ба амали бад рафтори бад [205, 649].

Дар зарбулмасалу мақолҳои забони англисӣ бошад, зооморфизми *хар* бештар мафҳумҳои *аблаҳӣ, якравӣ, худнамоиро* ифода менамояд:

All asses wag their ears «Ҳамаи харҳо аз рӯи гӯшашон шинохта мешаванд».

Ҳамин тавр , аз зарбулмасалу мақолҳои болозикр маъум мегардад, ки зооморфизми *хар* дар ҳар ду забон асосан рамзи манфиро доро мебошад. Аммо азбаски *хар* ҳамчун воситаи боркашонӣ хизмат мекунад, дар миқдори ками зарбулмасалҳо зооморфизми *хар* ба маънои мусбат ҳамчун рамзи *меҳнаткаш* низ истифода мегардад. Дар фарҳанги англис дар нисбати парастиши зооморфизми *хар* асп муқобил истода, зооморфизми *асп* серистеъмолтар аст.

Омӯзиши муқоисавии зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ бо ҷузъҳои зооморфӣ нишон дод, ки ин гурӯҳи воҳидҳои забонӣ умумият ва фарқияти зиёде дошта, тавассути онҳо хусусиятҳои гуногуни миллию фарҳангӣ ифода гардидаанд. Бояд тазаккур дод, ки падидаи асосӣ дар омӯзиши ин гурӯҳи асосӣ муодилнокии зарбулмасалҳои як забон дар забони дигар ба

шумор рафта, баъзан зарбулмасалҳо дар ду забон як маъноро ифода намуда, ҷузъҳои таркибии зооморфии онҳо гуногунанд. Дар ҷадвали зер танҳо миқдори истифодаи зооморфизмҳоро дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои муқоисашаванда манзур мекунем. Боиси қайд аст, ки асоси ҳисоби омории миқдори зооморфизмҳо дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ асари муҳаққиқи тоҷик М.Фозилов “Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ” [207] ва англисӣ Ҷеннифер Спикер (Jennifer Speake) “The Oxford Dictionary of Proverbs” [212] мебошанд:

Тасвири 1. Миқдори ҷузъии истифодаи зооморфизмҳо дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ


40
35
30
25
20
15
10
5
0
38
7
15
8
13
1
10
8
8
1
16
2
26
18
7
1
7
5
3
1
13
4
6
2
1
0
10
3
3
2
11
6
22
2
3
0
3
2
1
9
3
10
2
15
5
22
3
1
саг
гурба
гов, гӯсола
асп
харгӯш, заргӯш
уштур
мурғ ва дигар паранда̣ҳо
хуг
шер
фил
хар
ғоз
шапарак
буз
моҳӣ
паша
мор
гӯсфанд
паланг
рӯбоҳ
маймун
хирс
гург
қурбоққа, ғук
муш
забони тоҷикӣ
забони англисӣ

Тасвири 2. Миқдори умумии истифодаи зооморфизмҳо дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ



Хулосаи боби II

Ҳамин тариқ, таҳлили лингвофарҳангии воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо воҳидҳои зоонимӣ нишон дод, ки ин вожаҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои халқӣ дарки олами воқеиро аз тарафи соҳибзабонон инъикос мекунад. Дар баробари ин метавон гуфт, ки истифодабарии зооморфизмҳо дар воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо барои ифодаи рамзҳои фарҳангии мардумони забонашон муқоисашаванда ва образнокии фикр хизмат менамоянд. Бояд қайд намуд, ки дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои ҳар ду забон номи ҳайвоноти хонагӣ зиёд истифода шудаанд, ки аз нишондоди дар тӯли ҳазорсолаҳо дар наздикии онҳо зиндагӣ кардани инсонро шаҳодат медиҳад. Дар байни ҳайвоноти хонагӣ, ки дар воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо зиёд ёдрас шудаанд, номи *саг, гурба, гов, гӯсфанд, асп, хар, мурғ, хурӯс* зиёд корбаст шудаанд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки на ҳамаи зоомофризмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои ду забон хосияти эҳсосотии якхеларо ифода менамоянд. Баъзеашон умумияти маъноии мусбат ё манфиро доро мебошанд, бархе метавонанд дар ҳар ду забон, дар муҳтавои матнҳои гуногун маъноҳои омехтаро ифода намоянд. Аз ин ҷо бар меояд, ки воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо бо зооморфизмҳо китоби афкори миллию фарҳангии ду забони омӯхташаванда дониста шуда, тавассути онҳо хусусияти миллии ҳар ду халқият ифода гардидааст, ки аз рӯи ин нишондод метавон чунин хулосаҳои мушаххас баровард:

1. Воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои мардуми англис нисбатан воқеӣ буда, халқи тоҷик тавассути онҳо образнокӣ ва таъсирбахшии фикрро ифода намудаанд.
2. Истифодабарии зоомофизмҳои дар воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо аз як давра ба давраи дигар гузашта, аз тарафи намояндагони гуногуни иҷтимоӣ барои тақвият бахшидани фикри хеш истифода бурда мешаванд.

3. Бархе аз воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъҳои зоонимӣ дар забонҳои муқоисашаванда муодили шаклӣ ва маънои худро доранд.
4. Дар қиёс бо афзалияти истифодабарии зооморфизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ дар баробари номи ҳайвонот зоонимҳои парандагон низ зиёд истифода мешаванд.
5. Мундариҷаи маънои зооморфизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ меъёри ягонагии олами ҳайвонотро дар чаҳорчӯбаи мушаххаси фарҳангӣ инъикос мекунад.

БОБИ III
ХУСУСИЯТҲОИ ГРАММАТИКИИ ЗООМОРФИЗМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

3.1. Баррасии мазуъ

Корбурди зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки бештари ин гурӯҳи лексикӣ барои ифодаи образноки фикр дар шакли таркибҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои фразеологӣ ва дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо мавқеи истифодабарӣ доранд. Ҳар як зооморфизм дар ин таркибҳо барои дарки ибораву ҷумлаи алоҳида хизмат мекунанд. Бинобар ин, дар таснифи зооморфизмҳо дар таркиби ибораву ҷумлаҳои фразеологӣ сохтори грамматикӣ муҳим дониста шуда, тавассути муайян сохтани он хусусияти ҳар як ҷузъи зооморфӣ дар алоқамандӣ бо дигар ҷузъҳои таркибии онҳо нишон дода мешавад. Маводи гирдовардашудаи зооморфии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои таснифи гуруҳҳои муайяни онҳо имконият фароҳам меоварад, ки дар баробари гурӯҳҳо, зергурӯҳҳо ва амсилаҳои грамматикии таркибҳои зооморфии дигар низ муайян гарданд.

Омӯзиши муқоисавии сохтори грамматикии зооморфизмҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ намудҳои зерини воҳидҳои фразеологии зооморфиро муайян сохт: *ибораҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ* (ибораҳои фразеологии исмӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ, ибораҳои фразеологии сифатӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ, ибораҳои фразеологии феълӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ), *таркибҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ* (таркибҳои фразеологии ҷуфт (копулятивӣ) бо ҷузъҳои зоонимӣ, таркибҳои фразеологии пешояндӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ, таркибҳои фразеологии пешояндии феълӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ), *ҷумлаҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ* (ҷумлаҳои фразеологии сода бо ҷузъҳои зоонимӣ, ҷумлаҳои фразеологии мураккаб бо ҷузъҳои зоонимӣ)

3.2. Ибораҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ

Агар ба гурӯҳҳои сохтории фразеологизмҳо назар афканем, ибораҳои фразеологӣ дар байни онҳо мақоми махсусеро касб намудаанд. Бояд зикр кард, ки гурӯҳҳои сохтории фразеологизмҳоро таркибҳои фразеологӣ, ибораҳои фразеологӣ ва ҷумлаҳои фразеологӣ ташкил медиҳанд. Ибораҳои фразеологӣ аз нигоҳи аломатҳои зоҳирии худ ба ибораҳои озоди синтаксисӣ монандии зиёде доранд. Аммо ин монандӣ дар шаклгири маънои яклухти онҳо нақше надорад. Аломати муҳимми фразеологии ибораҳои фразеологиро маънои яклухташон баён мекунад. Таркиби лексикӣ ва сохти грамматикии ибораҳои фразеологӣ устувор ва тағйирнаёбанда мебошад.

Муносибати тобеи байни ҷузъҳо барои ибораи фразеологӣ дар аксари мавридҳо ягон мақоме намебозанд. Ҷиҳати муҳими ибораҳои фразеологӣ дар устувории таркиби луғавӣ ва ифодаи яклухти онҳо зоҳир мешавад. Ибораҳои фразеологӣ дар қолаби воҳидҳои рехтаи забон як мафҳуми бутунро ифода мекунанд. Навъҳои ибораҳои фразеологӣ аз ҷиҳати сохт хеле зиёданд. Хели аз ҳама серистеъмолро ибораҳои изофии фразеологӣ ташкил медиҳанд: «гурги борондида», «мурғи посӯхта». Гурӯҳи дигари ибораҳои фразеологӣ аз рӯи қолабҳои пешояндиву пасояндӣ ба вуҷуд омадаанд: «мӯру малах барин». Дар гурӯҳи дигар фақат тартиби муайяни ҷузъҳоро метавон мушоҳида кард. Гурӯҳи муайяни ибораҳои фразеологӣ дар заминаи ибораҳои синтаксисии бо воситаҳои гуногуни грамматикӣ сохташуда ташкил ёфтаанд [194, с. 101].

Бояд қайд кард, ки дар таркиби ибораҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷузъҳо ё вожаҳои зоонимӣ хеле зиёд истифода мешаванд, ки дар зер мо онҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

3.2.1. Ибораҳои фразеологии исмӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ

Барои ибораҳои фразеологии исмӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ ҷавҳари асосӣ исмҳо – номвожаҳои зоонимӣ хизмат намуда, дар забони тоҷикӣ он ба воситаи бандаки изофӣ ва бе бандки мазкур шакл мегирад: *гурги хона* – каси бегонае, ки аз сирри хонадон бохабар аст; *гурги борондида* – шахси ботаҷриба; *гург дар ҷомаи меш* – душманӣ кардан. Дар забони англисӣ он ба воситаи алоқаи

ҳамроҳӣ, пешоянди *«of»* ва апострофи **`s** сурат меёбад: *king of birds* – шоҳи парандагон (уқоб); *birds of feather* – якранг, якнамуд; *dogs of war* – барои ҷанг таёршуда; *hair of the dog* – миқдори хело кам *a bird of passage* – шахси серҳаракат; *for donkeys years* – мудати хеле дароз; *bird's eye view* – манзарае аз боло.

Боиси қайд аст, ки исм дар ибораҳои изофӣ ба вазифаи калимаи асосӣ омада, ҳамеша дар ҷойи аввал меистад ва изофа қабул мекунад. Дар "Фарҳанги забоншиносӣ" зикр мешавад, ки: "Ибора воҳиди номинатвии забон буда, аз калимаю таркибҳои маънодор бо алоқаҳои тобеии изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ сохта мешавад ва нисбат ба калима маънои мукаммалтарро ифода мекунад" [194, с. 101]. Дар ибораи рехтаи *гурги борондида* вожаи *гург* – исм ва вожаи *борондида* – сифати феълӣ буда, дар он сифати феълӣ муайянкунанда ва исм муайяншаванда омадааст. Сифати феълӣ ба исм асосан бо алоқаи изофӣ тобеъ мешавад ва вазифаи ҷузъи асосии ин гуна ибораҳо ҳамаи гурӯҳҳои луғавии исмҳо омада метавонанд, вале сифатҳои феълии замони оянда нисбат ба замонҳои гузашта ва ҳозира ба исм камтар алоқа мебанданд. Азбаски сифати феълӣ дорои ҳам хусусияти сифативу ҳам хусусияти феълист, дар ҷумла аз як тараф ба исм тобеъ шуда ояд, аз тарафи дигар калимаҳои дигарро монанди феъл тобеъ менамоянд. Аз ин сабаб Д. Т. Тоҷиев ба ибораҳои исмӣ, ки ҷузъи тобеи он сифатӣ мебошад, муфассал маълумот дода, махсусан бо сифати тобеъшуда омадани объектҳои бавоситаю бевосита, инчунин хелҳои гуногуни ҳолшарҳкунандаҳоро хеле хуб нишон додааст [158, с. 65].

Маврид ба зикр аст, ки ибораҳои исмӣ бо алоқаи изофӣ хеле маъмул ва серистеъмол мебошанд. Забоншинос Абдураҳимов С. қайд кардааст, ки «Алоқаи изофӣ роҳи муҳими ташаккулёбии ибораҳои исмӣ ба ҳисоб меравад» [4, с.34]. Исм, ҳамчун ҷузъи асосии ибора, ба воситаи бандаки изофӣ калима ва ибораҳои гуногуни нуткро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои исмии изофиро ташкил медиҳанд. Ибораҳои исмӣ дар забони тоҷикӣ серистеъмол ва сермаъноянд. Чунин шакли ибораҳои изофӣ бо таркибҳои зоонимӣ низ дар

забони тоҷикӣ зиёданд. Чунончи, дар ибораҳои фразеологии *гурги хона, зоғи ало, гови Худо, хари Мустафо* ва ғайра.

Дар ибораҳои изофии исмӣ компоненти асосӣ қариб ҳамеша дар ҷойи аввал истода изофаро ба худ қабул мекунад. Таркиби морфологии ҷузъи тобеи ибораҳои изофии исмӣ гуногун аст.

Дар забони англисӣ воситаи грамматикии алоқаи изофӣ пешоянди ***of*** ва апострофи ***`s*** ба шумор рафта, бо ёрии ин алоқа дар забони англисӣ муайянкунанда ва баёнияҳо ба муайяншаванда тобеъ мегарданд. Пешоянди изофӣ ***of*** дар байни калимаҳои тобеъкунанда ва тобешаванда ва апострофи ***`s*** бо калимаи асосӣ -муайяншаванда якҷоя меояд ва баъди он калимаи тобеъ муайянкунанда ҷой мегирад: *birds of feather, bird's eye view, the lion's den, the lion's mouth, the lion's share* ва ғайра

Ҳамчунин, дар забони англисӣ ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ ибораҳои исмӣ сохта мешавад: *a dicky bird, a early bird, a white elephant, a dark horse, a black sheep* – шахси фарққунанда аз дигарон; *a cold fish* – номеҳрубон, *brass monkey* – сармозада ва ғайра.

3.2.2. Ибораҳои фразеологии сифатӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ

Ҷавҳари асосии ибораҳои фразеологии сифатӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифодаи шаклҳои гуногуни сифатҳо бо зоонимҳо дониста шудаанд. Дар забони тоҷикӣ: *булбули гӯё* – суханварӣ кардан, бисёр гап задан, сергап шудан, суруд хондан; *зоғи ало* – хабаркаш; *монанди аспи қашқа* – фарқ кардан; *шери нар* – эпитети писарбача, одами ҷасур; *кабки хиромон* – маъшуқа; *харгӯши тарсончак* – одами тарсӯ; *кабӯтари дубома* – одами булҳавас*; мусичаи бегуноҳ* – одами бегуноҳ*; чун мурғи посӯхта* – одами руҳафтода.

Боиси зикр аст, ки "ибораҳои сифатӣ вобаста ба маънои ҷузъҳои асосию тобеъ маънoҳои басо гуногун, аз қабили объектӣ, замону макон, масоҳат, хилофу қиёс, дараҷаро ифода мекунанд" [194, с. 103].

Дар забони англисӣ, воҳидҳои муқоисавии фразеологӣ як гурӯҳи калони воҳидҳои фразеологии таркибиро ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳ воҳидҳои фразеологиеро дар бар мегиранд, ки ҷузъи асосии он копоненти муқоисавии ***as*** ва ***like*** буда, сифат ҳамчун ҷузъи асосӣ ва исм ҳамчун ҷузъи тобеи ин воҳидҳо амал мекунад. Дар забони англисӣ: *mad as a cut snake* – девона, мадҳуш; *crazy like a fox* – худро ба девонагӣ задан; *mad as March hare* – хеле девона ва беақл; *sick as a parrot* – рӯҳафтода, ноумедшуда.

В. Н. Телия доир ба ибраҳои устувори сифатӣ бар он ақида аст, ки: “ибораҳои устувори сифатӣ ба навъи воҳиди фразеологии дуҷузъаи махсусиятҳои идиоматикидошта мансуб буда, ки ҷузъҳои онҳо бо пайвандҳои муқоисавӣ муттаҳид шудаанд. Муқоисаи устувор дар маҷмӯъ - далели системаи забонист, ки нишондиҳандаи асосии ифоданокии нутқ ба шумор меравад” [161, с.7].

Ҳамчунин, А. В. Кунин қайд мекунад: “Тафсири ифоданокии ибора аз он бармеояд, ки дар гуфтор муқоиса ба ҳамон ашё, зуҳурот ё ашхос мансуб аст, ки дар ҷузъи дуввуми он ифода ёфтааст. Масалан: *he is as brave as a lion* - вай мисли шер ҷасур аст. Образнокӣ дар муқоисаи одам бо шер таҷассум ёфтааст, аммо агар мо шерро бо шер муқоиса кунем, пас ифодакунии муқоисавӣ халалдор шуда ба як муқоисаи ғайри ифоданок табдил меёбад» [92, с. 268].

Ҳамин тавр метавон, зикр кард, ки ибораҳои фразеологии сифатӣ ҳам дар забони англисӣ ва тоҷикӣ ба таври фаъол истифода шуда, онҳо қолабҳои устуворе мебошанд, ки дар тӯли таърих вобаста ба дастгоҳи иборасозии забонҳои мазкур ба вуҷуд омадаанд.

3.2.3. Ибораҳои фразеологии феълӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ

Дар ду забони омӯхташуда намуди маъмултарини ибораҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ шакли феълӣ ба шумор рафта, онҳо бо ёрии шаклҳои гуногуни феълӣ сохта шудаанд. Ҷавҳари асосии ин намуди ибораҳои фразеологӣ феъл дониста шуда, шакли масдари феълӣ категорияи асосии

феъли ин таркибҳо муаяйн гардидааст, ки дар забони тоҷикӣ он бо пасванди масдарсози *-ан* сохта шудааст ва дар забони англисӣ он бо вожаи *to* ё ба воситаи худи шакли феълӣ сохта шудааст. Мисоли равшани ибораҳои фразеологии зооморфии феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ибораҳои зерин шуда метавонанд.

а) ибораҳои фразеологии зооморфизмҳои феълӣ дар забони тоҷикӣ

Дар забони тоҷикӣ феълҳои асосии таркибҳои фразеологии зооморфӣ *кардан, дидан, рӯидан, давидан, даравидан* ва амсоли инҳо мебошанд:

- *аз аккахона булбул рӯидан* – аз оилаи назарногир, камбағал, ночиз пайдо шудани каси ба назар намоён, фавқуллода, аз камбағалҳо баромадани одамони шоёни диққат, аз ноаҳл рӯидани фарзанди аҳл [203, 15].

- *ба гӯши хар танбӯр навохтан* – чизеро ба каси нофаҳм зӯр зада исбот намудан; кори беҳуда кардан: –Тоза ҳам нодон будаӣ! Ман то ҳол ба гӯши ҳар танбӯр навохта истодаам-мӣ? [205, 263].

- *аз байн гурбаи ало гузаштан* – миёни ду кас хунукӣ афтодан: Чӣ шуд? Магар аз байнатон гурбаи ало гузашт? [205, 58].

- *аз болои уштур алаф даравидан* – фармонфармоӣ, калонигарӣ кардан: Ҳой олуфтаи чамбаршоҳ! Тамоми сол аз болои уштур алаф даравида, доимо кори имрӯзаро ба фардо мегузоштӣ [205, 130].

- *аз болои уштур ба чизе нигоҳ кардан* – ба чизе бедиққатона, дилсардона нигоҳ кардан. 2. моҳият ва мазмуни чизе ё ҳодисаеро дуруст нафаҳмида хулоса баровардан: Бисёр рассомон ба ҳаёт аз болои уштур нигоҳ мекунанд, пасту баландиҳои онро намеомӯзанд… [205, 130].

- *азоби сагро кашидан* – озору азияти сахт доштан, хорию зорӣ кашидан: Марди безан тезтар зан гираду зани бе шӯ тезтар шӯ кунад, ки набошад, азоби сагро мекашад [205, 10].

- *аз паша фил сохтан* – чизеро аз будаш зиёд карда нишон додан: – Баъзан ба манфиати кор аз паша фил сохтан ҳам лозим шуда мемонад [206, 819].

- *аспи бахти касе ба ду по лангидан* - ҳеҷ барор накардани кори касе: Барои ба шуъбаи ғоибонаи институт…дохил шудан якчанд бор миёнашро аз ҳафт ҷо баста қувваозмоӣ карда будааст. Лекин чунон ки мегӯянд, *аспи бахташ ба ҳар ду по лангидааст*. [205, 37].

- *ба аспи чубин савор шудан* – мурдан, вафот кардан: Пагоҳ-фардо *ба аспи чӯбин савор мешавию* ҷонат халос [205, 39].

- *ба аспи ҷаҳл савор шудан* – дар хашму ғазаб будан, оташин шудан, якраҳагӣ, исрор кардан: Мехостам ба пиразан фаҳмонам, ки гапи вай ноҳақ аст, вале ӯ *ба аспи ҷаҳл маҳкам савор шуда*, тири ғазабашро бар зидди Меҳрӣ равона намуда буд. [205, 39].

- *ба коми наҳанг рафтан* – 1. несту нобуд шудан, барбод рафтан, ғорат гардидан.2. ғоиб, нопадид гаштан: 62 ҳазор сӯми роҷеъулнақд *ба коми наҳанг рафтааст* [205, 533].

- *ба косаи оши касе магас пошидан* – ба оши касе магас шудан: Ба ҳамин тариқа ӯ ба боғи худ омада «кори мири Қурайшро лат дода «дар ин зимн» *ба косаи оши* Ғиёссуддин Муҳаммад *магас пошидааст*» [205, 571].

- *ба куртаи касе кайк даромадан* – бетоқат, беқарор шудан, масъулияти ягон кори кардаи худро ҳис карда ба ташвиш афтодан: – Чӣ, магар имрӯз *ба куртаи немис кайк даромадааст*? Ҳар рӯз ин хел набуд-ку? [205, 575].

- *ба пӯстини касе кайк даромадан*–бесаранҷом, беқарор шудан, саросема шудан: –Бисёр хуб, – гуфтем мо ва аз дил гузарондем, ки *ба пӯстини ӯ аллакккай кайк даромадааст* [206, 875].

- *ба мушхона ҷой кардан* – адаби касеро додан: –Ҳамон бачаи аҳмақи саҳроиро дӯст доштааст?!–гуфт бо ғазаб Қудрат, –ман ин хел ошиқро *ба мушхона ҷой мекунам*. [205, 666].

- *ба оши касе магас афтодан* – 1) табъи касе хира шудан; 2) ба кори касе халал расидан. 1. Ин душмани қаттол тинҷро нотиҷ, шодро ношод кард, ки *ба оши ҳалоламон магас афтод* [206, 791]. 2. Кадом вақта барин *ба ошамон паша меафтад*.

- *ба оши касе паша шудан*: ба касе дар коре халал расонидан, касеро нотинҷ кардан: Падару модари духтар маро хонадомод мекарданд. Писари шумо *ба оши мо паша нашавад*! [206, 792].

- *бо думи шер бозӣ кардан* – 1) кори хавфнок кардан; 2) ҷони худро ба таҳлука андохтан, 3) муқобилият бо қувваи нобаробар: Баъд аз ин воқеа босмачиён диданд, ки *«бо думи шер бозӣ кардан»* (ба аскарони сурх муқобил шудан...) кори осон нест [205, 430].

- *бо паша манша кардан* – бекор будан, кори бефоида, бемаънӣ кардан: –Ҳама аз каллаи кӯрак ба кор мераваду мо бошем фақат *бо пашаҳо манша карда* мешинем. [205, 817].

- *буз барин бозӣ доштан (дорондан*) — 1) касеро масхара доштан; 2) сарсону саргардон кардан: – Мана акнун мо онҳоро *буз барин бозӣ медоронем* [205, 139].

- *бузбозиро бас кардан* – ҳиллаю найрангбозиро бас кардан: –Ҳамшира – сар кард Эшонхӯҷа – *бузбозиро бас кунед*…. [205, 141].

- *буздил будан* – тарсончак будан: –Рустам! Номат Рустам бошад ҳам, аз занат ҳам *буздилтар будаӣ*! [205, 142].

- *буздилӣ кардан* –тарсончакӣ кардан: –*Буздилӣ мекунед*? –заҳрханда кард шоҳ дар ҷавоби илтимоси вазир [205, 142].

- *думи уштур ба замин расидан* – 1) иҷрои чизе амри маҳол будан; 2) ниҳоят дер ба иҷро расидани коре: То инҳо кор ёд гирифта нони ману туро аз даҳонамон зада мегиранд, ки *думи уштур ба замин мерасад* [205, 430].

- *булбули касе хондан ё булбули касе гӯё шудан* – овози касе баланд шудан: Имрӯз *булбулатон хонда* истодааст, плани пилла иҷро шуд-дия! [205, 143].

- *булбули шайдо шудан* – ошиқ шудан, ошиқи беқарор гардидан: Вай дарон ҷо ба Оим Абдуллоева ном духтаре дом партофта, шабу рӯз *булбули шайдо шуда гашт* [205, 142].

- *ба гурбаи касе пишт гуфта натавонистан* – ба ҳеҷ кори касе эроде

расонида натавонистан, касеро сарзаниш карда натавонистан: – Гумон мекунӣ, ки Қаҳрамони меҳнат …шудию дигар *гурбаи туро ҳеҷ кас пишт гуфта наметавонад* [205, 242].

- *гургоштӣ кунондан* – ду касро рӯякӣ ба муросо овардан: Фоидаи холисро дар байни онҳо баробар тақсим намуда, он ду судхӯри сагшудаистодаро *«гургоштӣ» кунонд* [205, 243].

- *гург шудан* – зараррасон шудан: Дар он вақт роҳи халосии аз вай ба даруни он даромада *гург шудан* ва роҳ надодан аст, ки пеш равад [205, 243].

- *гӯсола чаппа омадан* – аз пояш маълум; бадбахтӣ рӯй додан, кор ноомад кардан, вазъият бад гардидан, акси чашмдошт шудани коре: Вале ӯ ба ин ҷо роҳбари нав шуда омаду аз пою қадами номубораки ӯ «гӯсола чаппа омад» [205, 256]

- *даруни касеро гург дарронидан* – дили касеро гург тала кардан: Аммо ман Сурайёи худро нағз медонам; тамкину осудагии онвақтаи ӯ ба осонӣ муяссар намешуд, *даруни ӯро гургон медарронданд* [205, 288].

- *дили касеро гург тала (пора) кардан* – 1) музтариб, беқарор гардидан; 2) асабонӣ шудан, кардан; 3) азоби рӯҳӣ кашидан; 4) дар бораи касе гумони бад кардан, дар дил шубҳаву гумоне доштан: Дили ӯро *гургон тала мекарданд*, ки дар кучо будани зан ва фарзандонашро зудтар фаҳмад [205, 368].

- *кабки касе бонки хурӯс баровардан* – кори касе омад кардан; бахти касе тохтан: – Тағоиҷон, имсол *кабкатон бонги хурӯс баровард*, аз пул ғам нахуред…. [205, 503].

- *кабки касе хондан* – 1) ниҳоят хурсанд шод шудан, димоғи касе чоқ шудан; 2) кори касе омад кардан, бахти касе тохтан: Туро бинам, ана ҳамин тавр *кабкам мехонад* [205, 503].

- *касеро ба маймунбозӣ андохтан* – касеро аҳмақ кардан; сарсон, саргардон намудан: Ту чандин рӯз боз *маро ба маймунбозӣ андохта*, оё дар миёни мардум беобрӯ кардани ҳастӣ?! [205, 609].

- *магас пар назадан* – хомӯшӣ ҳукмфармо будан, садое шунида нашудан:

Хулоса, *магас пар намезад* [205, 604].

- *маймунбозӣ кардан* – ҳилаю найранг кардан: Ман бо вай як *маймунбозӣ кардани ҳастам* [205, 609].

- *мурғи давлат ба сари касе нишастан* –ҳукмронӣ, давлат, молу мулк, бахту толеъ аз дасти касе рафтан: *Мурғи давлат аз сари* домулло бебозгашт парида рафт [205, 660].

- *мурғидили касеро куштан* – касеро рӯҳафтода, бе ҳавасу мароқ гардонидан: –Дадеш, ман гумон карда будам, ки шумо пас аз ба колхоз даромаданатон *мурғи дилатонро кушта* мондед [205, 661].

- *мусичаи бегуноҳ шудан* – ҳалим бегуноҳ, мулоим, фармонбардо, итоаткор, гардидан [205, 663].

- *мушхонаро иҷора кардан* – ба ҷои хилват пинҳон шудан, гурехта аз назари одамон ғоиб шудан: Шумо, ки шермарди майдон будед, ин *мушхонаро чаро иҷора карда нишастаед*? [205, 665].

- *мӯрча нагазидан* – 1) мушкилӣ надидан, азобу уқубат, осеберо аз сар нагузаронидан, ба таҳлука наафтодан; 2) бетаҷриба, хом будан: Ука, бисёр калонгарӣ накунед!– гуфт Шокир ба Аҳмад. Ҳоло бадани шуморо *мӯрча нагазидааст* [205, 669].

- *обро лой карда, моҳӣ гирифтан* (доштан) – 1) Дар байни касон низоъ ва иштибоҳ андохта, аз он фоида бурдан; 2) бо роҳи фиреб ба мақсади худ муваффақ шудан: Дар байни халқҳои мо нифоқу низоъ андохтаанд, ё бо ибораи халқӣ гӯем, *«обро лой карда, моҳӣ гирифтаанд»* [205, 747].

- *пари мурғи ҳумо ҷустан* – чизи вуҷуд надоштагиро ҷустан, кори бефоида кардан.

- *паша газидан* – аз чизи беҳуддае ранҷидан, аз андак нохушӣ ранҷидан: – Хӯш, боз чӣ шуд? –пурсид ӯ норозиёна ба кокулҳои дарози занаш нигоҳ карда,– боз кадом *пашаи* боднок *газид*? [205, 817].

- *пашаи гирди лаби худро киш нагуфтан* – беғам, бепарво, танбал будан; бекор будан, кори бефоида, бемаъни кардан: – Ҳама аз каллаи кӯрак ба кор

мераванду мо бошем фақат бо *пашаҳо манша карда мешинем* [205, 817].

- *пашаро фил карда нишон додан* – чизеро аз будааш зиёд карда нишрн додан, муҳобот кардан: Ӯ оқсаққолои мо буда, тарафи моро гирифтанаш лозим бошад ҳам, ба амлокдор ҷосусӣ мекунад, *пашаро фил*, хабарро қубба карда нишон дода, хонаамонро месӯзонад [205, 818].

- *паша шудан* – ба касе халал расондан; касеро безор кардан: – Дар ҳақиқат вақтатон хеле танг барин, -гуфт ӯ аз кисааш боз ким–чиҳоро кофтуков карда, – бинобар ин дар ин ҷо нишастаю *паша шуда истоданро раво намебинем* [205, 818].

- *пой дар рикоби аспи ҷаҳл ниҳодан* – ба хашм омадан, ғазабнок шудан, оташин шудан: Абдунабӣ, ки *пой дар рикоби аспи ҷаҳл ниҳода* буд, на ба касе гӯш мекард ва на сухани касеро мешунавид [205, 842].

- *рӯбоҳбозӣ ба кор бурдан*: макр, ҳила, фиреб кардан: – Пас барои даҳякро ба даст даровардан чӣ гуна рӯбоҳбозиро ба кор бурдед? [205, 912].

- *рӯбоҳбозӣ кардан* – маккорӣ ва ҳиллагарӣ кардан, фиребгари кардан: Чаро шумо дар ҳама кор *рӯбоҳбозӣ мекунед*? [205, 913].

- *саг барин кӯфта шудан* – ниҳоят хаставу монда гардидан: Аз чойхона *саг барин кӯфта шуда* омадаму худамро ба рӯи бистар партофтам [206, 12].

- *сӯзанро шутур карда нишон додан* – пашаро фил карда нишон додан: Дар ин асно вай бемалол *сӯзанро шутур карда нишон медод* [206, 130].

- *тӯтивор омӯхтан* – маънии чизеро нафаҳмида мисли тӯтӣ аз бар кардан: Дар ҳақиқат қоидаҳои грамматикаро *тӯтивор омӯхтаед* [206, 210].

- *тӯтии хушхон шудан* – 1) бисёр, беором гап задан, сергап шудан; 3) гапи хуш задан, хушгап шудан: Ӯ гарчи дар лаҳзаҳои ғамгиниаш дамдузд, хаппак ва одамгурез бошад ҳам, вале дар вақтҳои кайфчоқиаш чунон *тӯтии хушхон мешуд*, ки гумон мекардед, аз забонаш шаҳду шакар мерезад [206, 210].

- *уштурро бо кафлез об додан* – 1) ба миқдори кам чизе касеро қонеъ кунонданӣ шудан; 2) кори бефоида кардан: *Уштурро бо кафлез об додан* мумкин нест. Ободии дашт об талаб мекард–оби фаровон! [206, 221].

- *фарроштуруки аввалини баҳори чизе будан* – намунаи нахустини чизе будан: Пул аз ғаллаи яклухта, ки имрӯз мегирифт, *фарроштуруки аввалини баҳори* меҳнатии ӯ буд [206, 227].

- *хари касе аз лой гузаштан* – 1) ба иҷро расидани кори касе, итмом ёфтани кори касе; 2) осон шудани мушкили касе; 3) ба орзую мақсади худ расидани касе: 1. Падару модари Малоҳат ба доми фиреби ин корчаллон афтода, духтари худро ба шавҳар доданд. Аммо чун "*Хари Абдувосит аз лой гузашт*" вай тамоми ваъдаҳояшро бароварда ба бод сар дод [206, 252].

- *хари касеро иш гуфтан* – 1) ба кори касе халал расонидан, монеъ шудан; 2) ба касе кордор шудан: Ману ту чӣ кор кардем? "*хари киро иш*, пишаки киро пишт ва саги киро тур гуфтем? [206, 253].

- *хари худро ҳай кардан* – аробаи худро ҳай кардан: – Беҳтар, ки худат аз ин ҷо зудтар *харата ҳай кун*, ки набошад мардумро ҷеғ зада расвота мекашам [206, 255].

- *чӯҷаро дар вақти сихпариаш ба ҳисоб гирифтан* – дар бораи нағзию бадии кор баъд аз итмом, ҷамъбасти он гап задан лозим аст: ... аз онҳо бошад тушбераро хом шумурдан ва ё ин ки *чӯҷаро дар вақти сихпариаш ба ҳисоб ггирифтан* барин як фоидаи хаёлист [206, 422].

- *як пои гӯсола шудан* – дастёр шудан, мададгор шудан, аъзои оила шудан: Акнун мебояд, ки ту ҳам *як пои гӯсола шуда*, ба модарат ёрӣ диҳӣ: [206, 489].

б) ибораҳои фразеологии феълӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ дар забони англисӣ

Дар забони англисӣ феълҳои асосии ибораҳои фразеологӣ бо вожаи ифодакунадаи шакли мадарии *to* ва вожаи *like* ифода меёбанд:

- *to eat like a horse (таҳтул.* ба мисли асп бисёр хурдан [210] –*)* бисёр ё тез тез хурдан, иштиҳои хуб доштан (маъно);

- *to back the wrong horse* (*таҳтул*. ҳимоя кардани аспи ноқобил) [210] – тарафи нодурустро интихоб кардан, дастгирӣ кардани одам ё кӯшише, ки ба муваффақият ноил намешавад (маъно);

- *to look a gift horse in the mouth (таҳтул*. ба даҳони аспи тӯҳфа кардашуда нигоҳ кардан) [210] – ёфтани камбудӣ ё танқиди чизе, ки ҳамчун тӯҳфа дода шудааст(маъно);

- *to hitch horses together(таҳтул*. аспҳоро якҷоя бастан*)* [210] – якҷоя ба таври дӯстона ё ба манфиати тарафайн кор ё муошират кардан;

- *to let the dog see the rabbit (таҳтул.* бигзор саг харгӯшро бубинад*)* [210] ба касе иҷозат додани ичрои коре, ки ба он омодагӣ дидааст;

- *to breed like rabbits(таҳтул*. ранги заргӯшҳо таваллуд кардан*)* [210] зиёд таваллуд кардан (маъно);

- *to pull (or bring) a rabbit out of the (or a) hat* [210] – заргӯшро аз кулоҳ баровардан (овардан) *(таҳтул.)*; тасвири муҳите, ки сарнавиштсоз аст (маъно);

- *to run with the hare and hunt with the hounds* [210] – бо заргӯш ва саги шикорӣ ҳамзамон давидан *(таҳтул.);* кӯшиши мондан дар вазъи хуб, бо ҳар ду тараф мувофиқа кардан (маъно);

- *to bell the cat* [210] – занги гурбаро задан (таҳтул.); хатарро бар дӯши худ гирифтан, ҷасур будан ичрои коре, ки барои гурӯҳи шумо хуб аст, аммо хатарнок ва душвор аст (маъно);

- *to fight like cat and dog* (of two people) [210] – мисли гурбаву саг ҷанг кардан (*таҳтул*.); бо ҳамдигар тамоман мувофиқат накардани хислату рафтор (маъно);

- *to let the cat out of the bag* [210] – гурбаро аз ҷузвдон берун баровардан (*таҳтул*.); нохоста сиро фош кардан (маъно);

- *to put the cat among the pigeons* [210] – гурбаро дар байни кафтарҳо гузоштан. (*таҳтул*.); гуфтан ё ичро кардани чизи ташвишовар ё баҳсталаб (маъно);

- *to turn cat in pan* [210] – гурбаро дар тоба тоб додан (таҳтул.); хиёнаткор будан (маъно);

- *to see which way the cat jumps* [210] – ба кадом тараф ҷаҳидани гурбаро дидан (таҳтул.); пеш аз қарор қабул кардан натиҷаи корро фикр кардан (маъно);

- *to run like a scalded cat* [210] – чун гурбаи сухтагӣ амал кардан (таҳтул); хеле зуд ҳаракат кардан, гӯё ногаҳон тарсидан ё ба ҳайрат афтодан (маъно);

- *to play cat and mouse* [210] – мушу гурба бозӣ кардан (таҳтул.); касеро масхара кардан ё ташвиш додан аз тарафи одаме, ки ба шахси дигар қудрат ё салоҳият дорад (маъно);

- *to let sleeping dogs lie* [210] – саги хобидаро бедор накардан (*таҳтул*.) – мушкилотро нодида гирифтан, зеро кӯшиши ҳалли он метавонад ба вазъияти душвортар оварда расонад (маъно);

- *to dress (up) like a dog's dinner* [210] – мисли зиёфати либос пушидан (таҳтул.); пӯшидани либосҳое, ки ба маросим номувофиқанд ё аз ҳад расмӣ (маъно);

- *to love me, love my dog* [210] – маро дуст дор, сагамро низ дӯст дор (*таҳтул*.). маро бо тамоми камбудиҳоям дӯст дор (маъно);

- *to throw someone to the wolve* [210] – касеро дар байни гургҳо партофтан (*таҳтул*.). касеро қурбонӣ кардан, махсусан барои худро наҷот додан (маъно);

- *to eat crow* [210] **–** зоғро хурдан (таҳтул); ба хатогии худ иқрор шудан ё маглубиятро эътироф кардан (маъно);

- *to kill two birds with one stone* [210] – бо як санг куштани ду паранда; бо як тир ду нахчир (*таҳтул.).* Бо як амал муваффақ шудан дар расидан ба ду ҳадаф; як тиру ду нмшон (маъно);

- *to kill the goose that lays the golden egg(s)*– куштани мурғобие, ки тухми тиллоӣ мекунад (*таҳтул*.). сарчашмаи арзишмандро нест кардан (маъно);

- *to turn geese into swans* [210] – ғозро ба мурғи қу мубаддал кардан (*таҳтул*). хислатҳо, малакаҳо ё муваффақиятҳои касе ё чизеро оро додан ё муболиға кардан; саҳми одамонро зиёд карда гуфтан (маъно);

- *to break a butterfly on a wheel* [210] – шабпаракро бо чарх шикастан (*таҳтул*). қувваи ночизеро барои нест кардани чизи нозук ва нодаркор равона кардан (маъно);

- *to talk turkey* [210] – сӯҳбати мурғи марҷон (таҳтул.); ҷиддӣ ва дар бораи кор сӯҳбат кардан (маъно);

- *to get someone's goat* [210] – бузи касеро гирифтан (*таҳтул*.) касеро оташин ё ғазабнок кардан (маъно);

- *to play (or act) the (giddy) goat* [210] – мисли бузи саргаранг амал кардан (таҳтул.); бемаъсулиятона амал кардан (маъно);

- *to separate the sheep from the goats* [210] – гусфандҳоро аз бузҳо ҷудо кардан (*таҳтул*). одамонро ба гурӯҳи муҳим ва дуюмдараҷа ҷудо кардан (маъно);

- *to count sheep* [210] – гусфандонро шуморидан (*таҳтул*.). худро ба хоб кардан тайёр намудан (маъно);

- *to be as sheep in the midst of wolves* [210] – ба мисли гӯсфанд дар мобайни гургҳо будан (таҳтул.); танҳо дар байни бадхоҳон мондан (маъно);

- *to beard the lion in his den* [210] – шерро дар хонааш аз ришаш доштан (таҳтул.); муқовимат нишон додан ба касе дар мулки вай (маъно);

- *to have a tiger by the tail* [210] – палангро аз думаш доштан (*таҳтул*.) нишон додани мушкилии аён, ки ба ҳар осонӣ ҳал намешавад (маъно);

- *to shed* (or *weep) crocodile tears* [210] – ашки тимсоҳ гиря кардан (*таҳтул*.). бадбахтии сунъиро нишон додан; ашки сохта (маъно);

- *to take the bull by the horns* [210] – барзаговро аз шохҳояш гирифтан (*таҳтул*.). аз уҳдаи ваъияти душвор дилпурона баромадан (маъно);

- *to keep the wolf from the door* [210] – гургро аз дар дур нигоҳ доштан (*таҳтул*.) пули кофӣ барои гушна намондан доштан (маъно);

- *to brass monkey* – зангзадани маймун (таҳтул.); бениҳоят хунук (маъно);

- *to have a monkey on your back* – дар пушт маймун доштан (*таҳтул*). бори гарон бар дӯш гирифтан ё мушкилотеро доштан, ки аз он раҳоӣ ётан душвор аст (маъно);

- *to make a monkey of (or out of) someone* – аз касе маймун сохтан (*таҳтул*.) касеро паст задан, масхара кардан (маъно);

- *to have a frog in your throat* – дар гулӯ қурбоқа доштан (*таҳтул*.) садоро гум кардан, гап зада натавонистан; гулӯдард ё сулфа доштан (маъно);

- *to go cold turkey* – мурғи марҷон хунук рафтан (*таҳтул*.) ба таври ногаҳонӣ ва пурра аз фаъолият ё тарзи рафтори муқаррарӣ даст кашидан; тамоман қатъ кардан (маъно);

- *to beat/flog a dead horse* – аспи мурдагиро задан (таҳтул.); вақтро беҳуда сарф кардан (маъно);

- *to smell a rat* – каламушро бӯй кардан (таҳтул.); бадбахтиро ҳис кардан, гумонбар шудан (маъно);

- *to have a cow, have kittens* – гов/гурба доштан (таҳтул.); ташвиш кашидан, қаҳр кардан аз чизе (маъно);

- *to play possum* – каламушбозӣ кардан (таҳтул.); худро мурда ё хобида нишон додан;

- *to throw pearls to the pigs* – марворидро пеши хугон патофтан (тащтул.); ба касе исбот кардан ки чизеро намефаҳмад, чизҳои қимматбаҳоро ба кассе пешниҳод кардан, ки арзишашро намедонад (маъно);

- *to be dead as a dodo* –ба мисли додо мурда будан (таҳтул.); мурдан, муҳим набудан, аз муд баромадан (маъно);

- *to keep the wolf at bay* – гургро дар халиҷ нигоҳ доштан (таҳтул.); пули кофӣ ба даст овардан бари гурусна ё қарздор нашудан (маъно);

Ҳамин тариқ, миқдори таркибҳои фразеологии зооморфии феълӣ дар забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ миқдори зиёдтарро ташкил намуда, бештарашон дар шакли масдарӣ истифода шудаанд.

3.3. Таркибҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ

Дар асоси гуруҳбандии сохторие, ки аз ҷониби забоншиносон амалӣ шудааст, “таркибҳои фразеологӣ низ чун намудҳои дигари воҳидҳои фразеологӣ аз ду ё зиёда ҷузъ ё унсурҳои лексикӣ таркиб ёфта, бо сохти рехтаву устувор ва маънои яклухти худ ба қатори фразеологизмҳо шомил дониста шудааст” [117, 100]. Бояд ёдовар шуд, ки нахустин маротиба дар забоншиносии тоҷик Ш. Ниёзӣ таркибҳоро ҳамчун воҳиди синтаксисӣ эътироф намуда, ба гурӯҳи таркибҳо калимаҳои ҷуфт (копулятивҳо), калимаҳои такрор ва алоқамандии калимаҳои мустақил бо ёридиҳандаро дохил намуда буд [119]. Баъдан муҳаққиқони дигар Ҳ. Ҷалилов, А Мирзоев, С. Абдураҳимов ва Ҳ. Маҷидов доир ба таркибҳои фразеологӣ андешаҳои худро баён намудаанд. Забоншиноси варзида Ҳ. Маҷидов таркибҳои синтаксисиро аз рӯйи миқдори калимаҳои мустақилмаънои дохилиашон ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: 1) таркибҳое, ки аз алоқамандии калимаҳои мустақилмаъно ва ёридиҳанда ба вуҷуд меоянд; 2) таркибҳое, ки аз пайвастагии ду калимаи мустақилмаъно ба вуҷуд меоянд, ки инхо боз ба таркибҳои ҷуфти синтаксисӣ ва таркибҳои гуногуни такрор ҷудо мешаванд [102].

Дар асоси ҳамин таснифоте, ки забоншиносони тоҷик пешниҳод намудаанд, дар зерфасли мазкур таркибҳои фразеологии зооморфизмҳо мавриди таҳлил қарор мегиранд.

3.3.1. Таркибҳои фразеологии ҷуфт (копулятивӣ) бо ҷузъҳои зоонимӣ

Намуди копулятивии таркибҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо пайвандакҳои энклитикӣ сохта мешаванд. Боиси қайд аст, ки таркибҳои фразеологии зоморфии копулятивиӣ бо ду роҳ сохта мешаванд:

1) таркибҳои зооним +пайвандак + зооним:

дар забони тоҷикӣ: *мӯру малах*

дар забони англисӣ*: Dog and pony show* “Намоиши сагу аспча” (тарҷума);

2) зооним + пайвандак + мафҳум/сифати зооним:

дар забони тоҷикӣ: *бо дуздию гургӣ* – бо роҳи нопок, ғайри қонунӣ, хиёнаткорона, номаълумона; *муру малах барин* - ниҳоят бисёр, аз ҳад зиёд, ҳарисона ба чизе часпидан одами бисёре, *шири мурғу пои мору нони мулло кас надид*; *гӯшти хар – дандони саг* – ба каси бад чизи бад; *саги сафед ҳам сагу, саги сиёҳ ҳам саг; гӯсола бо гӯсола – ошноёни садсола; ҳар зоғе – ҳар доғе; кӣ шеру кӣ рӯбоҳ; хари кӯру оғили танг;*

дар забони англисӣ*: rain cats and dogs* – борони шадид, *dog and - pony show* – амале, барои ҷалби диққати одамон кардан, *keep a dog and bark yourself* – ба касе барои иҷрои кор пул додан ва худ онро иҷро кардан, худфиребкунӣ;

3.3.2. Таркибҳои фразеологии пешояндӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ

Намуди пешояндии таркибҳои фразеологӣ бо ҷузҳои зоонимӣ зооморфӣ дар ҳар ду забони муқоисашаванда қариб монанд буда, зиёд корбаст шудаанд. Дар забони англисӣ он бо пешояндҳои *in, at, on, with, from* ифода гардида, дар забони тоҷикӣ пешояндҳои маъмули *аз, бо, то, бе, ба* мебошанд: *get on(or along) like a house on fire* (з.англ.) –муносибати хуби дӯстона доштан, *a snake in the grass* (з.анг.) – одами хатарнок, *turn cat in pan* (з.анг.) – мақоми хешро иваз кардан; *ба оши касе паша шудан* (з.тоҷ.) – ба касе дар коре халал расонидан, касеро нотинҷ кардан, *аз хирс мӯе* (з.тоҷ.) – аз одами хасис ҳарчи ҳам ба даст дарояд, ғанимат аст; *кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз* (з.тоҷ.) – ҳар як табақа бо табақаи худ меомезад, бо ҳамзодони худ созиш мекунад; *то гусола гов шавад, дили соҳибаш об шавад* (з.тоҷ.) – то ба камол расидани фарзанд падару модар ранҷи бисёре мекашанд, барои ин ки коре ба натиҷае бирасад, солҳо бояд азоб кашид.

3.3.3. Таркибҳои фразеологии пешояндии феълӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ

Таркибҳои фразеологии пешояндии феълӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ дар ду забони муқоисашаванда низ зиёд корбаст гардида, дар он гурӯҳҳои гуногуни пешояндҳо мавриди истифодабарӣ карор гирифтаанд. Ин намуди таркибҳои

фразеологӣ дар ҷадвали зерин нишон дода мешаванд, ки баъзеҳояшон бо ҳамдигар умумияти маъноӣ низ пайдо кардаанд:

Таркибҳои фразеологизмии зооморфии забони англисӣ бо пешоянди «in», «on» – дар, “by”, “from”– аз	**Таркибҳои фразеологизмии зооморфии забони тоҷикӣ бо пешоянди «дар», «аз»**
put **(or** set ***or***get) your house **in** order	**аз** аккахона булбул рӯидан
make it a one- horse race **in** a hurry	**аз** байн гурбаи ало гузаштан
a snake **in** the grass	**аз** болои уштур алаф даравидан
like a cat **on** a hot tin roof	**аз** гов ғадуд
turn cat **in** pan	**аз** паша фил сохтан
dogs to clogs **in** three generations	**аз** хирс мӯе
dog **in** the manger	хар **аз** лой гузаштан
put **on** the dog	булбул **аз** хонаи акка
pig ***(or*** piggy) **in** the middle	гург **дар** ҷомаи меш
a pig **in** a poke	мӯрӣ **аз** хона (боғ) калон
break a butterfly **on** a wheel	пой **дар** рикоби аспи ҷаҳл ниҳодан
a fly **on** the wall	харакиро **аз** хар меафтонаду аспакиро **аз** асп
a fly **on** the wheel	хари касе **аз** лой гузаштан
beard the lion **in** his den	чӯҷаро **дар** тирамоҳ шумурдан
a lion **in** the way	
a tiger **in** your tank	
a wolf **in** sheep's clothing	
have a monkey **on** your back	
like a monkey **on** a stick	

have a frog **in** your throat have a tiger **by** the tail	

Таркибҳои фразеологизмии зооморфии забони англисӣ бо пешоянди «by» -бо, “with”-бо	**Таркибҳои фразеологизмии зооморфии забони тоҷикӣ бо пешоянди «ба» ва «бо»**
run with the hare and hunt **with** the hounds	**ба** коми наҳанг рафтан
kill two birds **with** one stone	**ба** аспи ҷубин савор шудан
like a bear **with** a sore head	**ба** гӯши хар танбӯр анвохтан
geese **with** geese women with women	**ба** аспи бад сад қамчин **ба** аспи нағз як қамчин
feather **by** feather a goose is plucked	**ба** аспи ҷаҳл савор шудан
	ба косаи оши касе магас пошидан
	ба пӯстини касе кайк даромадан
	ба мушхона ҷой кардан
	ба оши касе паша шудан
	бо дуздию гургӣ
	бо думи шер бозӣ кардан
	бо паша манша кардан
	касеро ба маймунбозӣ андохтан
	мурғи давлат **ба** сари касе нишастан
	уштурро **бо** кафлез об додан
	шутурро **бо** ҷӯлаш (ҷӯлу бораш) фурӯ додан

Боиси қайд аст, ки таркибҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ дар баробари пешояндҳо аз пасояндҳо низ таркиб ёфтаанд, ки дар онҳо мавқеи асосиро дар забони англисӣ пешояндҳои *«like»* ва *«as»* ва дар забони тоҷикӣ пасоянди «*барин*» ишғол мекунанд. Ин калимаҳои ёридиҳанда тобиши маъноии монандкуниро доранд. Масалан, дар забони англисӣ: *eat like a horse* – бисёр хурдан, пурхурӣ, *breed like rabbits* – бисёр таваллуд кардан, *fight like cat and dog* – бисёр ҷангидан**,** *like a cat on a hot tin roof*– лаҳзаи ногувор; дар

забони тоҷикӣ: *аккаи ало барин* – бегона барин, ноҳамранг, фарқнок; *буз барин бозӣ доштан* (дорондан) – касеро масхара доштан, сарсону саргардон кардан; *гурба барин газида* (лесида) калон кардан –касеро бо эҳтиёт, ғамхорӣ, меҳру муҳаббат парварида ба воя расонидан; *мурғи посухта барин* –ҳарросон, ошуфтаҳол, бесарусомон, беқарор; *муру малах барин* – ниҳоят бисёр, аз ҳад зиёд, саг барин кӯфта шуда, н ниҳоят хаставу монда гардидан; *уштури ба элак лангидагӣ барин* – уштур ҳамаро бардоштасту ба элак лангидааст.

Таҳлили таркибҳои фразеологии пешояндӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ нишон дод, ки баъзе таркибҳо бо ин ҷузъҳо дар забони англисӣ миқдоран зиёд буда, дар забони точикӣ нисбатан каманд (дар мисоли таркибҳои фразеологизмии зооморфӣ бо пешоянди «*in*», «*on*» – дар, *“by”*, *“from”*– аз) ва баръакс дар забони англисӣ миқдоран камтар буда, дар забони тоҷикӣ нисбатан зиёдтаранд (дар мисоли таркибҳои фразеологизмии зооморфӣ бо пешоянди «*by*» бо, “*with*”–бо). Новобаста аз ин падида, ҷузъҳои пешояндӣ васоити асосии муносибатҳои грамматикӣ дар таркибҳои фразеологии зооморфӣ маҳсуб меёбанд.

3.4. Ҷумлаҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Ҷумлаҳои фразеологӣ дар забоншиносии тоҷик воҳидҳои фразеологиеро меноманд, ки аз рӯйи сохторашон ба ҷумлаҳои одии синтаксисӣ монандӣ доранд. Аммо ин навъи ҷумлаҳо аз рӯйи аломатҳои махсуси худ аз ҷумлаҳои одии синтаксисӣ фарқ мекунанд. Фарқи ҷумлаҳои фразеологӣ бештар дар таркиби доимии ҷузъҳо, хусусияти устуворӣ, маънои яклухт ва обурагиашон дида мешавад. Муҳаққиқи тоҷик М. Муслимов дар мавриди таҳлили ҷумлаҳои фразеологии феълӣ таъкид мекунад, ки: “Хусусияти грамматикии ҷумлаҳои фразеологӣ аз он иборат аст, ки феъли ба таркиби онҳо дохилшаванда парадигмаи нопурраро дорад, аксаран на дар ҳамаи ҷумлаҳои фразеологӣ тағйир додани шакли замонӣ ё сиғаи он имконпазир аст” [117, 150]. Ҳамин

ҳолатро мо дар ҷумлаҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимҳо баръало мушоҳида карда метавонем.Бояд қайд кард, ки ҷумлаҳои фразеологӣ аз ду ё зиёда калимаи мустақил таркиб меёбанд, ки ин яке аз фарқиятҳои онҳо аз ҷумлаҳои озоди ситаксисӣ маҳсуб меёбад. Дар ҷумлаҳои фразеологӣ доимияти миқдорию лексикии таркиби лексикӣ ва устувории шаклҳои грамматикии калимаҳо ҳамеша ба назар мерасад. Маъно дар ҷумлаҳои фразеологӣ ҳамеша устувор буда, ҳамчун гурӯҳхои сохтории дигар воҳидҳои фразеологӣ дар шакли тайёр истифода мешаванд. Аз ин рӯ, дар чунин навъи ҷумлаҳо тағйир додани калимаҳо ва шаклҳои грамматикии онҳо ё илова намудани калимаҳои дигар ғайри имкон аст, ба истиснои ҳодисаи вариантнокӣ, ки он масъалаи дигар аст.

Зооморфизмҳо дар ҷумлаҳои фразеологӣ низ чун ибораҳо ва таркибҳои фразеологӣ мавқеи асосӣ дорад. Маъмулан ҷумлаҳои фразеологии дорои зооморфизмҳо сода ва мураккаб мешаванд. Дар зерфасли мазкур мо чунин навъи ҷумлаҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

3.4.1. Ҷумлаҳои фразеологии сода бо ҷузъҳои зоонимӣ

Ҷумлаҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маъмулан чун ҷумлаҳои озоди синтаксисӣ аз рӯйи сохтори грамматикиашон ба ҷумлаҳои сода ва мураккаб ҷудо мешаванд. Ҷумлаҳои фразеологии сода ба ҷумлаҳои фразеологии яктаркиба ва дутаркиба ҷудо мешаванд, ки аз руйи ҳамин таснифот мо ҷумлаҳои фразеологии зооморфиро ҷудо мекунем.

Боиси қайд аст, ки ба воситаи ин навъи ҷумлаҳо арзишҳои миллию фарҳангии пуробуранги ду халқият: тоҷик ва англис ва ҳаёти маишии онҳо инъикос мегардад. Ҳангоми таҳқиқот маълум гардид, ки бештари ҷумлаҳо дар шаклҳои якхела истифода шуда, баъзеашон дар шакли тағйирёфта, лекин бо мазмуни якхела корбаст шудаанд. Мисоли равшани гуфтаҳои болоро дар ҷумлаҳои фразеологии сода бо ҷузъҳои зоонимӣ дида мебароем:

Дар забони тоҷикӣ:

Ба даҳони пӯшида паша намедарояд [205, 340] – аз беҳудагӯй дида хомӯш будан авлотар аст, аз хомӯшӣ касе зарар намебинад.

Ба дуои кӯрмӯш борон намеборад [205, 433] – бо орзуи бади касе бадӣ рӯй намедиҳад.

Баъд аз лой гузаштани хар [205, 85] – баъд аз эҳтиёҷ баромадан, пас аз ба анҷом расидани кор, пас аз ба мақсад расидан.

Бе пул гурба ҳам ба офтоб намебарояд [205, 92] – бе пул ҳеҷ кас чизе намекунад, ҳеҷ коре муфт иҷро намешавад.

Бечораро саг аз болои уштур ҳам мегазад [205, 106] – бало одами бечораро дар ҳама ҷо таъқиб мекунад.

Бузро аз пои худаш меовезанд, гӯсфандро аз пои худаш [205, 140] – ҳар кас ба кардаи худаш ҷавобгар аст, гуноҳи ҳар кас ба сари худи он, на ба сари каси дигар.

Гурбаи ноумедшуда ба шер ҷанг меандозад [205, 242] – касе, ки умедашро аз ҷон канд, далер мегардад ва дар вақти тангӣ аз ҳар имконият истифода мебарад.

Гӯсола аз болои (сари) мех мепарад [205, 255] – аз паси касе калонигарӣ кардан, аз паси касе болидан.

Гӯсола бо гӯсола – ошноёни садсола [205, 255] – ҳар табақа бо табақаи худ ошноӣ дорад, ҳамҷинс бо ҳамҷинс соз аст.

Гӯсолаи шуданӣ аз пояш маълум [205, 256] – аз кордорӣ ва саъю кӯшиши кас ояндаи ӯ маълум шуда меистад.

Гӯшти хар, дандони саг [205, 268] – ба каси бад ҷазои бад, ба амали бад рафтори бад.

Давидани гӯсола то каҳдон [206, 857] – ҷаҳду кӯшиш то ҳосил шудани мақсади шахсӣ, ягон кори камаҳаммият, кӯшиш то буд шудани кори худ; дурандеш набудан, дар коре ояндаро андеша накардан.

Забони гургонро гургон медонанд [205, 448]; *Забони мурғонро мурғон медонанд* [206, 857] – касони ба ҳам наздик якдигарро ба осонӣ ва нағз

мефаҳманд, ҳамҷинсон матлаби якдигарро медонанд.

Кадом пишакбачаро аз мундӣ бароварди? [205205, 505] – чӣ некӣ кардӣ?; чӣ кори ба чашм намоён кардӣ?

Камбағалро аз болои уштур саг (кучук) мегазад [205, 519] – ҳар балову офат ба сари камбағал меафтад.

Мурдаи як шер сад рӯбоҳро сер мекунад [205, 658] – каси тавоно ҳар қадар нотавон шуда бошад ҳам, боз аз нотавон афзалтар аст.

Мушро ҷонканию гурбаро бозӣ [205, 663] – аз азобу азияти дигарон завқ, лаззат бурдан; аз ҳисоби азобу машаққати дигарон кайфу сафо кардан.

Овози гови бешир баланд мешавад [205, 759] – савлату дабдабаи одами бемаънӣ баланд, зиёд аст.

Оқибат гургзода гург шавад [205, 794] – аз падари бад фарзанди бад мешавад, фарзанди одами бад оқибат ба падари худ мекашад;

Саги сафед ҳам сагу саги сиёҳ ҳам саг [206, 13] – бад дар чӣ шакл ва қиёфате набошад, бад аст.

Сагро занӣ, ба болои касе, чизе меафтад [206, 12] – хеле зиёд будани чизе, ё касони ба ҳам монанд.

Саг соҳибашро намеёфт/намешинохт [206, 13] – хеле бетартибӣ, бесаранҷомӣ буд, ҳар касе дар пайи кори худ буд, ҳама дар ғаму ташвиши худ буд.

Сари мор куфта беҳ [206, 51] – барои пешгирии хатар душманро маҳв намудан беҳтар аст, сазои душман ҳалок намудани он аст.

Уштур (-и сафед)-ро дидӣ? – не!–сирро ҳаргиз ошкор накун, он чӣ дидӣ ба касе нагӯй [206, 222].

Фарбеҳиро гӯсфанд мебардорад [206, 224] – ба он касе гуфта мешавад, ки ба мансабу пулу чизи худ парида калонигарию такаббур карда, ба осебе гирифтор шудааст.

Хар харакиро аз хар меафтонаду аспакиро аз асп [206, 256] – дар устокорӣ, гапдонӣ ва ғайра бо ҳама баробар шуда метавонад; фиребгар, қаллоб

будан.

Хари лӯлиро об деҳу (дода) пулашро гир [206, 253] – қатъи назар аз кӣ, чӣ будани касе кори ӯро иҷро куну муздатро гир; ҳар кор бошад бошаду аз он фоидае рӯяд; фақат манфиати худро донӣ бас.

Хара (харро) биёру масхарагӣ бор кун - дар мавриди хеле хандаовар ва боиси шармандагӣ шудани коре гуфта мешавад [206, 255].

Хирс мулло мешавад аз зарби чӯб – одами саркаш гӯё бо задан ба итоат меедарояд, чизеро меомӯзад [206, 270].

Чӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд [206, 423] – дар бораи нағзию бадии кор баъд аз итмом, ҷамъбасти он гап задан лозим аст:

Шутур калону реши пушташ ҳам мувофиқи худаш калон аст – 1. Ҳар чиз мувофиқи худ ташвишу хароҷот дорад, 2. Дар ҳар кор мувофиқи даромад баромад ҳам мешавад.

Ҳар чанд дер аст, оҳу ба чанги шер аст [206, 596] – як рӯз не, як рӯз дертар бошад ҳам, ба даст меафтад.

Ҳар хар мувофиқи худ побанд дорад [206, 595] – 1. Ҳар кас мувофиқи иқтидори худ молу чиз дорад; 2. Ҳар кас мувофиқи ҳоли худ ташвиш дорад.

Дар забони англисӣ чунин намудҳои ҷумлаҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ ифода гардидаанд:

A bird in the hand is worth two in the bush – Аз ду паррандаи зери бутта буда, якта дар даст доштан беҳтар аст (тарҷума);

A bird may be known by its song – Парранда аз овозаш шинохта мешавад (тарҷума);

A black hen lays a white egg – Мурғи сиёҳ ҳам тухми сафед мекунад (тарҷума);

A close mouth catches no flies – Ба даҳони пӯшида паша намедарояд (тарҷума);

Barking dogs seldom bite – Саги аккос мезадагӣ намегазад (тарҷума);

Beware of a silent dog and still water. – Аз саги ором ва оби равон худро

эҳтиёт (тарҷума);

Dogs that put up many hares kill none. – Сагони харгӯшони бисёрро тарсондагӣ яктояшро ҳам намеқапанд (тарҷума);

Don't look a gift horse in the mouth. – Дандонони аспи тӯҳфакардашударо намесанҷанд (тарҷума);

Curses like chickens come home to roost. – Лаънат ба монанди чӯҷаҳо ба лона бармегарданд (тарҷума);

Each bird loves to hear himself sing. – Ҳар як парранда худашро гӯш карданро дӯст медорад (тарҷума);

Every ass loves to hear himself bray. – Ҳар як хар овози худро нағз мебинад (тарҷума);

Fish begins to stink at the head. – Моҳӣ аз сар ганда мешавад (тарҷума);

To buy a pig in a poke. – Хуг дар ҷувол харидан (тарҷума).

3.4.2. Ҷумлаҳои фразеологии мураккаб бо ҷузъҳои зоонимӣ

Ҷумлаҳои фразеологиро асосан зарбулмасалу мақолҳо такшил медиҳанд. Бар хилофи воҳидҳои фразеологии зарбулмасалҳо аксар вақт ҷумлаҳои мураккаб ва мақолҳо ҷумлаҳои сода ва баъзан мураккабро ташкил медиҳанд. Ба зарбулмасалҳо устувории таркиби лексема ва тағйирнопазирии тартиби лексемаҳо хос аст, ки бо воҳидҳои синтаксисӣ ва истифодаи васъи воситаҳои ифода алоқаманд аст.

Низоми грамматикии ҷумлаҳои фразеологии мураккаб низ чун ҷумлаҳои мураккаби озоди синтаксисӣ аз ду ҷумлаи содаи баробарҳуқуқ ва ё ҷумлаҳои тобеву пайваст таркиб меёбад. Дар зер мо ҷумлаҳои фразеологии мураккаб бо ҷузъҳои зоонимии забони тоҷикиро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Аз таги замин мор гузарад, мефаҳмад [206, 147] – ҷумлаи мураккаби бепайвандак.

Ба асп наъл заданд, қурбоққа ҳам пояшро бардоштааст [205, 38] –

ҷумлаи мураккаби бепайвандак.

Ба уштур уштурхор даркор бошад, гарданашро дароз мекунад [206, 222] – ҷумлаи мураккаби бепайвандак.

Ба хӯрдан чу наҳанг, ба кор кардан чун бузи ланг [205, 427]. – ҷумлаи мураккаби бепайвандак.

Беша бе шер нест, дарё бе моҳӣ (бе наҳанг) [205, 108] – ҷумлаи мураккаби бепайвандак.

Буз агар хирман мекӯфт, ҳоҷати барзагов набуд [205, 139] – ҷумлаи мураккаби тобеи шартӣ.

Бузак-бузак намур, ки баҳор меояд [205, 140]. – ҷумлаи мураккаби тобеъ.

Бузе надорам дар рама, не ғам дорам, не ғамхона [205, 142] – ҷумлаи мураккаби бепайвандак.

Бузро ғами ҷон, қассобро ғами чарбу [205, 140] – ҷумлаи мураккаби бепайвандак.

То гӯсолаҳо гов шаванд, ҷигарҳо хун шаванд; То гусола гов шавад, дили соҳибаш об шавад [205, 256] – ҷумлаи мураккаби тобеи замон

Дар пода як гӯсолаи дарунрав бошад, ҳамаи говонро меолонад [206, 857] – ҷумлаи мураккаби бепайвандак.

Магас коре намекунад, вале дилро ғашон мекунад [205, 604] – ҷумлаи мураккаби пайваст.

Уштурро гуфтам, ки ғамза кун, полизро вайрон карду рафт [206, 221] – ҷумлаи мураккаби тобеъ.

Хар аз хар монад, гӯшашро мебуранд [206, 253] – ҷумлаи мураккаби бепайвандак.

Қурбоққаро ҳам зер кунед, вакқос мекунад [206, 555] – ҷумлаи мураккаби бепайвандак.

Дар забони англисӣ низ ҷумлаҳои фразеологии мураккаб, ки ҷузъҳои зоонимӣ дар худ доранд зиёд мебошанд, ки намунае чандро дар ин ҷо дарҷ мекунем:

Set a beggar on horseback and he'll ride to the devil. – Бечора ба асп биншон, худаш пеши шайтон меравад (тарҷума);

Don't count your chickens before they are hatched. – Чӯҷаро баъди аз тухм баромаданашон мешуморанд (тарҷума);

Don't keep a dog and bark yourself. – Сагро нигоҳубин кунӣ худат аккос назан (тарҷума);

Catch the bear before you sell his skin. – Аввал хирсро биқап баъд пӯсташа бифурӯш (тарҷума);

Better an egg today than a hen tomorrow. – Чуҷаи имрӯза беҳ аст аз мурғи фардо (тарҷума);

Better be the head of a dog than the tail of a lion. – Беҳтар аст сари саг будан, назар ба думи шер (тарҷума);

Ҳамин тавр, омӯзиши ҷумлаҳои фразеологии зооморфизмии ду забони омӯхташаванда нишон дод, ки ин гурӯҳи зооморфизмҳо бештари вақт шакл ва мазмуни якхела дошта, характеристикаи эмотсионалии соҳибзабононро инъикос мекунад. Ба воситаи онҳо ифодаи образноки фикр зоҳир гардида, ба ҷанбаи эмотсионалӣ-ҳиссиётии гӯянда ин вожаҳои забонӣ равшанӣ меандозанд. Монандии байни ҷумлаҳои фразеологии зооморфии ду забон зиёда аз 20 адад ба назар расида, асоси истифодабарии онҳо ифодаи маҷозии фикр буда, онҳо ба таври рамзӣ, муносибати гӯяндаро ба падидаи олами воқеӣ нишон медиҳанд.

Хулосаи боби III

Ҳамин тавр, таҳқиқи муқоисавии сохтори грамматикии зооморфизмҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ намудҳои зерини воҳидҳои фразеологии зооморфиро муайян сохт: ибораҳои фразеологии исмӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ, ибораҳои фразеологии сифатӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ, таркибҳои фразеологии ҷуфт бо ҷузъҳои зоонимӣ, ибораҳои фразеологии феълӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ, ибораҳои фразеологии пешояндӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ. Таҳқиқ нишон дод, ки дар таркиби ибораҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷузъҳо ё

вожаҳои зоонимӣ хеле зиёд истифода мешаванд. Барои ибраҳои фразеологии исмӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ ҷавҳари асосӣ исмҳо хизмат намуда, дар забони тоҷикӣ он ба воситаи бандаки изофӣ шакл мегирад: *гурги хона*; *гурги борондида* ва ғайра. Дар забони англисӣ он ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ, пешоянди *«of»* ва апострофи **`s** сурат меёбад: *dog eat dog* ; *dog tired* ; *a bird of passage, a dark horse, a black sheep, a cold fish* ва ғайра.

Истифодаи шаклҳои гуногуни сифатҳо бо зоонимҳо ҷавҳари асосии ибораҳои фразеологии сифатӣ бо ҷузъҳои зоонимии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дониста шудаанд: *булбули гӯё; зоғи ало; mad as a (cut) snake*.

Ҳамчунин, дар рафти таҳқиқ маълум гашт, ки дар ду забони омӯхташуда намуди маъмултарини ибораҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ шакли феълӣ ба шумор рафта, онҳо бо ёрии шаклҳои гуногуни феълӣ сохта шудаанд ва феъл ҷавҳари асосии ин намуди ибораҳои фразеологии зооморфӣ дониста шудааст.

Дар асоси таснифоти забоншиносон таркибҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ ба: таркибҳои фразеологии ҷуфт (копулятивӣ) бо ҷузъҳои зоонимӣ; таркибҳои фразеологии пешояндӣ (феълӣ ва инкорӣ) бо ҷузъҳои зоонимӣ гурӯҳбандӣ шудаанд. Маълум гардид, ки таркибҳои фразеологии пешояндӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ дар ҳарду забони омӯхташаванда зиёд корбаст гардида, дар он гурӯҳҳои гуногуни пешояндҳо мавриди истифодабарӣ карор гирифтаанд.

Дар забони тоҷикӣ тобиши семантикии манфии таркибҳои фразеологизмҳо бо ҷузъҳои зоонимӣ ба монанди забони англисӣ дар асоси маънои семантикии калимаҳои таркибӣ сохта мешавад. Омӯзиши таркибҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ нишон дод, ки дар бештари ин таркибҳо ифодаи номи ҳайвоноте, ки таасуроти одамон нисбат ба онҳо манфӣ мебошад, зикр гардида, онҳо барои ифодаи семантикии маънои инкорӣ хизмат мекунанд.

Шакли грамматикии ифодаи маънои инкории таркибҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ низ дар ду забон назаррас аст, ки баъзан ин таркибҳо маънои духӯраро низ пайдо кардаанд.

Зооморфизмҳо дар ҷумлаҳои фразеологӣ низ чун ибораҳо ва таркибҳои фразеологӣ мавқеи асосӣ доранд. Маъмулан, ҷумлаҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ, чун ҷумлаҳои озоди синтаксисӣ аз рӯйи сохтори грамматикиашон ба ҷумлаҳои сода ва мураккаб ҷудо шуда, хислатҳо эҳсосотии соҳибзабононро инъикос мекунанд.

ХУЛОСА

Натиҷаҳои илмии рисолаи илмӣ дар асоси методологияи типологияи муқоисавӣ ба даст омадаанд. Дар ду забони омӯхташаванда: забони тоҷикӣ ва англисӣ зооморфизмҳо мавқеи махсусро ишғол намуда, таҳқиқ ва таҳлили онҳо имконият дод, ки дар бораи нозукию хусусиятҳои онҳо маълумоти муфассалро фароҳам орем. Дар баробари ин, таҳлилу баррасии зооморфизмҳои забони англисӣ собит сохт, ки онҳо аз рӯи ифода дар таркиби ибораҳои фразеологӣ аз рӯи хислатҳои инсонӣ тасниф мешаванд.

Ҳамин тавр, маълум гашт, ки дар забоншиносии тоҷик ва англис зооморфизмҳо аз нуқтаи назари гуногун омӯхта шуда, аммо хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври муқоиса то ҳол мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор нагирифтаанд ва рисолаи мо дар таҳқиқи ин хусусиятҳои зооморфизмҳо иқдоми аввалин ба шумор меравад.

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таркиби луғавии ғанӣ дошта, як қисмати онҳо зооморфизмҳо ба шумор рафта, зооморфизмҳои зиёдеро дар бар мегиранд. Қисмати калони ин зооморфизмҳо баландмазмуну баландғоя буда, таърихи дурудароз доранд ва яке аз воситаҳои инъиксокунандаи фарҳанги миллии ду халқият: тоҷик ва англис дониста шудаанд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки омӯзиши ҳаматарафаи зооморфизмҳои ду забон ба таври муқоисавӣ дорои аҳаммияти калони илмӣ мебошанд. Ҳангоми омӯзиши зооморфизмҳо мо шоҳиди он гардидем, ки бештари зооморфизмҳо дар осору гуфтори забонҳои муқоисашаванда зиёд истифода шуда, дар баробари таърихи дурудароз тай кардан, онҳо ҳамчун сарчашмаи асосии миллию фарҳангӣ дониста шудаанд. Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳамчун забонҳои ҳиндуаврупоӣ, новобаста аз гуногуннизоӣ буданашон дар бисёр мавридҳо умумият доранд, ки ин умумият дар ифодаи зооморфизмҳо дар таркиби ибораҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақол дарҷ гардидааст.

Зооморфизмҳо дар баробари номи аслии ҳайвонот, вазифаи метафорашавиро адо менамоянд, ки тавассути онҳо баҳогузории зооморфии инсон сурат меёбад.Мафҳуми коннотатсионии зооморфизмҳо ҷанбаҳои

эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ ба олами воқеӣ, хусусиятҳои миллию фарҳангии вижагиҳои омӯхташаванда, маъноҳои рамзӣ, маҷозӣ, ҳувияти миллӣ, муттасилии забон ва маданиятро инъикос менамоянд.

Зоомофризмҳо аз нигоҳи хусусиятҳои луғавӣ ҷолиби диққат буда, дар шаклгирии воҳидҳои фразеологӣ, ифодаҳои рамзӣ, маъноҳои маҷозӣ, зарбулмасалу мақол нақш доштани онҳо ба назар мерасад. Онҳо метавонанд ҳодисаи сермаъноиро дар заминаи маҷозӣ пайдо намоянд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки сарфаҳм рафтан ба мафҳуми зооморфизмҳо дар забони имрӯза нисбатан осон буда, сабаби асосиашон ба лексикаи зиндаи англисӣ ва тоҷикӣ наздикӣ доштан ва ҳаррӯза истифода кардани онҳо дар нутқ ба шумор меравад. Гузашта аз ин, таркиби луғавии ҳар ду забон, бахусус системаи зооморфӣ бо падидаву воқеаҳои сиёсиву фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, дахолати забонҳои дигар мукаммал гардида, ба тағйирот дучор шуданд. Пайдоиши бештари зооморфизмҳо заминаҳои иҷтимоии махсус дошта, бо сабабу омил ва ҳадафу натиҷа маъноҳояшон пайдо шудаанд.

Боиси зикр аст, ки ба зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таъсири шеваҳою лаҳҷаҳо каму беш ба назар расида, дар нутқи шифоҳӣ он тавассути тағйироти овозӣ ба назар расида, дар нутқи хаттӣ он риояи меъёри воҳиди забони адабии муосири тоҷикӣ ва англисиро талаб менамояд.

Таҳқиқоти зооморфизмҳои ду забони омӯхташаванда шоҳадат медиҳад, ки онҳо ҷузъи фаъоли лексикаи ҳар ду забон буда, таҳаввулоти гуногуни ҷамъиятро дар худ таҷассум менамоянд. Зоомофризмҳо дар баробари дигар таҳаввуллоти ҷомеа аз қабили дигаргуншавии шароиту муҳит ва вазъу ҳолати сиёсӣ, ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ, инчунин, табъу завқ, майлу хоҳиш, ақлу заковат, донишу тафаккур, ҷаҳонбинии фалсафӣ, динӣ, арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва меҳру муҳаббату эътиқоди ба ниёгон доштаи мардуми тоҷик ва англисро низ инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи ҷанбаҳои муҳимми зооморфизмҳои ду забон имконият дод, ки ба хулосаҳои зерин ноил гардем:

1. Забонҳои тоҷикиву англисӣ ду забони соҳибмабдаи ғанӣ аз махзани арзишҳои миллӣ дониста шуда, дар онҳо миқдори зиёди зооморфизмҳо бо дарҷи мазмуну ғояи баланд, таърихи дуру дароз ва арзишҳои баланди фарҳангиву миллӣ вуҷуд доранд.

2. Зоомфоризмҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ бештар дар таркиби ибораҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақол истифода шуда, маъноҳои гуногуни маҷозӣ, рамзӣ, коннотативӣ ва эҳсосотиро ифода намудаанд.

3. Зооморфизмҳои забонҳои омӯхташуда дорои хусусиятҳои миллию фарҳангии ду халқиятро ба воситаи мавқеи истифодабарии ин ё он зооморфизм нишон дода, дар баробари ин, ба таърихи пайдоиши ифодаҳои зооморфӣ равшанӣ меандозад.

4. Ифодаҳои зооморфӣ маъмулан таърих ва фарҳанги хеле қадима доранд. Аксаран зооморфизмҳо дар гуфтори аҷдодони халқи тоҷик ва англис истифода шуда, баъзеашон бо назардошти падидаи нави ҷомеа ба баъзе тағйирот дар ду забон дучор гардида, дорои вариантҳои гуногун мебошанд.

5. Мундариҷаи маъноии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ меъёри ягонагии муносибати инсон ва олами ҳайвонотро дар чаҳорчӯбаи муайяни миллию фарҳангӣ нишон медиҳад. Низоми тематикии зооморфизмҳо номи ҳайвоноти хонагӣ, ваҳшӣ, ҳашарот, хазандаҳо ва парандаҳоро дар бар мегирад.

6. Зимни баррасӣ ва таҳқиқи зоомофризмҳои ду забон маълум гардид, ки аз рӯйи чандомад зооморфизмҳои ифодакунандаи номи ҳайвоноти хонагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нисбат ба ҳайвоноти ваҳшӣ зиёд корбаст шудаанд. Ҳамчунин, номи парандаҳо, ҳашарот ва хазандаҳо дар забони тоҷикӣ бештар истифода шудаанд.

7. Низоми қабатҳои умумии зооморфизмҳо ва ибораҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зооморфизмӣ ду гурӯҳи асосиро дар бар мегирад: – а) вожаҳое, ки образҳои монандро инъикос мекунанд (ба воситаи зооморфизмҳои гуногун); б) вожаҳои зооморфии миллии махсус.

8. Зооморфизмҳо дар алоҳидагӣ, дар таркиби ибораҳои фразеологӣ, таркибҳои фразеологӣ, ҷумлаҳои фразеологӣ, инчунин, дар зарбурмасалу мақоли халқӣ, нукоту ҳикояҳо истифода шуда, номи реалии ҳайвонот, маъноҳои маҷозӣ тариқи монандкунии хислатҳои зоонимӣ ба инсонӣ, хосияти баҳодиҳии эҳсосотӣ ба инсон, рафтору кирдори ӯ ва намуди зоҳирии инсонро ифода менамоянд.

9. Зооморфизмҳо ҳамчун яке аз воситаҳои асосии ифодаи образнокии фикр маъноҳои гуногуни маҷозиро дар такя ба муносибатҳои гуногуни грамматикӣ, лексикӣ ва семантикӣ ифода менамоянд.

10. Зоморфизмҳо дар таркиби зарбулмасалу мақолҳои халқи тоҷик бештар образнокӣ ва таъсирбахш будани фикрро ифода намуда, дар зарбулмасалу мақолҳои мардуми англис нисбатан воқеӣ ва бепарда гуфта шудаанд.

11. Доираи истифодабарии зооморфизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақол дар ҳар ду забон васеъ буда, аз тарафи намояндагони гуногуни иҷтимоӣ барои таҳвияти фикр баробар истифода мешаванд.

12. Зооморфизмҳо дар забонҳои таҳқиқшаванда ҳамчун категорияи луғавӣ тобишҳои маъноии мусбат, манфӣ ва маънои духӯраро ифода менамоянд.

13. Ба зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хусусияти муодилнокӣ хос буда, баъзан як зооморфизми як забон дар забони дигар якчанд қарина дорад. Зооморфизмҳои забони англисӣ метавонанд бо як зооморфизмҳои тоҷикӣ наздикии маъноӣ пайдо намоянд ва метавонанд бо якчанд номвожаҳои забони тоҷикӣ хусусияти муодилнокиро пайдо намоянд.

14. Сохтори грамматикии воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъҳои зоонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд: ибораҳои фразеологӣ, таркибҳои фразеологӣ ва ҷумлаҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ.

15. Дар таркиби ибораҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷузъҳо ё вожаҳои зоонимӣ хеле зиёд истифода мешаванд. Барои ибраҳои фразеологии исмӣ бо ҷузъи зоонимӣ ҷавҳари асосӣ исмҳо хизмат намуда, дар забони тоҷикӣ он ба воситаи бандаки изофӣ шакл мегирад.

16. Истифодаи шаклҳои гуногуни сифатҳо бо зоонимҳо ҷавҳари асосии ибораҳои фразеологии сифатӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дониста шудаанд.

17. Дар ду забони муқоисашаванда намуди маъмултарини ибораҳои фразеологӣ бо ҷуъҳои зоонимӣ шакли феълӣ ба шумор рафта, онҳо бо ёрии шаклҳои гуногуни феълӣ сохта шудаанд ва феъл ҷавҳари асосии ин намуди ибораҳои фразеологӣ дониста шудааст.

18. Таркибҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба: таркибҳои фразеологии ҷуфт (копулятивӣ); таркибҳои фразеологии пешояндӣ (феълӣ ва инкорӣ) гурӯҳбандӣ мешаванд.

19. Таркибҳои фразеологии пешояндӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ дар ҳарду забони муқоисашаванда зиёд корбаст гардида, дар он гурӯҳҳои гуногуни пешояндҳо мавриди истифодабарӣ қарор гирифтаанд.

20. Ҷумлаҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чун ҷумлаҳои озоди синтаксисӣ аз рӯйи сохтори грамматикиашон ба ҷумлаҳои сода ва мураккаб ҷудо шуда, хислатҳо эҳсосотии соҳибзабононро инъикос мекунанд.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои мавзуи рисола мо бо дигар масъалаҳо низ дучор шудем, ки таҳқиқу таҳлили тамоми ин масъалаҳо доираи васеътари омӯзишро талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, як гурӯҳ масъалаҳои марбути он ба сифати мавзуи таҳқиқот пазируфта шуданд;

1. Нуктаҳои алоҳида ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар шакли лексия ё машғулияти амалӣ ба роҳ мондан мумкин аст;

2. Натиҷаҳо ва маводи ба дастовардаи рисолаи илмӣ метавон ҳангоми гузаронидани дарсҳои назариявӣ ва амалии типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, бахусус лексикология дар факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶумҳуриитТоҷикистон истифода шавад. Инчунин, натиҷахои таҳқиқот дар таълими курсҳои махсус дар бораи зооморфизмҳои ду забони гуногуннизом дар шакли муқоиса бо назардошти муайян сохтани умумият ва фарқият байни ин воҳидҳои луғавӣ мусоидат намояд;

3. Аз рӯйи натиҷаҳои бадастовардаи рисолаи илмӣ метавон барои донишҷӯёни бахши филология омӯзиши вожаҳои забониро дар ҳамбастагӣ бо фарҳангу таърихи миллат ба роҳ монд;

4. Натиҷаҳои диссертатсия, ҳамчунин, метавонанд бевосита муҳити зисту зиндагонӣ, шавқу рағбат, ҳавасу омол, ҳиссиёту бетарафии намояндагони ду забони омӯхташавандаро тавассути зооморфизмҳои ифодагардида нишон диҳад;

5. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ҳамчун яке аз намунаҳои барҷасатаи муқоисаи забонҳои гуногуннизом: тоҷикӣ ва англисӣ, хусусиятҳои этнолингвистӣ ва этнографии ин забонҳо ҳангоми гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳои махсус ёрӣ расонад;

6. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳамчунин барои донишҷӯён луғатномаҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зооморфӣ таҳия кардан мумкин аст;

7. Дар асоси натиҷаҳои илмии ба дастоварда, инчунин, метавон таълифи китобҳои дарсии доир ба лексикология ва таҳияи фарҳангу луғатномаҳои дузабонаи фразеологӣ, коркарди дастурҳои таълимии дузабонаро ба роҳ монд.

8. Маводи ба дастовардаи дисертатсионӣ метавонад ҳамчун маводи электронӣ дар таҳия намудани базаи электронии яке аз бахшҳои лексикологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ – зооморфизмҳо дар корпуси электронии забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ хизмат намояд.

ФЕҲРАСТИ АДАБИЁТ

1. Адабиёти илмӣ

1. Абакумова, О. Б. Семантика отыменного глагола: на материале глаголов, производных от названий животных в русском и английском языках: дис. канд. филол. наук: 10.02.01 / О.Б. Абакумова. – Орел, 1994. –174 с.
2. Абдулвалиева, З. Эквонимические отношения зоонима с общим значением «баран/овца» в плане функционально семантической микросистемы / З. Абдулвалиева.// Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук, 2015, №1 (62). – Худжанд, 2015. – С. 84-92.
3. Абдулкаримова, П. А. Фразеологические и паремиологические единицы эмотивной семантики с компонентом-зоонимом в аварском и английском языках: дис. ... канд. филол. наук: 10.02.20 /П. А. Абдулкаримова. – Махачкала, 2012. – 185 с.
4. Абдураҳимов С. Ибораҳои исмии изофӣ. Армуғони олимони ҷавон / С, Абдураҳимов. –Душанбе, 1965.
5. Азимова, М. Н. О сопоставительно-типологическом изучении таджикской фразеологии / М. Н. Азимова. // Лингво-методологические вопросы преподавания иностранных языков. – Душанбе: Дониш, 1982. –С. 34-45.
6. Азимова, М. Н. Сопоставительный анализ соматической лексики и фразеологии таджикского и английского языков: афтореферат кандидата наук: 10.02.20/ М. Н.Азимова. – Душанбе, 1980. – 19 с.
7. Алефиренко, Н.Ф. Спорные проблемы семантики/ Н.Ф. Алиференко. – М.: Гноис, 2005. – 326 с.
8. Алефиренко, Н.Ф., Семененко, Н.Н. Фразеология и паремиология: учебное пособие для бакалаврского уровня филологического образования/ Н.Ф. Алиференко, Н.Н.Семененко. - М.: Флинта: Наука, 2009. – 344 с.
9. Алихонова, С. Т. Лексико-грамматические особенности шугнанеких пословиц и поговорок / С.Т. Алихонова. – Душанбе, 2006. – 151 с.

10. Амосова, Н.М. Об английских фразеологических словарях / Н.М Амосова. – Л.: Изд-во Ленинградского университета, 1963. – 208 с.
11. Андросова, С. А., Сущевская А. С. Роль компонента-анимализма в составе французских характерологических анималистических фразеологизмов / С. А. Андросова, А. С. Сущевская // Филологические науки. Вопросы теории и практики. - Тамбов: Грамота, 2014. –№ 2 (32): в 2 х ч. Ч. I. –С. 25-27.
12. Апресян, Ю.Д. Интегральное описание языка и системная лексикография / Ю.Д. Апресян // Избранные труды. Т. II. – М: Языки русской культуры, 1995. – 472 с.
13. Апресян, Ю. Д. Лексическая семантика / Ю. Д. Апресян // Избр. труды. – М., 1995. – Т. 1. – 400 с.
14. Ахманова, О. С. О принципах и методах лингвостилистического исследования / О.С. Ахманова. - М.: Изд-во Моск. ун-та, 1966. –183 с.
15. Аюпова, Р.А. Фразеографическое описание татарского, русского и английского языков: автореф. ... докт. филол. наук: 10.02.02 / Р. А. Аюпова. - Казань, 1996. – 22 с.
16. Бабаскина, О.В. Зоосемические фразеологические единицы в современном английском языке: Дис. канд. фил.наук / О.В.Бабаскина. – Т.:2002. –232с.
17. Бабкин, А. М. Фразеология и лексикография / А.М. Бабкин // Проблемы фразеологии. – М. –Л.: Наука, 1964. – С. 7 –27.
18. Багана, Ж. Галискарова, В. Р. Обзор исследований зоолексики и вопросов терминологии: зооним, фауноним и т.д. / Ж. Багана, В.Р. Галискарова// Язык профессионального общения и лингвистические исследования: сб. ст. междунар. науч.-практ. семинара; отв. ред. Т.В.Самосенкова, Л.Г. Петрова. – Белгород, 2010. – С. 13 –16.
19. Багана, Ж. Фразеологические африканизмы, содержащие зоонимные компоненты с некоторыми представителями фауны / Ж. Багана // Современные проблемы языкознания, литературоведения, межкультурной коммуникации и лингводидактики: сб. науч. ст. междунар. науч. конф.,

Белгород, 12-14 мая 2014 г. / НИУ БелГУ, Ин-т языкознания РАН, Ун-т Ниццы-Софии Антиполис; редкол.: В.А. Виноградов и др. – Белгород, 2014. – С. 38 – 43.

20. Багана, Ж., Галискарова, В. Р. Культурологический аспект наименований некоторых представителей фауны (на материале французского языка Африки /Ж. Багана, В.Р. Галискарова// Научная мысль Кавказа. Научный и общественно-теоретический журнал, №4. –Ростов-на-Дону, 2010. – С.157-159.
21. Багана, Ж., Михайлова, Ю.С. Фаунонимическая лексика в системе языка и ее национально-культурная специфика (на материале лексических единиц «лошадь», «конь», «свинья» в русском, английском и немецком языках) / Ж. Багана, Ю.С. Михайлова// Научные ведомости Бел ГУ. Сер. Гуманитарные науки, №24(119). – Вып.12. – Белгород, 2011.–С. 84 – 93.
22. Багана, Ж., Яковлева, Е.С. Национально-культурные особенности лексем «кошка» и «собака» на материале английского и китайского языков / Ж.Багана, Е.С. Яковлева // Вестник РУДН. Серия Лингвистика.– №2 (20). – М.: Изд-во РУДН, 2016. –С. 91-100.
23. Базарова Л. В. К вопросу о соотношении языка и культуры // Образование и культура России в изменяющемся мире. – Новосибирск, 2007. – С. 72.
24. Балли, Ш. Французская стилистика 2-е изд., стереотипное. – М.: Эдиториал УРСС, 2001. –392 с.
25. Бао, Хун. Национально-культурная специфика фразеологизмов в русском и китайском языках Текст. / Бао Хун // Фразеология в контексте культуры. Ответ, ред. В.Н. Телия. –М.: Языки русской культуры, 1999. – С. 305-310.
26. Бельчиков, Ю.А. О культурном и конотативном компоненте лексики /Ю.А.Бельчиков// Язык: система и функционирование – М., 1988. –С. 30-35
27. Березовская, Е.А. Ихтиологическая лексика в говорах русского севера: автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.01 / Е.А. Березовская. –Екатеринбург, 2006. –24 с.

28. Бобомуродова, М. У. Этнолингвистическая характеристика лексики женских украшений в таджикском языке: автореф. дис. ... канд. филол. наук / М.У. Бобомуродова. – Душанбе, 2012. – 26 с.
29. Бочина, Т. Г. Зооморфизмы как семантические дериваты эмоциональной оценки // История русского языка: словообразование и формообразование. – Казань, 1997. – С. 125 -132.
30. Бобҷонова, Д. А. Номвожаҳои ифодагари ҳайвоноту махлуқоти дигар дар «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низоми Ганҷавӣ /Д.А.Бобоҷонова // Номаи Донишгоҳ, № 3(44) 2015. –Хуҷанд, 2015. – С. 23-34.
31. Брославская, Е. М. Этнокультурные особенности зооморфизмов в русском, украинском и английском языках // Вестник МСУ, 2001. – т. 4. – № 6. – С. 49 – 524.
32. Буслаев, Ф. И. Исторические очерки русской народной словесности и искусства: сборник научных трудов. Том 1.; Том 2. / Ф. И. Буслаев. – М.: «Директ-Медиа», 2014.
33. Вагнер, К.Р. Семантика и синтаксис русских народных примет с компонентом «зооним» (в зеркале английских примет): автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / К.Р. Вагнер. – Казань, 2008. – 24 с.
34. Василенко, А.П. Поэтическая фразеология Б. Пастернака. Систематизация, Культурный компонент, перевод на французский язык. Монография. – Саарбрюкен: LambertAcadeicPublishing, 2015. –196 с.
35. Вежбицкая, А. Семантические универсалии и описание языков. – М.: Языки русской культуры, 1999. – 280 с.
36. Вежбицкая, А. Язык. Культура. Познание / А. Вежбицкая. –М.: Русские словари, 1996. – 416 с.
37. Верещагин, Е. М. Лингвострановедческая теория слова / Е. М. Верещагин, В. Г. Костомаров. – М., 1980. – 234 с.
38. Верещагин, Е. М., Костомаров В. Г., Национально-культурная семантика русских фразеологизмов // Словари и лингвострановедение. –М., 1982. – С.

86 – 93.
39. Верещагин, Е.М., Костомаров, В.Г. Язык и культура / Е.М. Верещагин, В.Г. Костомаров. - М.: Индрик, 2005. –1038 с.
40. Вопросы семантики фразеологических единиц славянских, германских и романских языков. – Новгород, 1972. – 325 с.
41. Вопросы семантики фразеологических единиц. – Новгород, 1971. – 350 с.
42. Воробьёв, В. В. Лингвокульторология: Монография / В. В. Воробьёв. – Москва: РУДН, 2006. – 112 с.
43. Гаврин, С. Г. Фразеология современного русского языка. – Пермь: «Звезда», 1974. – 220 с.
44. Галимова, О.В. Этнокультурная специфика зоонимической лексики, характеризующей человека: на материале русского и немецкого языков: дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / О. В. Галимова. – Уфа, 2004. – 309 с.
45. Гафарова, К.Т. Сопоставительный анализ фразеологических единиц с зоонимами и фитонимами в таджикском, немецком и русском языках: автореферат дис…кандидата филологических наук:10.02.20/ К.Т.Гафарова. – Душанбе, 2007. – 24с.
46. Гафуров, А. Лично о собственные имена в таджикском языке./ А.Гафуров. дис. канд. фил. наук. – Душанбе, 1964. – 265 с.
47. Гафуров, А. Лично-собственные имена в таджикском языке. автореф. дис. канд. фил. наук:10.02.22. / А.Гафуров. – Душанбе, 1964. – 14 с.
48. Григорьева, Г. С. Фразеологические единицы с зоонимами в аспекте теории номинации (на материале современного английского языка) // автореф. дис. канд. филол. наук (10.02.04). / Г. С. Григорьева. – Одесса, 1985. – 16 с.
49. Гукетлова, Ф.Н. Этноспецифические особенности зооморфизмов в разносистемных языках (на материале французского, русского и кабардино-черкесского языков) / Ф. Н. Гуктелова // Известия Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена. - №84. – Москва, 2008. – С. 98 –105.

50. Гулназарзода Ж. Низоми маъноии феъл дар забони тоҷикӣ (бар мабнои осори бадеии Абдураҳмони Ҷомӣ)/ Ж. Гулназарзода. – Душанбе, 2022. – 332 с.
51. Гумилев, Л. Н. Конец и вновь начало: популярные лекции по народоведению. / Лев Гумилев. – Москва: Айрис-пресс, 2001. – 384 с.
52. Гутман, Е. А., Черёмисина М. И. Зооморфизмы в современном английском языке в сопоставлении с русским. / Е. А.Гутман, М. И. Черёмисина // В помощь преподавателям иностр. языков. Вып. 3. –Новосибирск: Наука. Сиб. отд-ние, 1972. –С. 42-59.
53. Гутман, Е. А., Черёмисина М. И. Образные значения зоонимов в словарях / Е. А.Гутман, М. И. Черёмисина // Актуальные проблемы лексикологии и словообразования (сборник научных трудов). Вып.5.–Новосибирск, 1970.– С.253 – 266.
54. Давлатов, Э. Қасас-ул-анбиё ва баъзе масъалаҳои ономастикаи он. / Э.Давлатов. – Душанбе, 2017. – 113 с.
55. Даль, В.И. Пословицы русского народа / В.И. Даль. - М: ЗАО Изд-во ЭКСМО - Пресс, Изд-во ННН, 2000. – 616 с.
56. Даль, В.И. Пословицы и поговорки русского народа / В. И. Даль. – Москва: Правда, 1987. – 654 с.
57. Даль, В. И. Пословицы и поговорки русского народа / В. И Даль. – Москва: Художественная летература,1984. – Т.1. – 383 с.
58. Даль, В.И. Пословицы русского народа / В.И. Даль. – Москва: Художественная литература, 1989. – Т.2. – 430 с.
59. Джамшедов, П. Семантика видов в русском, таджикском и английском языках. – Душанбе, 1989. – 176 с.
60. Дэнги, А. Фразеологизмы с анималистическим компонентом в русском языке: с позиции носителя венгерского языка: дис. ... канд. филол. наук: 10.02.01 /А. Дэнги. – Москва, 2002. –187 с.
61. Жаринова, О.М. Зоонимическая лексика карельского языка: дис. канд.

филол. наук: 10.02.22 /О.М.Жаринова. –Петрозаводск, 2006. – 210с.

62. Жуков, В.П. Словарь русских пословиц и поговорок / В.П.Жуков. – Москва: 1966. – 535 с.
63. Жуков, В. П. Семантика фразеологических оборотов / В. П. Жуков. – Москва: Просвещение, 1978. – 160 с.
64. Жуков, В. П. Русская фразеология: учеб. пособие. 2-е изд., испр. и доп. / В.П. Жуков. – Москва: Высшая школа, 2006. – 408 с.
65. Завалишина, Ю. Г. Зоонимы и фитонимы в русской и английской паремиологии в аспекте этнического менталитета: дис. канд. филол. наук: 10.02.01/ Ю. Г. Завалишина. – Курск, 1998. –220 с.
66. Земскова П.В. Коллоквиальные наименования лица в английском языке: автореферат дисс..кандидата филологических наук:10.02.04/ П. В. Земскова.– Нижний Новгород, 1991. – 14с.
67. Игболов, О. Ш. Лексико-семантический анализ особенностей пословиц и поговорок в таджикском и английском языках (на материале Маснавии ма’нави Джалолуддина Руми): дис. … канд. филол. наук. / О.Ш. Игболов. – Душанбе, 2017. – 166 с.
68. Иматшоева, М. Б. Выражение цветообазначения в разносистемных языках: на материале шугнано-рушанской группы языков, таджикского и английского языков: дис. … канд. филол. наук. / М. Б. Иматшоева. – Душанбе, 2010. – 150 с.
69. Имомзода, М. С. Пажӯҳише дар номшиносӣ ва номгузорӣ. /С. М. Имомзода. –Душанбе: Эр-граф, 2019. – 132 с.
70. Инчина, Ю.А. Национально-культурная специфика фразеологизмов с зоонимным компонентом в триязычной ситуации: на материале русского, английского и немецкого языков: автореф. канд. филол. наук: 10.02.20 / Ю.А. Инчина. – Москва, 2002. – 22 с.
71. Калонтаров, Я.И. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва аналогияи русии онҳо / Я.И. Калонтаров. – Душанбе, 1965. – 534 с.

72. Калонтаров, Я.И. Мудрость трех народов / Я.И. Калонтаров. – Душанбе: Адиб, 1989. – 428 с.
73. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 1967. – 168 с.
74. Карам, Р.А. Структура и семантика зоокомпозитов в русском языке: дис. канд. филол. наук: 10.02.01 /Р.А. Карам. –Елец, 2010, –206 с.
75. Карасик, В.И. Языковой круг: личность, концепты, дискурс / В.И.Карасик. – Москва: Гнозис, 2004. – 390.
76. Кацитадзе, Э. А. Метафоризация зоонимов в немецком языке: автореф. дис. … канд. филол. наук./ Э.А.Кацитадзе. – Тбилиси, 1985. – 19 с.
77. Киприянова, А. А. Функциональные особенности зооморфизмов: на материале фразеологии и паремиологии русского, английского, французского и новогреческого языков: дисс. канд. филол. наук: 10.02.19 / А. А. Киприянова. – Краснодар, 2001. – 217с.
78. Клушин, Н. А. Зоо и фитоморфизмы в английской разговорной речи // Теория и практика лингвистического описания разговорной речи./ Н. А. Клушин. – Горький, 1989. – С. 29 – 37.
79. Ковшова, М. В. Культурно-национальная специфика фразеологических единиц (когнитивные аспекты): автореф. канд. филол. наук: 10.02.01 / М. Л. Ковшова. – Москва, 1996. – 22 с.
